Бояд гуфт, ки ин достон дар замони њокимияти назарияи носолими њизбї дар боби шинохти манфиатњои фард ва љомеъа эљод шуда буд, бинобар ин њам шоир дар тасвири образи Њасан рангу бори зиёдеро ба кор бурда, ўро чун инсони азхудгузашта ба тасвир мекашад, ки аз њаќиќат бар канор аст. Дар њамин замина воќеъанигории мањз дар достон хеле зиёд аст ва он ба сохти композитсионї ва бунёди бадеии он таъсири манфї расонидааст. Шахси шоир дар достон шорењи воќеањо буда, бинобар ин њам хеле пургўст, якеро сад ва садеро њазор бор такрор мекунад.

**Асарњои Мирзо Турсунзода ва хусусиятњои муњимтарини онњо**

↓

- **Силсилаи шеърњои «Ќиссаи Њиндустон»- силсилаи «шеъри нафис», самимї, ва пурэњсос**
- **«Њасани аробакаш»- достони комилан реалистї, воќеъбин**
- **«Садои Осиё»-достон, намунаи барљастаи шеър (монолог)-и публитсистї**
- **«Духтари муќаддас»- манзума, намунаи волои шеъри таблиѓотї**
- **«Љони ширин» - намунаи волои достони пайванди лирика ва эпика**
- **«Чароѓи абадї» - достони фалсафии лирикї**
- **«Хусрав ва ширин» - дроми бењтарини адабиёти муосир**
- **«Шўриши Восеъ» - либреттои таърихии адабиёти навини тољик**

## «Тоњир ва Зўњро» - операи типи нав дар адабиёти тољик

Мутаассифона, ба таќозои ваќт ва урфи рўзгор дар замони таълифи асар ба баъд ањли танќид дар бораи ин асар њаќиќатро нагуфтаанд, балки онро аз кашфиёти адиб шинохтаанд, ки аз воќеият дур аст. Ин достонро њамчун воќеаномаи замони нав метавон пазируфт, вале чун осори асили бадеї дар баробари он суоле ќарор дорад.

**«Садои Осиё» яке аз достонњои барљастаи Мирзо Турсунзода аст. Онро муњаќќиќон чун намунаи хуби шеъри публисистї ёд кардаанд.**

Ин асар њаљман хурд буда, вале њудуди тасвир дар он хеле доманадор аст. Ин њолат, ба пайбурди А. Сатторов достонро пуршиддат кардааст ва шоир ба њамин восита њатто дар њамвортарин бањри арўз рамал садои бедории Осиёро ѓунљондааст. Ба дараљае, ки дар сатри он зангї бедорист.

**Ин достонро А. Сайфуллоев монологи лирикї номида, Х.Отахонова (монологи лирикию публисистї) донистанро бењтар медонад, ба сабаби он ки дар он «лирикаю публисистика ба њам омехтааст».**

Дар њаќиќат мавќеи муколама дар достон калон аст. Ќањрамони лирикї ба њамин васила дар боби олами њадис андеша ронад, ба муроќиба меравад. Асар оњанги ќавии публисистї ва таблиѓии сиёсї дорад.

Манзуми «Духтари муќаддас» низ асари таблиѓоти буда, аз сиёсати љањонгиронаи њизб пайгирї кардани шоирро собит мекунад.

Дар достонњои «Садои Осиё», «Љони ширин», «Чароѓи абадї» кўшиши гузориши муњимтарин масъалањои фалсафї ва таърихии замон, кўшиши ба товри доманадор фаро гирифтани воќеањо ва эљод намудани образи аз љињати психологї амиќи муосирони мо ба назар мерасад.

Дар достони «Љони ширин» љањонбинї ва тафаккури як нафар марди љањондида ва таљрибаандўхта бо эњтироми амиќ ифода гардидааст.

Мавзӯи марказии достони «Љони ширин»-ро адабиётшинос Х.Отахонова муносибати замон ва шахс, масъулияти шахс дар назди љамъият, дар назди Ватан ва умуман дар назди инсоният медонад.

Абдунабї Сатторов аз хусусияти ин асар сухан карда, ин достонро намунаи баланди ба њам омезиш ёфтан ва пайваст шудани ду љинси адабї – лирика ва эпос медонад. Беш аз ин достонро дар асл як муколамае медонад, ки дар он танњо суханони яке аз рафайн баён ёфтааст. Тарњи он аз мурољиат, руљӯъ ва хотира иборат мебошад.

Дигар аз масъалањое, ки шоир дар ин достон ба миён гузоштааст, масъалаи шахс, љамъият ва оила мебошад. Шоир масъулияти фардро дар назди оила воло шинохта, онро аз мушкилоти замона маънидод мекунад.

Дар достони «Љони ширин» тасвири бузургї ва матонати маънавии инсон, ќувваи рӯњии вай дар њадди аввал аст. Шоир дар ин асар шуљоати маънавии инсонро ситоиш мекунад. Ин консепсияи эљодии ӯро образи шоири муборизи Покистон Файз Ањмади Файз таќвият мебахшад.

Љањони маънавии ќањрамони лирикии достони «Љони ширин» бою рангин аст. Ин ќањрамон љањоншинос, њолшинос ва масъули дирӯзу имрӯз буда, аз таќдири амну осоиши дунёї меандешад. Озодї ва истиќлоли миллатњои дигар барояш аз мушкилоти замон мањсуб мешавад.

Зимнан бояд гуфт, ки дар њар ду достон шоири мо олитабор аст. Ӯ њадафњои олии инсониро њимоят мекунад, аз арзишњои умумибашарї сухан ба миён меоварад. Бехабар аз он ки њизб ва давалати Шӯрави аз ӯ барин ањли ќалам ва мардони сиёсат чун дастёрон ва пиёдасозони сиёсати худ истифода мекард.

Достони «Љони ширин» сањнаи робиатњои сарењи инсонии як нафар рӯшанфикри тољик бо њамќаламон ва намояндагони халќњои дигар аст. Дар достон мо чењрањои мањбуби фарњангу њунарро мебинем, ки њар кадом дар мавќеи худ барои адлу дод хидмат мекунанд.

Аз назари шакл достони «Љони ширин» ѓаноист (лирикї). Таносуби амиќи шакл ва маънии достон диќќатангез аст. Шоир бо забоне њарф мезанад, ки парвардаи эњсоси амиќ ва лутфу хушгӯињои мардумист. Аз ин мавќеъ сабки он соддаву малењ ва дилпазир аст.

«Чароѓи абадї» яке аз достонњои хуби Мирзо Турсунзода аст. Ин достонро адабиётшинос Ю.Бобоев «ба ќабили лирикаи фалсафи мансуб» кардааст. Шоир аз мавќеи ќањрамони лирикї ба сарнавишти инсонї ва адабии пири хирад, устод Айнї менигарад.

Сужети асар зоњиран хусусияти њасбињолї дошта, ангезањои ёду хотира дар он низ мавќеъ дорад. Воќеаи фарзанд ёфтани шоир ва истиќбол аз

адиби оламшумул ангезањои воќеаи тафаккури бадеии шоири тавоно њастанд. Аммо моњияти фикри бадеии шоир аз ин фаротар меравад. Аз як тараф шодї ва ифтихори шоирро сабаби љиддї њаст, халќи ў ба шумор меафзод: аз љониби дигар зуњури симои устод дар достон маънии амиќтари фалсафї мегирад. Ном ва нишони халќро фарзандони бономи он зиндаву поянда медоранд. Ин таъкиди рамзомези шоир маънии гурез аз ифтихороти пуч ва шинохти ќадру манзалати фарзандони баргузидаи халќро дорад. шоир аз он ки тифли нав ба дунё омад ифтихор накарда наметавонист, вале муњимтар аз ин чашми ў ба асли њаќиќат кушода аст. Фикри шоиронаи ў дар ќиёси ду њодисаи воќеї, ки низ таърихї ва фавќулода ба назар меояд, сари њикмати њазорсолаи «дусад марди љангї бењ аз сад њазор» гирењ мехўрад. Моњияти фикри шоиронаи ў бар таъкиди арзиши њунарї ва маќоми љамъиятии инсон аст. Мутаасифона бисёр муњаќќиќоне, ки (љуз Холиќ Мирзозода) дар бораи ин достон сухан кардаанд, моњияти аслии фикри адибро фурў гузошта ба тасвирњои зоњирии асар таваљљўњ кардаанд.

Агар мавќеи санъати тазодро дар достон санљем он гоњ сањењтар ба фикри бадеии шоирпай мебарем. Достон аз тасвирњои тазодї пур аст. Ин воситаи тасвир имкон додааст, ки шоир бо ќиёс њаќиќати шинохтаи хешро тафсир кунад, моњияти фикри хешро ба хонанда талќин намояд. Зимнан бояд гуфт, ки санъати тазод дар бисёр мавридњо на бо маќсади ин кор, баки тафсиру таќвияти њодисаи матлуб (як, ду ва зиёда) омадааст. Масалан, истиќболи зодани тифл, ки идомати њаёт ва рўзгори волидон аст ва пири баргузидаи рўзгор, ки сазовори ифтихор ва пайгирист, тасвирњое дар муќобили њам њастанд, вале њамдигарро инкор намекунанд, балки таќвият мебахшанд, аз љињати ѓунљоиши маънї ба фикри муаллиф вусъати фавќулодда ато мекунанд. Ин вусъати маънавиро шоир ба василаи ошкор сохтани хилќати инсонии ќањрамононаш дарёфтааст. Ба ин васила мо ба ашхосе рў ба рў мешавем, ки аз навари хилќат ва њиммат аз њам фарќи љиддї доранд, балки якдигарро инкор мекунанд. Ин консепсияи фикриашро шоир ба воситаи тасвири симои марди аз тавлиди духтар андўњгин ва норозї ва фарди дигаре, ки барояш ба дунё омадани инсон, хоњ писар бошаду хоњ духтар баробар арзишноканд, ифода кардааст.

Ќисматњои достон, ки «Интизорї», «Мулоќоти аввал», «Мулоќоти дуюм» ва «Дар боѓ» унвон доранд, зина-зина фикри бадеии шоирро ќувват мебахшанд.

Дар достон образи –

Куњансоле, ки дида ду замонро,
Ѓаму андўњу шодии љањонро –

маќоми хос дорад. Ба навъе бо ин достон шоир дар пои мазори ин марди таърих, яъне устод Айнї чароѓи абадї гузоштааст. Чароѓе, ки маѓзњоро рўшанї мебахшад.

Шоир муваффаќ шудааст, ки дар достон симои ботинї ва зоњирии Айниро офарад. Ба ин маќсад вай чењраи устодро аз оинаи таърих берун меоварад. Дар ин равиш сарнавишти Айнї барои ў таърихи зинда ва судманд ба назар меояд. Сарнавиште, ки аз сарнавишти халќ људо тасаввур намешавад. Балки ба ифодаи Бозор Собир, «халќ дар ўву ў дар халќ зиндааст».

Дар достон як силсила образњои дигар низ тасвир шудаанд, ки њар кадом дар муайян сохтани консепсияи эљодии шоир мавќеи муњим доранд. Яке аз образњои асосии дигар, ки хати андешаи шоирро тањрир мебахшад, образи шоир аст. Ин образро наметавон васила гуфт, балки бори маънавии достон бар дўши ин образ аст. Шоир дунёи андешаи хонандаро тањрик мебахшад, ўро барои дарёфт ва шинохти њаќиќат ёрї мекунад. Бо сарнавишти одамон, таърих ва масоили ахлоќиву иљтимої рў ба рў мегузорад, то ки аз ин њама хонандааш бардошти маънавї ва ахлоќї дошта бошад.

Ин достонро муњаќќиќон аз назари шакл њар хел тавсиф кардаанд. Яке достони лирикии фалсафї гуфта (Ю.Бобоев, Х.Отахонова) дигаре лирикию эпикї (Х.Мирзозода). шакли онро чи гуна тавсиф накунем моњияти аслии достон таѓир нахоњад ёфт. «Чароѓи абадї» андешањои фалсафии шоирро дар бораи дунё, инсон, шахсият, муњит, љомеъ ва бархўрди фард ба онњо дар бар мегирад. Ин достони Турсунзода асарест дар бораи инсон, инсони њунар ва маќоми љамъиятии он, дар бораи табиат, ифтихороти миллат ва шинохти њастии маънавии марди њунар.

Мирзо Турсунзода дар инкишофи драматургияи тољик низ хидмати шоён кардаат. Драмаи «Хусрав ва Ширин», ки яке аз бењтарин дромњои тољикист ва бо њамќаламии Абдусалом Дењотї эљод шудааст, солњои тўлони сањнаи театрњои тољикиро зеб додааст. Ин дром дар заминаи достони классикии «Хусрав ва Ширин» ривояти ишќи шўрангези ду дилдода таълиф шуда, оњанги амиќи замонї дорад.

Мирзо Турсунзода муаллифи яке аз нахустин либреттои тољикї – «Шўриши Восеъ» аст. Матни яке аз аввалин операњои тољикї – «Тоњир ва Зўњро» низ ба ќалами ў таалуќ дорад.

Ин шоири љањонгаштаи тољик дар таърихи фарњанги тољикї маќоми ба худ хос дорад. Ў њам марди сиёсат ва њам адабиёт буд. Худи ў дар фаъолияташ адабиёт ва санъатро тавъам шинохта, шояд бештарин фурсати

умраш дар роњи таблиѓи сиёсати Шўравї дар хориља гузашт, ки албатта сањифањои пурсамар низ дошт. Бешак, фаъолияти ў дар тањкими робитањои дўстии халќњо ва пайвандњои фарњангї сањми муфид гузоштааст.

Вале ў дар таърихи фарњангу адаби тољикї ќабл аз њама чун шоир боќї мемонад. Сањифањои нуронии осораш барои наслњои баъдї хидмат хоњад кард.

Хидмати адабии Турсунзодаро дар таърихи фарњанги тољикї вобаста ба сиёсати равоии давлат ва њизб бояд арзёбї кард. Агар аз њамин мавќеъ фаъолияти ўро баррасї кунем, мебинем,к и муносибати ў ба осори фарњангии гузаштагон дугона будааст. Вобаста ба таќозои сиёсати расмї солњое буданд, ки Турсунзодаро ба омўзиш ва нашри мероси классикї назари манфї дошт. Вале ин сањви љиддиро ў солњои баъд ислоњ кард. Ба нашр ва интишори осори классикї, махсусан шеър мусоидат намуд. Балки худаш низ бењтарин шеърњои солњои охирашро дар шакл ва равияи суннатї эљод кард, ки пурарзиш њастанд. Дар шакли ѓазалу рубої ва дубаёти шеър гуфтани Лоиќро самимона дастгирї кард.

**Мавзўъ: Чистон ва латифа**

Масъалаҳои асосӣ:
Истилоҳи «чистон» аз ибораи «чист он?» гирифта шудааст.

Чистон дар шакли кўтоҳи назмӣ ё насмӣ гуфта мешавад.

Дар он ашё ва ё ҳодисае дар асоси баёни хусусиятҳояш ба тарзи мачомӣ тасвир меёбад.

Чистон аз савол ва чавоб иборат аст. Дар қисми савол сурати мачозии ашё ва ҳодисаҳои зиндамӣ тавсиф шуда, дар қисми чавоб маънии аслии ашё ва ё ҳодисаҳо ифода карда мешавад.

Чистонҳо, ки саволи басо нозуку оқилонаро дар замир доранд, барои инкишофи зирамӣ, ақлу заковат, нозукфаҳмӣ, ҳозирчавомӣ ва дигар

хислатҳои неки инсомӣ ёмӣ мерасонанд. Чистонҳо аз тачрибаҳои бои халқ ҳосил шудаанд.

Чистонгӯй дар гузашта бештар дар байни деҳқонон ва ҳунармандон одат буд. Одамони меҳнамӣ чистонро шабона — дар вақти истироҳат ва рӯзона ҳангоми дамгимӣ мегуфтанд.

Чистон дар байни бачаҳо низ хеле бисёр истифода мешавад. ёбанда ва кушояндаи чистон бояд тамоми хосиятҳои предметҳоро донад.

Гоҳо барои ёфтани чавоби чистонҳои нисбатан мураккаб саволҳои иловамӣ талаб карда мешавад. ёбанда ва гӯяндаи чистон дар хусуси чондору бечон, хурду калон будани ашёи пинҳон дошташуда ва дигар чиҳатҳои ба худ хоси он як қатор саволҳо дода, бо ёрии онҳо аломат ва хусусиятҳои онро равшантар менамояд. Вақте ки чавоби ин саволҳо гирифта шуд, ёбанда фикрашро ба як тараф равона мекунад ва чизи пинҳоншударо пайдо карда метавонад.

Дар чистон баъзан масъалаҳои математимӣ ҳам дода мешаванд. Дар ин гуна чистонҳо ёбанда дар бораи ташбеҳу истиораҳо фикр накарда, бевосита ба муайян намудани ин ё он адади номаълум диққат мекунад.

Чистонҳои халқӣ одатан, аз ду-чор сатр зиёд нестанд. Чистонҳои дар як сатр гуфташуда зоҳиран наср бошанд ҳам, ботинан ба қонунҳои назм тобеъанд.

Дар байни бачаҳо як навъи чистонгӯй ҳаст, ки онро чистон-булбулон мегӯянд. Онро як навъ бозии бачагона гуфтан ҳам мумкин аст.

Рафти ин бомӣ чуни наст:

Саволдиҳанда бошандагони хонаеро интихоб карда, савол медиҳад:

Чистон, чистон, булбулон хонаи кист?

Бачаҳои дигар мепурсанд:

Чанд марду чанд зан?

Саволдиҳанда миқдори зану мардҳои хонаи дар назар доштаашро мегӯяд. Дигарон хонаҳои деҳаашонро як-як ба хотир оварда, муайян мекунанд, ки саволдиҳанда кадом хонаро дар назар дорад. Каси чавоби аниқ гуфта навбат мегирад. Агар ёфта натавонад, ба чистонгӯй «таслим шуда», қишлоқашро «пешкаш» мекунад, яъне «шаҳрашро медиҳад», яъне бозиро бой медиҳад. Чистонгӯй: «Ман бихӯрам қанду асал, шумо бихӯред ғӯраи талх, ман

биафтам рӯи зар, шумо биафтед ба поруи хар», гуфта ҳарифонашро мазаммат мекунад ва пас ҷавоби чистонро мегӯяд.

Чистон аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷаи ғоямӣ ҳамеша ба ҳақиқати зиндамӣ, ҳодиса ва ашёҳо вобаста аст. Чистонҳо, асосан оиди олоту воситаҳои меҳнамӣ, асбобу ашёҳо, табиат ва ҳодисаҳои он, чирмҳои осмомӣ, зироату сабзавот, ҳайвоноту паррандагон, узвҳои одамӣ ва ғайра гуфта шуда, дар онҳо ташбеҳ, киноя, истиора барин воситаҳои тасвири бадей истифода мегарданд.

Як қатор чистонҳое ҳастанд, ки онҳо хусусияти афсонамӣ доранд. Чунин чистонҳоро чистон-афсона мегӯянд.

ғайр аз чистонҳои хурдакаки кӯтоҳмисраъ боз чистон-шеърҳое низ мавчуданд, ки ба тавсифи ин ё он предмет, ҳайвон ё инсон бахшида шудаанд. Ин гуна шеър-чистонҳо бештар дар адабиёти хатмӣ дучор мешаванд ва муаллифи муайян доранд. Онҳо нисбат ба чистонҳои халқӣ калонтар мебошанд. Ба ин чистонҳои Восимӣ «Шоҳмот», «Шафтолу», «Шатранч», «Офтоб» чистони Лоҳутӣ «Тӯдаи булбулон», чистонҳои Деҳомӣ «Трактор», Латофат Кенчаева «Нилуфар» ва монанди инҳоро дохил кардан мумкин аст.

**Намунаҳо аз чистонҳои халқӣ**

Як суфача, панч бибича.

*(Кафи дасту панчаҳо)*

Аз саг паст, аз асп баланд.

*(Зини асп)*

Худаш якта, чашмаш садта.

*(ғалбер)*

Як чодари зангомӣ,

Шабҳо пуру рӯз хомӣ.

*(Осмон ва ситораҳо)*

Мепараду болаш нест,

Мегардаду пояш нест,

Чингиласар, мўяш нест,

Ранг дораду бўяш нест.

*(Абр)*

Дуто дорад осмонкўб,

Якто дорад заминрўб.

Чорто дорад рўғанӣ,

Чорто дорад заминкўб.

*(Модагов)*

Як саволе аз ту дорам, эй рафиқи боҳунар,

Дар биёбоне бидидам як ачоиб чонвар.

Морчашму мўрпо, лайлакпару аждаршикам,

Шутурзону, филгардон, шерсина, аспсар.

*(Малах)*

Чист он гирдгунбади бепўст,

Пўст дар пўст гирди якдигар.

Ҳар ки бикшояд ин муамморо,

Рухаш аз оби дида гардат тар?

*(Пиёз)*

Дар биёбон як гиёҳе ҳаст, ки онро хар хўрад,

Гар ба дасти шоҳ афтад, мулки Искандар хўрад.

Меравад роҳи сафед, қай мекунад хуни сиёҳ,

Гар зи раҳ рафтан бимонад, *бар сараш ханчар хўрад.*

*(Қалам)*

Ҳамдаме дорам, ки беовоз сўҳбат мекунад,

Бе даҳону бе забон нақлу ривоят мекунад.

Хуш ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,

Аз кадомин фан, ки хоҳӣ ӯ ҳикоят мекунад.

*(Китоб)*

Мисли тарбуз лӯнда аст,  аммо нарӯяд аз замин,

Бе замин асло намешуд шакли вай тарбуз барин.

Гар ту ҳастӣ бохабар аз илми  олам чист он?

Бе ҳамон ҳаргиз надомӣ рӯи олам инчунин.

*(Глобус)*

**Чистон-масъалаҳо**

Аз осмон як гурӯҳ ғозҳо парида мегузаштанд. Як ғоз аз поён ба онҳо мурочиат карда гуфт:

- Ҳой, сад ғози паррон, маро низ ҳамроҳатон баред! Яке аз ғозҳо аз осмон гуфт:

- Рафиқ, мо садто нестем. Агар ба мо боз баробари худамон ва нисфи худамон ва нисфи нисфамон ғоз ҳамроҳ шавад ва боз ту ҳамроҳ шамӣ, баъд сад ғоз мешавем.

Шумо гӯёд, ки ғозҳои парвозкунанда чандто буданд?

*Чавоб:*

*ғозҳо 36-то буд, ба онҳо боз 36, 18, 9 ва як ғози дигар ҳамроҳ шавад, миқдораш ба 100 мерасад.*

* * *

Рӯзе аз як мӯйсафед пурсиданд:

- Бобо, камӣ гӯед,  писаратон чандсола шудааст?

- Набераам чандрӯза, ки шуда бошад, писарам ҳамин қадар ҳафта зиндамӣ кардааст.

- Набераатон ба чанд расидааст?

- Ман чандсола, ки бошам,  вай ҳамин қадар моҳ зиндагомӣ кардааст.

- Шумо чандсола шудаед?

- Ману писару набераам - ҳар се якчоя сад сол дорем. Ана акнун ҳисоб карда фаҳмед, ки синну соли ҳар яки  мо чанд аст?

*Чавоб:*

*Набераи бобо панчсола, писараш сиюпанчсола ва худи ӯ шастсола шудааст.*

**Чистонҳои  китобӣ**

ОФТОБ

Кист он султони  гардунрифъати олампаноҳ,

Мулки оамро мусаххар карда бе хайлу сипоҳ?

Гарчи бошад бениҳоят фасҳати иқлими ӯ,

Пеши рахши хинг сайри ӯ бувад якрӯза роҳ?

Душманаш бошад сипоҳи шому дар чавлонгаҳаш –

Шаб ҳама  шаб резаҳои шиша мерезад ба роҳ?..

*Зайниддин Маҳмуди Восифӣ*

**ТРАКТОР**

Аспе дорам беозор,

Хушсурату хушрафтор,

Монда намешавад ҳеч,

Доим ба гаштан тайёр.

Хӯрокаш обу бензин,

Поҳош бошад – аз резин.

*Абдусалом Деҳотӣ*

**ГУЛИ ЗЕБО**

Ҳафт ҳарфу як калима,

Номи хушрӯ, номи духтар.

Як гул аз гулҳои омӣ,

Ҳамсадо бо номи «ахтар».

Маънии се ҳарфи аввал

Мешавад як номи дарё.

Як ҳичо, лекин биёмӣ,

Ҳам гиёҳу ранги зебо.

«Ҳусн» дар се ҳарфи охир,

Маъниаш ҳам «нур» бошад.

Чор ҳарфаш созу рақсе,

К-он ба дил манзур бошад.

*Латофат Кенчаева*

**Саволҳо:**

*Мӣ хел асари бадеиро чистон мегӯянд?*

*Мавзӯъҳои асосии чистонҳо аз чиҳо иборатанд?*

*Дар чистон кадом воситаҳои тасвири бадей кор фармуда мешавад?*

*Чистон-афсонаҳо мӣ гунна хусусиятҳо доранд?*

*Мӣ хел чистонҳоро чистон-масъала ё чистонҳои математимӣ мегӯянд?*

*Чистон-булбулон чист?*

*Кадом шоирон чистонҳо эчод кардаанд?*

*Шеър-чистонро маънидод намоед. ?*

**Супоришот:**

*Чистонҳоро аз ёд кунед.*

*Аз калонсолон ва рафиқонатон чистонҳои навро навишта гиред ва онҳоро ба дигарон гӯед.*

*Худатон низ чистон эчод кунед.*

***Адабиёт***

Каримов И. А. Тарихий хотирасиз келажак йўқ, «Шарқ», Тошкент, 1998.

Асромӣ В. Жанрҳои хурди фолкломӣ, Душанбе, 1990.

Дастуруламал оид ба чамъ кардани эчодиёти даҳанакии халқ, Сталинобод, 1960.

Қамарзода А. Адабиёт, китоби дармӣ барои синфи 5, Тошканд, 2005.

Сӯфиев А. Чистонҳои халқии тоҷимӣ, Душанбе, 1972.

Чистонҳо, Душанбе, 1962.

**Латифаҳои халқӣ**

*Масъалаҳои асосӣ:*

*Мафҳуми истилоҳӣ ва жанрии латифа.*

*Сайри таърихӣ, мавзӯъ ва образҳои латифа.*

*Таъсири жании лати фа ба адабиёти китобӣ.*

*Мавзӯъ ва ғояи ичтмоии латифаҳои халқӣ.*

*Латфаҳои маҳаллӣ ва қаҳрамонони онҳо.*

*Таърихи гирдоварӣ ва тадқиқи латифа.*

*Адибони латифагӯ.*

*Аҳамияти ичтимоии латифаҳои халқӣ.*

Латифа яке аз намудҳои васеъ паҳншудаи эчодиёти даҳанакии халқ мебошад. Вай дар адабиёти ҳамаи халқҳои чаҳон дучор меояд. Истилоҳи *латифа* аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш сухани нозук гуфтан аст. Ҳикоятҳои хурдеро, ки мазмуни ҳазломез, лутф ва ҳачмӣ доранд, латифа меноманд.

Дар латифаҳо одатан бо лутфе, яъне гуфтори нозуки ҳозирчавобона фикри асосӣ чамъбаст карда мешавад. Эчодкунандагони латифа бештар муаллифони номаълуманд, ки аз байни халқ баромадаанд. Қаҳрамонони асосии латифаҳои халқии тоҷик Насриддин Афандӣ ва Мулло Мушфиқӣ мебошанд. Инчунин латифаҳое ҳастанд, ки ба номи маҳалҳои чудогона вобастаанд. Аз чумла дар Самарқанд маҳаллатиҳо, дар Бухоро шириниҳо, дар Хучанд румониҳо, дар Ургут камонгарониҳо бо хусусиятҳои соддалавҳӣ, ҳозирчавомӣ, поктинатии худ ҳамчун қаҳрамони латифаҳои халқӣ ном баровардаанд.

Баъзе нависандагон латифаҳои халқиро чамъ ва таҳрир намуда, мачмӯаҳо тартиб додаанд. Китобҳои Муҳаммад Авфии Бухорой «Чавомеъ-ул-ҳикоёт», Убайди Зокомӣ «Рисолаи дилкушо» аз ҳамин қабиланд. Баъзе адибон баробари чамъ овардани латифаҳои халқӣ худашон низ латифаҳо офаридаанд. Дар адбиёти тоҷики асри бистум Абдусалом Деҳомӣ, Самад ғамӣ, аз адибони муосири мо Бахтиёр Чумъа аз ҳамин қабил адибон мебошанд..

Дар асарҳои адибони мумтоз, аз чумла, дар «Маснамӣ»-и Чалолиддини Румӣ (Балмӣ), «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Чомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восимӣ, «ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ низ истифода бурдан аз латифаҳои халқӣ ба назар мерасад

Латифаҳо дар мавзӯъҳои гуногуни ичтимой, сиёмӣ, маимӣ гуфта мешаванд.

***Ин саллаю ҷомаи ман набудааст...***

Мушфиқӣ шабе аз як пасткӯчаи Бухоро гузашта истода дид, ки дар сари роҳ як маст чурт парида хобидааст. Мушфиқӣ он мастро ин тараф ва он тараф ғелонда диду шинохт, ки раиси шаҳр будааст. Ба даҳону биниаш боб карда се-чор лағад фуровард. Аммо маст ҳушёр нашуд. Баъд Мушфиқӣ саллаю чомаи вайро кашида гирифту ба роҳаш рафт.

Саҳамӣ раис ҳушёр шуда, ба раисхона рафту ба мулозимонаш гуфт:

— Имшаб аз хона саллаю чомаи маро duздида рафтаанд. Шумоҳо дар кӯчаю бозорҳо диққат карда гардетон, ҳамин чизҳои маро дар даст ё дар сару тани ягон кас дида шиносетон, ҳамон одамро ба пеши ман гирифта биёретон!

Мулозимони раис дар кӯчаҳо гашта истода буданд, ки баногоҳ чашмашон ба Мушфиқӣ афтоду дар сару тани вай саллаю чомаи раисро шинохтанд ва ӯро кашола карда ба раисхона бурданд. Раис Мушфиқиро дида дарғазаб шуду дӯғ зад:

— Саллаю чомаи ман аз кучо ба дасти ту расид?

Мушфиқӣ бо оромӣ чавоб дод:

— Тақсир, аввал пурсиш, баъд кушиш гуфтаанд. Ман дина шаб аз фалон пасткӯча гузашта истода, ба як маст вохӯрдам, ки дар сари роҳ ба хоку лой чӯлида хобидааст, се-чор лағад кӯфтам, ҳушёр нашуд. Охир саллаю чомаашро кашида гирифтам. Агар ҳамон маст шумо бошед, ин саллаю чома ҳам аз они шумо буда-гист, марҳамат карда гиред!

Раис дид, ки аз ин гап шарманда мешавад, гуфт:

— Не, не, ин саллаю ўомаи ман набудааст, ба корат рафтан гир!

***Фақат дар даруни тобут набошед!***

Аз Мушфиқӣ пурсидаанд, ки дар вақти ба қабристон бурдани тобути мурда аз рӯи ҳукми шаръ ба кадом тарафи тобут истодан чоиз аст?

Мушфиқӣ чавоб додааст.

— Ба ҳар кадом тарафи тобут истед — ихтиёр ба худатон, фақат дар даруни тобут набошед шудааст!

***Луч гӯронед ҳам майлаш***

Мушфиқӣ аз хӯчаинаш пурсид:

— Агар ман мурам, мӣ навъ мегӯронед?

Мӣ навъ мегӯронам. Чор газ карбос мегираму кафан дӯзонда мурдаатонро ба вай печонда, ба мазор мефиристонам, ба гӯре метиқонанду мемонанд-дия, — гуфт хӯчаин дар чавоб.

— Ин тавр бошад, — гуфт Мушфиқӣ, — биёед дар вақти зиндагиам ба ман як курта-эзори карбос дӯзонда диҳед. Баъд аз мурданам луч гӯронед ҳам майлаш.

***Фақат шумо кати ман мондем***

Падари Мушфиқӣ молу ашёи зиёде дошт. Вақте ки вай мурд, қозикалони шаҳр Мушфиқиро чеғ зада пурсид:

— Аз падарат чиҳо мерос монданд?

Мушфиқӣ гуфт:

— Аз падарам бисёр чизҳо мерос монд, аммо аз меросхӯрҳо фақат шумо кати ман мондем.

***Дузд ва Мушфиқӣ***

Шабе ба хонаи Мушфиқӣ дузд даромад, ҳар чанд чор тарафро кофт, чизе наёфт. Аммо дузд умедашро наканда токчаҳо, зери болорҳо ва тагҳои синчҳоро даст-даст карда медид...

Мушфиқӣ, ки бедор буд, баъд аз хеле саргардон шудани дузд ба вай гуфт:

— Бародар, беҳуда ташвиш накашед! Ман аз ин хона дар рӯзи равшан чизе намеёбаму шумо дар шаби торик мӣ мекобед?

***Гапи ту ҳам ҳақ аст!***

Мушфиқӣ ба мансаби қозии шаҳр таъин шуда буд ва аксар вақт арзи мардумро дар хонаи худаш мепурсид. Як рӯз касе омада аз ҳамсояи худ шикоят карда гуфт:

— Вай бачаи маро бегуноҳ зад, баъд ман ҳам вайро задам. Ҳамин кори ман ҳақ аст ё не?

— Ҳақ аст! — гуфт Мушфиқӣ.

Баъд аз баромада рафтани ин арзкунанда ҳамсояи вай даромада арз кард:

— Ман бачаи вайро назадаам. Аммо вай маро беҳуда зад. Ҳамин кори вай ҳақ аст ё ноҳақ?

— Ҳақ аст! Ҳақ аст! — гуфта сухани вайро ҳам тасдиқ кард Мушфиқӣ.

Зани Мушфиқӣ, ки аз ин «арзпурсии» шавҳараш хабардор буд, ҳайрон шуда гуфт:

— Шумо мӣ хел қомӣ, ки ба ҳар ду арзкунанда ҳам як ранг ҷавоб дода фиристодед. Охир гапи кадоми онҳо ҳақ буду кадомаш ноҳақ?

Мушфиқӣ дар ҷавоб гуфт:

— Занак, ин гапи ту ҳам ҳақ аст!

***Масъала ранги дигар мегирад***

Насриддин Афандӣ чанд рӯз дар шаҳри худ қомӣ шуда буд. Дар аснои қозигии Афандӣ касе ба пеши ӯ омада арз кард:

— Ман ба худи шумо як мурофиаи шаръӣ дорам, ин мурофиаро мӣ мепурсад?

— Худам мепурсам! — гуфт мулло Насриддин. — Даъвоятро бигӯй.

— Барзагови шумо дар кӯча гови маро зада кушт, бояд аз рӯи шариат шумо товони гови маро диҳед! — гуфт он одам.

— Ҳайвон як ҷонзоди беақл аст, аз рӯи шариат ба кори беақлон касе ҷавобгар намешавад! — гуфт Афандӣ.

— Не, ман саҳв кардаам, — гуфт он одам, — гови ман гови шуморо зада кушт. Дар ин бора шумо мӣ мегӯед?

— Ин тавр бошад, масъала ранги дигар мегирад, — гуфт Афандӣ бо ҳаяҷон, — дар ин сурат соҳиби ҳайвони зананда ҷавобгар мешавад.

***Бояд имсол баробар шуда бошем***

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Шумо калонед ё занатон?

Афандӣ гуфт:

— Соли гузашта падарам гуфта буд: «занат аз ту як сол хурд аст». Бояд имсол баробар шуда бошем.

***Моҳ манфиатноктар аст ё офтоб***

Аз Афандӣ пурсиданд, ки моҳ манфиатноктар аст ё офтоб?

Афандӣ чавоб дод:

— Азбаски офтоб рӯзона мебарояд ва дар рӯз ба рӯшноӣ эҳтиёч нест, вай он қадар манфиат надорад. Моҳ, ки дар шаби торик баромада рӯи дунёро равшан мекунад, албатта манфиактноктар аст!

***«Бузам ба хотирам омад...»***

Мушфиқӣ як рӯзи чумъа аз пеши масчиде гузашта истода шунид, ки имом бо овози баланди ларзишнок қироат карда истодааст. Даромада ба қатори қавмҳо истоду дар айни авчи қироат гиря карда сар дод. Баъд аз тамом шудани намоз имом ба Мушфиқӣ гуфт:

Аз афташ қироати ман бисёр таъсир кард, ки гиряатон омад? — гуфт Мушфиқӣ, — як бузи фарбеҳ доштам, ки ба наздимӣ ҳаром мурд. Овозаш монанди овози шумо ларзон ва ришаш худди риши шумо барин дарози тунук буд. ҳамон бузам ба хотирам омаду гиря кардам...»

**Савол:**

*Мӣ хел асарҳои адабиёти бадеиро латифа мегӯянд?*

*Латифа бо кадом мақсад гуфта мешавад?*

*Дар латифаҳои болоӣ кадом хислатҳои одамон ҳачв карда шудааст?*

*Кадом адибони тоҷик дар асоси латифаҳои халқӣ асарҳо навиштаанд?*

*Боз кадом қаҳрамонҳои латифаҳои халқиро медонед?*

**Супоришот:**

*1. Аз ҳаёти худ ягон лаҳзаи латифабобро ба хотир оварда нақл карда диҳед.*

*2. Аз одамони зарофатгӯӣ латифаҳои шунидаатонро навишта гиред ва онҳоро гуфта диҳед.*

***Адабиёт***

Асромӣ В. Адабиёт ва фолклор, Душанбе, 1967.

Асромӣ В., Амонов Р. Эчодиёти даҳанакии халқи тоҷик, Душанбе, 1980.

Асромӣ В. Жанрҳои хурди фолкломӣ, Душанбе, 1990.

Дастуруламал оид ба чамъ кардани эчодиёти даҳанакии халқ, Сталинобод, 1960.

Латифаҳо, Душанбе, 1994.

Маҳдиев С. Проблемаи жанри латифа, Душанбе, 1977.

Раҳмомӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ, Душанбе, 1999.

Убайди Зокомӣ. Рисолаи дилкушо, Душанбе, 1991.

Ҳодизода Р. Ҳикоятҳои халқӣ дар «Маснамӣ»-и Чалолиддини Румӣ., Душанбе, 1973.

**Достони «Гӯрӯғлӣ»**

*Масъалаҳои асосӣ:*

*Мафҳуми луғамӣ ва истилоҳи достон.*

*Мавзӯъ ва мундаричаи ғоявии достони «Гӯрӯғли»*

*Вазну қофия, санъатҳои бадеи достон.*

*Санъати гӯрӯғлисарой.*

Достони «Гӯрӯғли» давоми мантиқии достонҳои «Рустами Достон», «Шерак», «Спитамен»ва ғайра дар шароити нави таърима̄.

Достони «Гӯрӯқғли»-и тоҷикон тафовут ва муносибати он бюо достонҳо халқии туркзабон.

Мавзӯъ, сужет, образ ва мундаричаи ғоявии достон. Вазн,офия ва санъатҳои бадеии достони «Гӯрӯғли».

Достони «Гӯрӯғли» - асари милллии мардуми тоҷик ва муносибати он бо халқҳои туркзщабон.

Тарзи ичро ва мактаби гӯрӯғлихомӣ дар Тоҷикистон.

Анъанаи гӯрӯғлисарой ва мақоми гӯрӯғлисароёни тоҷик – Бобо.нус Худойдодзода, Қурбон Чалил, Ҳикмат Ризо, Одина Шакар, Ҳақназар Кабут, Қурбонамӣ Рачаб дар таҳаввул ва инкишофи достон. «Гӯрӯғли» ва афсона. Образҳои асосии достон ва санъати таъсири амалиёти онҳо. ғояҳои меҳнатдӯммӣ, қаҳрамомӣ, озодихоҳӣ, ватанпарвамӣ ва адолатхоҳӣ дар достон. Тасвири воқиаҳои таъримӣ, лаҳзаҳои лирикиву романтимӣ, сабку гуфтор, банду баст, оғоз ва анчоми достон. Таърихи сабту гирдовамӣ ва тадқиқу нашри достони ««Гӯрӯғли».

***Саволҳо***

*Дар бораи таърихи айдоиши достонҳои халқӣ ва мақоми «Гӯрӯғли» дар байни онҳо. маълумот диҳед.*

*Чиҳатҳои ҳаёмӣ ва афсонавии достонро гуфта диҳед.*

*Гӯрӯғлисароёни номии точи кро номбар кунед.*

*Образҳои асосӣ ва ҷойи воқеаҳои асарро гуфта диҳед.*

*Хусусиятҳои бадеии достони «Гӯрӯғли»-ро маънидод намоед.*

***Адабиёт***

Каримов И. А. Туркистон - умумий уйимиз, «ўзбекистон», Тошкент, 1995.

Каримов И. А. Тарихий хотирасиз келажак йўқ, «Шарқ», Тошкент, 1998.

ғафуров Б. Тоҷикон, китобҳои 1 ва 2, Душанбе, 1983, 1985.

Дастуруламал оид ба чамъ кардани эчодиёти даҳанакии халқ, Сталинобод, 1960.

Гӯрӯғли, чилдҳои 1-3 , Душанбе, 1963.

**Савол:**

*Мӣ хел асарҳои адабиёти бадеиро латифа мегӯянд?*

*Латифа бо кадом мақсад гуфта мешавад?*

*Дар латифаҳои болой кадом хислатҳои одамон ҳачв карда шудааст?*

*Кадом адибони тоҷик дар асоси латифаҳои халқӣ асарҳо навиштаанд?*

*Боз кадом қаҳрамонҳои латифаҳои халқиро медонед?*

**Супоришот:**

*1. Аз ҳаёти худ ягон лаҳзаи латифабобро ба хотир оварда нақл карда диҳед.*

*2. Аз одамони зарофатгӯй латифаҳои шунидаатонро навишта гиред ва онҳоро гуфта диҳед.*

***Адабиёт***

Асромӣ В. Адабиёт ва фолклор, Душанбе, 1967.

Асромӣ В., Амонов Р. Эчодиёти даҳанакии халқи тоҷик, Душанбе, 1980.

Асромӣ В. Жанрҳои хурди фолкломӣ, Душанбе, 1990.

Дастуруламал оид ба чамъ кардани эчодиёти даҳанакии халқ, Сталинобод, 1960.

Латифаҳо, Душанбе, 1994.

Маҳдиев С. Проблемаи жанри латифа, Душанбе, 1977.

Раҳмомӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ, Душанбе, 1999.

Убайди Зокомӣ. Рисолаи дилкушо, Душанбе, 1991.

Ҳодизода Р. Ҳикоятҳои халқӣ дар «Маснамӣ»-и Чалолиддини Румӣ., Душанбе, 1973.

**Мавзӯъ: Афсона ва хелҳои он**

*Масъалаҳои асосӣ:*

*Афсона – насри бадеии қадимаи фолклори тоҷик.*

*Жанри афсона ва намудҳои он.*

*Санъати афсонагӯй.*

*Афсонаҳои китобӣ ва нависандагони афсонапардоз.*

Афсона яке аз қадимтарин ва маъмултарин намуди эчодиёти даҳанакаии халқ мебошад. Афсонаҳое, ки ҳоло ҳам дар байни мардум ҳастанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки таърихи онҳо ба замонҳои қадим рафта мерасанд. Дар афсонаҳо ҳодисаю воқеаҳои бофтаю хаёмӣ ва саргузаштҳои ачоибу ғароиб тасвири худро ёфтаанд. Асоси онҳоро бовамӣ ба ғалабаи қувваҳои немӣ бар бадӣ, чомаи амал пӯшидани орзую умеди мардум, беҳтар шудани зиндамӣ, тарғиби накӯкомӣ ва инсофу адолат, даъват ба мубориза барои озодии инсон ташкил медиҳанд.

Афсонаҳои халқӣ аз чиҳати мазмуни худ гуногунанд.

*Афсонаҳои сеҳрангез.*

*Афсонаҳои ишқӣ-романтимӣ.*

*Афсонаҳои ҳаёмӣ-маимӣ.*

*Афсонаҳои тамсимӣ.*

*Афсонаҳои баҳодумӣ ва қаҳрамомӣ.*

*Афсонаҳои ҳачмӣ.*

Шаклҳои паҳншудаи он афсонаҳои қаҳрамомӣ, ҳачмӣ, раммӣ, хаёмӣ, оиламӣ-маимӣ мебошанд.

Халқи тоҷик дар афсонаҳои худ қаҳрамониҳои мардуми меҳнаткаш, адолатпарвамӣ, вафодомӣ, садоқатмандӣ барин хислатҳои неки инсониро тараннум кардааст. Ин маъниро дар афсонаҳои халқии «Подшоҳ ва духтари оҳангар», «Кали зирак», «Гавҳарак» ва ғайра дидан мумкин аст.

Дар афсонаҳои ҳачмӣ ба чуз ҳазлу шӯхиҳои латиф зулму ситам, бедодӣ, хасимӣ, фиребу макри давлатмандон зери тозиёнаи танқид гирифта шудаанд.

Афсонаҳои сеҳрангез ҳодисаҳои ҳайратовари ба ҳайвон мубаддал шудани одам ва баръакс, бо забони одамӣ сухан рондани ҳайвонот ва ғайраро дар бар кардаанд. Қаҳрамонони ин гуна афсонаҳо дар як дам ва ё дар як шаб қаср месозанд, дар як лаҳза онҳоро барҳам медиҳанд ва ё аз чое ба чое мекӯчонанд. Онҳо дар болои қолинҳои худпар нишаста, дар ҳаво парвоз мекунанд ва ба манзилҳои дурдаст мераванд. Ба ин хели афсонаҳо «Чӯбаки сандалвор», «Деги худчӯш», «Моҳии тилло» барин афсонаҳоро дохил кардан мумкин аст. Кор фармуда шудани муболиғаву иғроқ - ғулувв ва унсурҳои хеле гуногуни хаёмӣ хусусиятҳои хоси афсонаҳои сеҳрнок аст. Қаҳрамонони чунин афсонаҳо асосан махлуқҳои хаёмӣ — памӣ, дев, чин ва ғайра мебошанд.

Дар тасаввуроти халқ агар деву ачина душмани ашаддии одам ҳисоб ёбад, памӣ, ки одатан дар афсонаҳо дар шакли духтари соҳибчамол нишон дода мешавад, дӯсти одамизод шуморида шудааст. Памӣ дар бисёр мавридҳо ба одам ёмӣ мерасонад, роҳ нишион медиҳад ва мушкилоти ӯро осон менамояд. Чизҳои ба одам ёрирасон дар ин гурӯҳи афсонаҳо одатан ба шакли предметҳои гуногун ҳам медароянд. Ба ин муносибат, ба сифати қаҳрамони афсонаҳои сеҳрнок чизҳои гуногуни сеҳрангез ҳам амал мекунанд. Аксар вақт амалиёти памӣ ва чизҳои сеҳрнок, аз қабили аспи паррон, сандуқчаи худкушо, оинаи чаҳоннамо ва ғайра мақсади ягона дошта, ба фоидаи одам равона карда мешаванд.

Аз ин сабаб дар афсонаҳои сеҳрнок, қатъи назар аз хаёмӣ ва дур аз ҳаёт будани онҳо орзую умеди одамон ба озодӣ ва бахту саодат ифода ёфтаанд. Чунин афсонаҳо низ дар ҳаёти маънавии халқ мавқеи муҳим бозидаанд.

Афсонаҳои ҳаёмӣ-маимӣ бевосита аз ҳаёту зиндагии одамон баҳс мекунанд ва қаҳрамонони асосиашон аз байни худи одамон гирифта ва ё интихоб карда шудаанд. Доираи ин гуна афсонаҳо хеле васеъ буда, аз чиҳати мақсад ва мавзӯъ онҳо гуногунанд.

Ба афсонаҳои ҳаёмӣ-маимӣ як силсила афсонаҳои таърихии ба ҳаёти подшоҳону салтанати шоҳӣ, тарғиби давлатдомӣ ва зисту зиндагонии онҳо алоқаманд дохил мешаванд.

Кали зирак тачассуми ақлу заковати одамони оддӣ буда, яке аз образҳои машҳури афсонаҳои ҳачмӣ ба шумор меравад.

Ҳар гуна афсонае, ки маҳсули эчодиёти даҳанакии халқ аст, қатъи назар аз мӣ ва мӣ будани қаҳрамонаш парому мақсад ва орзуву ҳавас, хуллас ақидаҳои халқиро ифода мекунад.

Афсона дар адабиёти хатмӣ ҳам дида мешавад. Нависандагоне ҳам ҳастанд, ки бо афсонапардозии худ машҳур гардидаанд.

Аз адибони давру замонҳои гуногуни олам Низомии Ганчамӣ, Салмони Совамӣ, Бедил, Пушкин, Лермонтов, Толстой,, бародарон Гримм, Андерсен, Горкий ва дигарон афсонаҳои зиёде навиштаанд. Аз адибони муосири тоҷик Адаш Истад бо афсонапардозии худ машҳур аст. Дар китоби «Чароғи сеҳрнок» беҳтарин афсонаҳои ин нависандаи самарқандӣ чоп шудааст.

Гарчанд афсонаҳо бо тасвирҳои муболиғанок гуфта ва ё навишта мешаванд, вале дар замири онҳо ҳақиқати ҳаёт ниҳон аст. Бисёр афсонаҳо дар заминаи умеду орзуҳое, ки халқ дар дил мепарваранд, ба вуҷуд омадааст. Аз ин чост, ки дар бораи воқеа ва шахсони таърихӣ, аз қабили Эрачи тилисмшикан, Шерак, Спи-тамен, Искандар, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Навой, Улуғбек ва дигарон афсонаҳо офарида шудаанд. Чунончи, дар афсонаҳои «Эрачи тилисмшикан», «        Қиссаи Шерак», «Синдбоди дарёгард» орзуи ғолиб омадан бар золимон, озод кардани халқ аз зулму ситам ва тантанаи ҳақиқату адолат акс ёфтааст.

***АФСОНА,*** яке аз маъмултарин жанрҳои эҷодиёти даҳанакии халқ, асари бадеии эпикии бештар насрист, ки сеҳромезу пурмоҷаро ё маишӣ буда, ба воқеаҳои бофтаю хаёлӣ ва тасвирҳои иғроқомез бунёд ёфтааст. Афсонаҳо тахайюли бадеии халқ бошанд ҳам, аз ягон ҷиҳат ба ҳаёти воқеӣ алоқаманданд. Афсонаҳо дар давраҳои хеле қадим ба вуҷуд омадаанд. Афсонаҳо, ки дар тӯли асрҳо аз насл ба насл гузашта, такмил ёфтаанд, на танҳо дар дарки шароити зиндагӣ, расму оин, рӯҳия ва таъриху маданияти давраҳои гуногуни ҷамъияти инсонӣ мадади хуб мерасонанд, балки аҳамияти калони бадеию эстетикӣ низ доранд. Афсонаҳо наслҳои ояндаро дар рӯҳи меҳнатдӯстию ватанпарварӣ, поквиҷдонию дурандешӣ, фидокорию накӯкорӣ тарбия намуда, баробари ин дар дили онҳо нисбат ба танбалӣ, дурӯғгӯӣ, фиребгарию муфтхӯрӣ ва ғ. барин хислатҳои зишт ҳисси нафрат пайдо мекунанд.

Афсона навъҳои бисёре дорад, ки асоситаринашон инҳоанд: дар бораи ҷонварон, сеҳромез, саргузаштию моҷарой ва маишӣ. Афсонаҳо дар бораи ҷонварон хеле қадимӣ буда, бо таъсири ақоиди тотемистии одамони қадим ба вуҷуд омадаанд ва баъзеашон хусусиятҳои мифологӣ доранд. Ин навъи афсонаҳо ба масал, ки низ дорои образҳои рамзию маҷозист, бисёр наздиканд.

Масалан, дар афсона рӯбоҳ рамзи макру фиреб ва найранг буда, гург аксаран тимсоли гӯливу нодонист. Афсонаҳои сеҳромез дар байни афсонаҳо мавқеи калон доранд. Ба ин навъи афсона образҳои тахаюлии иғроқӣ, типҳои мавҳум, суханрониҳои мӯҳташаму мутантан, иборaю таркибҳои махсус, оғозу анҷоми мураккаб ва воқеаҳои печ дар печ хос мебошанд. Одатан образҳои ин афсонаҳо хеле аҷоибу ҷолиб буда, қаҳрамонони онҳо нерӯи фавқуттабиӣ доранд — зуд ба воя мерасанд ва корҳои ақлнорасро анҷом медиҳанд. Онҳо тавассути ашёи сеҳрнок, аз қабили гилеми ҳавопаймо (худпар), аспи болдор, ангуштарин ва ғ. душвориҳои зиёдеро паси сар карда, ниҳоят ба мақсадашон ноил мешаванд. Халқ дар ин афсонаҳо аз орзую омоли худ сухан меронад. Азбаски афсонаи сеҳромез чун афсонаи оид ба ҷонварон ба ҷамъияти ибтидоии бесинф тааллуқ дорад, дар он низ ақидаю тасаввуроти одамони қадим дар бораи ҳодисоти олам, хусусан сеҳру ҷоду мавқеи асосиро ишғол менамояд. Вале бо мурури замон дар ин навъи афсона муносибатҳои синфии одамон низ накш гузоштаанд. Дар ин хел афсонаҳо бештар нақли саргузашти қаҳрамонҳои асосӣ дар мадди аввал қарор мегирад («Эраҷи тилисмшикан», «Ҳафт додарон», «Қиличпаҳлавон» ва ғ.). Дар онҳо унсурҳои сеҳру ҷоду камтар бошад, ҳам тамоми амалиёт аз ҷониби як шахси чобуку бебок ва дурандешу ботадбир ба иҷро мерасад. Китобҳои халқии саргузаштӣ, аз қабиди «Чаҳор дарвеш», «Саргузашти Ҳотам», «Далла ва Мухтор», «Самаки айёр» ва ғ. дар асоси ин навъ афсонаҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар афсонаҳои маишӣ ҳолатҳои рӯҳӣ, андешаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии одамон равшантар ифода ёфта, масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ бештар муҳокима мешаванд. Амалиёти ин навъи афсона дар муҳити муқаррарӣ (ҳавлии бой ё мулло, хонаи деҳқони камбағал ва ғ.) мегузарад. Қаҳрамонони афсонаҳои маишӣ аксаран аз табақаи поёни ҷамъият буда, мушкилиҳои пешомадаро на бо ёрии қувваҳои фавқуттабиӣ, балки ба шарофати фаросат, зиракӣ ва ботадбирии худ бартараф месозанд (силсилаи афсонаҳои «Кали айёр»). Дар ин афсонаҳо ҳаҷв мавқеи калон дорад. Ҳаҷв, хусусан, дар афсонаҳое, ки ба амалиёти кал ва кӯса оиданд (подшоҳ, бой, қози ва мулло барин намояндагони ҷамъият масхара мешаванд), басо пурқувват аст.

Афсонаҳо аз давраҳои хеле қадим ҷамъоварию китобат шудаанд. Ҳануз пеш аз истилои араб китоби «Ҳазор Афсона» фароҳам омада буд, ки он дар асри IX ба забони арабӣ тарҷума шуда, бо номи «Ҳазору як шаб» дар саросари ҷаҳон машҳур гашт. Дар асрҳои баъдина баъзе адибон ҳикояву афсона ва латифаҳои халқиро дар маҷмӯаҳо фароҳам овардаанд, ки «Ҷавомяъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ул-ривоёт»-и ***Авфӣ*** аз ҷумлаи онҳост. Ровиёну

қиссахонон афсонаҳои зиёдеро дар китобҳои бузургҳаҷм ҷамъ кардаанд, ки нусхаҳои бисёри дастнависҳои онҳо бо унвони «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» дар китобхонаҳои олам маҳфузанд. Ҷамъоварӣ ва нашри илмии афсонаҳои тоҷикӣ асосан дар давраи нав ба роҳ монда шуд («Афсонаҳои халқи тоҷик», 1963; «Афсонаҳои Самарқанд», 1965). Афсонаҳои тоҷикӣ ба воситаи «Ҳазору як шаб» ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳон ворид шудаанд. Афсонаҳои халқӣ омили пайдоиши асарҳои бадеӣ гаштаанд. Баъзе асарҳои адибони маъруфи форс-тоҷик, аз ҷумла Силсилаи достонҳои Фирдавсӣ, Низомӣ, Салмони Соваҷӣ, Ҷомӣ, Бедил, суханварони рус. А.С.Пушкин, М.Ю.Лермонтов ва дигарон дар зимни беҳтарин афсонаҳои халқӣ офарида шудаанд. Як зумра адибони дигар дар пайравии афсонаҳои халқӣ асарҳо навиштаанд (афсонаҳои нависандагони немис бародарон Грим, нависандаи Дания Андереен, адибони рус М. Е. Салтшов-Щедрин, М. Горкий ва ғ.). Нависандагони тоҷик низ ба афсонаҳои халқӣ мурочиат кардаанд. Мас, достони М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ» дар асоси як Афсонаи халқии бадахшонӣ таълиф ёфтааст.

Афсонагӯӣ, як навъ санъати театри халқӣ аст, ки ба эҷодиёти шифоҳии халқ асос ёфтааст. Афсонаҳо дар сайри таърихӣ вобаста ба замону шароит такмил меёбанд, мутобиқат пайдо мекунанд ва ҳамчун санъати хос — «театри халқии Афсона» шакл мегиранд. Дар афсона ҳангоми нақли Афсонаҳои .тамсилӣ, маишӣ, ҳаҷвӣ ва сеҳрангезу пуртаваҳҳум унсурҳои театрӣ бештар зоҳир мегарданд. Афсонагӯйҳо монанди актёри касмӣ ба овози персонажҳо тақлид мекунанд, аз забони онҳо сурудҳои шух мехонанд, ба ҳаракати дастҳо, ваҷоҳати руй ва ишороти чашмон бадеҳакорӣ мекунанд. Аксар Афсонаҳои маишӣ, лирикиву сеҳрангезро занон ва тамсилоту ҳаҷвиётро мардон нақл мекунанд. Ҳоло бидуни афсонагуйҳои халқӣ ва ҳавасмандон, актёрони касмӣ афсонаҳои саҳнавӣ шударо тавассути телевизион барои бачаҳо ҳафтае як маротиба намоиш медиҳанд.

## ДУХТАРИ ПОДШОҲ

Буд, набуд, як подшоҳ буд. Подшоҳ духтаре дошт, ки бо ақли расо ва ҳусни беҳамтои худ машҳури олам гардида буд.

Як вақт аз се кишвари бузург се шаҳзода бу духтар талабгор шуда омаданд. Духтар ҳар сеи онҳоро чеғ зада гуфт:

- Ман касеро ба худ шарики зиндамӣ интихоб мекунам, ки пурқиматтарин чизи дунёро ёфта, ба ман тақдим кунад.

Шоҳзодагон ба чустучӯи чунин чиз баромада рафтанд. Яке аз онҳо кофта-кофта як аспи парранда ёфт, ки дар як нафас оламро тай менамуд, шоҳзодаи дуюм оинаи чаҳоннаморо ба даст овард. Шоҳзодаи сеюм себе ёфт, ки себи ҳаёт мегуфтанд ва ҳар касс онро хӯрад, умраш дароз мешуд.

Дар вақти бозгашт онҳо дар як шаҳр ба ҳамдигар вохӯрда монданду аз чизҳои ёфтагиашон хабардор шуданд. Баъд онҳо хостанд, ки аз аҳволи духтар хабар гиранд. Ба оинаи чаҳоннамо назар андохта диданд, ки духтар ба бемории марговар гирифтор аст. Ҳамон замон ҳар се ба аспи парранда саво шуда, ба ёрии духтар шитофтанд.

Асп дар як нафас онҳоро ба манзил расонид. Себро зуд ба духтаре доданд. Духтар онро хӯрда аз марг начот ёфт.

Вақте ки духтар сиҳат шуд, ҳар се шаҳзода даъвои домодй карданд. Шоҳзодаи якум мегуфт, ки агар аспи ман намешуд, маликаро начот додан мумкин набуд. Шоҳзодаи дуюм мегуфт, ки агар оинаи чаҳоннамо намешуд, бемории маликаро магар фаҳмида метавонистем? Шоҳзодаи сеюм мегуфт, ки агар себ намешуд, малика аз марг халомӣ надошт.

Пас малика кадом шоҳзодаро ба худ шарики зиндагомӣ интихоб кард?

*Чавоб:*

*Духтар ба орандаи асп миннатдомӣ изҳор карда, аспро гардонда дод, ба орандаи оина ҳам ташаккур гуфта, оинаро гашта дод. Аммо себи ҳаётро,*

*ки хӯрда буд ва гардонда дода наметавонист, орандаи себро ҳамболини худ интихоб кард*

## ПОДШОҲ ВА ПОСБОНИ Ӯ

Подшоҳе як рӯз ба сафари баҳр баромадамӣ шудааст. Акнун ба роҳ баромадамӣ мешавад, ки яке аз посбонони хазинааш бошитоб омада мегӯяд:

Подшоҳи олам, имрӯз сафар накунед, ман имшаб хоб дидам, ки тӯфони сахте хеста, киштиҳоро ғарқ мекунад.

Подшоҳ ин гапро шунида, як рӯз сонитар сафар кардамӣ мешаваду ба одамонаш мефармояд, ки рафта фаҳмида оянд, ки дар баҳр тӯфон мешавад ё не. Надимон хабар меоранд, ки дар баҳр тӯфони сахте ба амал омадааст.

Баъд аз ин подшоҳ ба посбон тӯҳфаҳои қиматбаҳо медиҳаду аммо ҳамон замон аз посбомӣ пеш мекунад.

Барои мӣ подшоҳ ин тавр кард?

***Чавоб:***

*Подшоҳ ба посбон барои он тӯҳфаҳои қиматбаҳо дод, ки гапи ӯро гирифта, аз ҳалокат халос шуд. Аммо ӯ барои он посбонро аз вазифааш хомӣ кард, ки шабона дар вақти посбомӣ хоб кардаасту боз хоб ҳам дидааст.*

**Саволҳо:**

*Мӣ хел асарҳои бадеиро афсона меноманд?*

*Кадом хели афсонаҳоро медонед?*

*Қаҳрамонони афсонаҳои сеҳрнок киҳоянд?*

*Аз калонсолон кадом афсонаҳоро шунидаед?*

*Нависандагони афсонапардозро номбар кунед.*

**Супориш:**

*Афсонаҳои «Чӯбаки сандалвор», «Зани ҳунарманд» ва «Кали зирак»-ро хонда, ба рафиқонатон нақл карда диҳед.*

***Адабиёт***


Каримов И. А. Тарихий хотирасиз келажак йўқ, «Шарқ», Тошкент, 1998.

Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик, Душанбе, 2001.

Афсонаҳои Самарқанд, Душанбе, 1965

Дастуруламал оид ба чамъ кардани эчодиёти даҳанакии халқ, Сталинобод, 1960.

Куллиёти фолклори тоҷик, чилди 1, Масалҳо ва афсонаҳо дар бораи ҳайвонот, Душанбе, 1981

Қамарзода А. Гулистони адаб, Тошканд, 2007.

Обидов Д. Афсонаҳои ҳачмӣ-маишии тоҷимӣ, Душанбе, 1978.

Раҳмомӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ, Душанбе, 1999.

Раҳмомӣ Р. Таърихи гирдовамӣ, нашр ва пажӯҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон, Душанбе, 2001.

Раҳмонов Р. Назария ва сайри таърихии устурасозии формӣ-тоҷимӣ, Душанбе, 1999.

Азимов ў. Чароғи ақл, Тошканд, 2010.

Мавзўи 7

## Садриддин Айни (1878-1954)

Маърўза

**Накша:**

1. Айнӣ симои бузурги адабиёти точик.
2. Зиндагиномаи Айнӣ.
3. Мавқеи Айнӣ дар ташаккули насри точикӣ.
4. Хусусиятҳои асосии насри нависанда.
5. Таваччҳҳ ба воқеияти замон ва таърих.
6. Мавқеи назм дар эчодиёти адиб.
7. Айнӣ ва сарнавишти таърихии халқи точик.
8. Айнӣ адабиётшинос, мунаққид ва таърихнигор.

Айниро то ба имрўз мо њамчун «асосгузори адабиёти советии тољик», «шогирди чињилсолаи Октябр» ва «њамсафи Горкий ва муаллими аввалин роману повестњои оптимистона» мешинохтем. Вай дар тафаккури мо чун шоир ва эњёгари миллат ба љилва меояд, ки ин њама воќеъият аст. Вале замон наќши худашро дар таъйини сарнавишти шахсиятњо чї дар зиндагї ва чї баъди маргашон мегузорад. Аз дидгоњи имрўз мо њаќиќати сарнавишти инсонї ва нависандагии Айниро бояд комилан муайян кунем. Маќоми ў дар адабиёт њамчун нависанда ва шоир, Айнии љадид, Айнии олим ва ёддоштнавис аз масъалањоест, ки таљдиди назар мехоњанд ва дар кўтоњтарин муддат бояд адабиётшиносону таърихнависон ба он љавоб гўянд. Айнї ба эътирофи худаш њамчун шогирди чилсолаи Октябр ба адабиёт омад. Дар шинохти њаќиќати инќилоб саргум нашуд, балки Инќилобро чун наљотгари зањматкашон шинохта, дар тањкими ѓояњои инќилобї сањм гирифт. Дар њамин замина «таронањои инќилобї» ва пазируфтани сохти навро ба дўстону душманон итминон дод.

Аввалин шеъри инќилобии ў «Суруди озодї» буд. Баъд таронањои дигар, монанди «Ба шарафи Инќилоби Октябр», «Инќилоб» ва ѓайраро навишт. Айнї дар ин шеърњо азамати Инќилобро, сурури рућияи хешро аз ин гардиши таърихї ифода кардааст. Ин шеърњо дар он рўзгор арзиши таблиѓотї доштанд, ки Айнї инро хуб мефањмид. Дар ин шеърњо ў воќеиятро аз хаёл боло шинохт. Адлро муњимтарин рукни њастии инсон таъбир карда, аз ин мавќеъ љањолати замони амирро бо адолатпарварињои замони инќилоб, ќиёс кард ва аз ин ќиёс натиљањоеро барои хонанда ирода дод. Аз ин мавќеъ навиштањои индавраинаи адиб аз сиёсатгароии мањз озод набуд. Балки замони пурошўб ва беадолат њамин гуна дасти тањрирро ба сарнавишти инсонї ва нависандагии ў ворид сохт.

**Шеъри Айнї сарнавишти худи ўст, ки пастиву баландињое дошт. Љое, ки шеърро дар мавзўи суннатї гуфтааст, аз назари њунар тамомияте дорад. Љое, ки дар мавзўи инќилобу мактабу маориф сухан мекунад, шеъраш хусусияти воќеагароии дурушт мегирад ва савќу савияи шоириаш халалпазир мешавад. Ин њама дар**

Зимнан бояд эътироф кард, ки на њамаи шеърњои Айнї арзиши хешро то имрўз њифз кардаанд, хоса ашъори сиёсии ў. Вале ин ашъор низ рукни таърихи халќи мост ва порањое аз ин таърих дар роњи худсозии љомеаи нав бешак хидмат хоњанд кард **(20, 60).**

Чунон ки маълум аст Айнї ба зудди шеърро фурў гузошта, ба тасвири эпикии воќеияти таърих дар замони нав шурўъ кард. Ба ифодаи худаш азбаски «чорчўбаи назм» барояш тангї кард, ба наср гузашт. Худи воќеияти бопањнои замон ин шароитро барои нависанда таъйид кард. Вале Айнї њам дар назм ва њам дар наср њуввияти инсониву адабиашро аз даст надодааст. Вай ба воќеияти замон ва таърих таваљљўњ карда, сарнавишти бадеии халќро дар масири таърих ва раванди воќеияти замон ба вуљуд овард. Ин њама зери таъсири сиёсати рўз сурат гирифт ва бешак, дар мавридњои арзишњои сиёсї бар њуввияти адабї бартарї доштаанд.

**Осори насрии Садриддин Айнї**

- **«Љаллодони Бухоро»**
- **«Одина»**
- **«Дохунда»**
- **«Марги судхўр»**
- **«Мактаби кўњна»**
- **«Ѓуломон»**

**«Исёни Муќаннаъ»**

**«Ќањрамони халќи тоҷик Темурмалик»**

**«Ёддоштњо»**

Консепсияи солими бадеии Айнӣро дар шинохти воќеияти таърих ва рўзмара асарњои ў аз ќабили «Љаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Мактаби кўњна», «Ѓуломон», «Марги судхўр», «Исёни Муќаннаъ», «Ќањрамони халќи тољик Темурмалик», «Ёддоштњо» шарњ додаанд. Айнӣ дар ин асарњо ба тасвири њодисаву воќеањо ва амалу кирдори ашхосе пардохтааст, ки нахуст вазифаи таблиѓотӣ дошта (хости замон буд!), дигар њамчун сабаќи ибратбахше барои муосирон хизмат мекард. Дар аксари ин асарњо Айнӣ таваљљўњи бештаре ба шаклу тасвири воќеањо дорад. Яъне ба ин далел насри ў асосан њамчун насри воќеагаро бояд таъриф шавад, вале њадафгароии нависанда насри ўро аз воќеагроии дурушту мањз наљот дода, арзиши бадеии онро таъмин намудааст.

Вай ҳокими он чо Шамсуддавла (997-1012)-ро аз бемории сахти меъда муолича карда, хусни таваччӯҳи ӯро ба худ кашид ва вазир таъин нгуд. Аммо кордории олими вазир ба дарбориён ва аскарони кироя маъқул наафтод, онҳо хонаи ӯро тороч, қатлашро аз Шамсуддавла дархост карданд. Вай аз дасти чоҳилон ниҳон шуда, дар хонаи яке аз дӯстонаш меҳист. Баъд аз он ки ҳоким боз бемор шуд ва ба Ибни Синоро ёфта, худро муолича кунонд, ӯро дуюмбора вазир таъин кард. Вай дар ҳамин тавр бо хоҳиши шогирдаш Абӯубайд ба навистани китоби бисёрчилдаи «Китоб-уш-шифо» нгуруь кард ва аз мансаби вазимӣ истеъфо дода, ба хонаи яке аз дӯстонаш кӯчида, бо корҳои эчодӣ машғул шуд ва он чо қисми зиёди ин асари худро навишт. Аз рӯи навишти шогирдаш вай мурочиат накарда, аз ёд навишт. Ин далел аз бузургии қувваи ҳофиза ва дониши бои вай гувоҳӣ медиҳад.

Ин тавре ки дар боло дидем, Ибни Сино душманони зиёде дошт. Онҳо тӯҳмат карда, ба ҳокими Ҳамадон Самоуддавла (1021-1023) навиштанд, ки ӯ гӯё бо ҳокими Исфаҳон Алоуддавла (1007-1041) алоқаи чосусии хатти дорад. Ин ду ҳоким бо ҳам душмамӣ доштанд. Самауддавла ба ин иқво бовар накарда бошад ҳам, Ибни Синоро дастгир ва дар қалъаи Фардчон бандӣ кард.

Душманон гумон карданд ки бо ҳамин ҳаёт ва фаолияти ӯ қатъ хоҳад шуд, вале дар ҳабсхона ҳиссаи фалеафии «Ал-Ҳидоят»ро навишт.

Баъд аз он ки Алауддавла Ҳамадонро забт кард, Ибни Сино аз зиндон озод шуда, ба Исфаҳон омад ва боз ба вазифаи вазири якум маъин гардид. Вай ҳар шаби чумъа мачлиси илмӣ меорост, аз ҳар чонибба назди ин донишманди бузург арбоби давлат, толибони илм мешитофтанд. Ӯ «Китоб-уш-шифо»-ро  дар ҳамин чо ба анчом расонид. Вай асари машҳури худ «Донишнома»-ро низ дар Изфаҳон ба номи «Алоуддавла» навишт. Асари дигари ӯ оид ба забони арабӣ, ки то имрӯз боқӣ намондааст, дар ҳамин шаҳр навишта шудааст.

Дар Исфаҳон ҳам ҳаёти ӯ ором набуд. Писари Султон Маҳмуд Султон Масъуд (1030-1041) бо Алоуддавла борҳо чанг карда, ду бор Исфаҳонро забт кард ва ҳамаро ба ғорат бурд. Ибни Сино ҳар бор аз душман пинҳон мепгуд. Асари мапгҳураш «Китоб-ул-инсоф» (дар 20 чилд), ки фалсафаи пеш аз замонашро чамбьаст кардааст, талаф пгуд. Аз ин кашма-капгу тохту-тозҳо Ибни Сино хеле монда шуд ва аз шиддати кор саломатиашро аз даст дод. Бо вужуди бемори, 17-июни соли 1037 ҳамроҳи Алоуддавла ба Ҳамадон рафта 18-уми июн дар ҳамон чо дар айни камолот -57-соламӣ вафот кард. Ҳоло оромгоҳаш дар шаҳри Ҳамадон аст.

Маҳсули эчодии Ибни Сино аз асарҳои илмӣ ва адамӣ иборат аст. Ҳар чанд ки ҳаёти асосии ӯ аз 18-19-соламӣ то охири умр нооромм, дар гурезамӣ ва обу оташи чангҳои ҳокимону т чаҳолатпарастон гузашт, вале асарҳои бузургеро, ки бештарини инҳо 5,10, 20 чилдаанд, эчод карда тавонист. Микдори ҳамаи онҳо ба 200 адад мерасад ва маҳз ҳамин асарҳо номи ӯро дар чаҳон матттҳур кардаанд. Номи Ибни Синоро «Ал-қонун фит-тиб» аз аз ҳама зиёдтар машҳур кард ва абадӣ гардонид. Ин асар ба забони лотимӣ тарҷума шуда то давраи инкишофи ренесанси Аврупои ғармӣ дастури тибмӣ буд. Вай табиб, файласуф, олими илмҳои дунёмӣ, шоир ва филолог мебошад.  Ақидаи ичтимоий ва фалсафии **Ибни Сино.** Мутафаккири бузург Ибни Сино дар қддаи ичтимоий адолатхоҳ ва халқпарвар буда, тарафдори шоҳи одил ва бомаърифат аст. Ӯ хашм ва зулмро мазаммат карда гуфтааст:

Ба ҳар диёр, ки хашми ту корзод кунад,

Замона бар сари хунобаи чигар гардад.

Магар, ки баҳр ба хоки дари ту назд бгошт,

Ки рӯзғор аз ӯ дасти пургуҳар гардад.

Дар ақидаи Ибни Сино оид ба синфи ҳоким ва мансабдорон лаҳзаичолиби диққат ҳаст. Ҳокимони чоҳилу мансабпараст бо ҳар роҳ худро ба пояҳои балнди мансаб мерасонад. Вай ин одамони шахшудаи кундзеҳнро ба чизҳои чамодӣ ташбеҳ ва мансабпарастии онҳоро ин тавр тамаскур мекунад:

Соҳибони мансаби омӣ чамодон
гаштаанд
Эй ачаб, чизи чамодӣ мекунад нашъу
нумўъ?!

Вай дар масъалаи чаҳонбинии фалсамӣ пайрави Арасту ва Абунасри Форомӣ буда, дар мавқеи машоъ (аз байн - миёна рафтан) ва маштоин аст. Аз рўи ин ақида худо бурурн аз олами физимӣ вуҷуд дорад, барои пайдоиши дунёи моддӣ як бор такон додаст, вале ба чузъиёти он коре надорад. Илми ў бо зоти худ аст( ба кори олам дахл надорад. Азбаски худоро эътироф карда, ўро аввалин ҳаракатдиҳанда ва офарандаи олами моддӣ донистааст, идеалист аст, вале вай дар забон идеалист бошад ҳам, дар амал ба материализм майл дорад. Ин маъниро асарҳои ў дар бобати илми тиб ва илмҳои дигари тибий исбот мекунанд. Ҳамин чиҳати материалистии ақидаи фалсафии Ибни Сино буд, ки душманони ғоявиашро ба муқобили вай бархезонд ва бо вуҷуди дар масъалаи асосии фалсафа маснўъ будан ё набудани олами моддӣ ва ҳастии худ идеалист аст (зеро вуҷуди худоро инкор намекунад), ўро кофир эълон кардаанд, ин олами бузургро бо худо муқоиса карда, ўро дар назди худо рурўғгўи ва худоро «ростгўй» маънидод намудаанд «Садақа-аллоҳ-ул-азим» ва каззиба Ибни Сино (худои бузург рост, вале Ибни Сино дурўг гуфт). Ҳарчанд ки Ибни Сино дар назди душманони ғоявиаш руҳониён ва уламои динии чаҳолатпараст устувор будани имони дини мусулмонии худро даъво кард ва мусулмониро аз чоҳимӣ неғ балки аз донной ва донишмандӣ иборат донист:

Куфри чу мане газофу осон набувад,

Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.

Дар даҳр чу манн якеву он ҳам кофир

Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.

Вале моҳияти фалсафии ӯ бар зидди дини ислом - бар зидди фалсафаи «калом» нигаронида пгуда, қудрати дар ҳамаи корҳои олам (ччузъиёт) дахл доштани худои исломӣ-оллоҳро, ки гӯё ҳозиру нозир ва холиқи олами моддист, инкор мекунад. Уламои дини ислом бо вуҷуди худоро эътироф кардани Ибни Сино сарфаҳм рафтаанд ва ба муқобил вай муборизаи шадид бурдаанд.

Таълимоти Ибни Сино чи маъмӣ дорад? Гуфтаи Ибни Сино чунин маъмӣ дорад, ки худо бо як бор такон додан чаҳони моддиро офарида бошад ҳам, бо кори дохилии он, яъне ба тараққиёту қонунҳои дохили он, афзоиш ва барҳам хӯрдани шаклҳои мода (ҳаюло) коре надорад, яъне дунё мустақилона бе мудохалаи худо вуҷуд ва инкишоф надорад. Пас Ибни Сино дасти худоро аз мудохала намудан ба кори дунёи моддӣ кӯтоҳ карда, онро ба олами худ, ки берун аз табиат номидааст, маҳдуд намудааст. Пас, илми илоҳи, ки он илми динист ва Ибни Сино онро «илми барин» (дар Арасту - метафизика) номидааст, бояд бо омӯзиши олами худ ба худи худо, ки бо кори олами чисмомӣ ва илми табиии он, ки Ибни Сино онро илми зерин (дар Арасту - физика) мешуморад, машғул шавад. Пас, илми дунёмӣ - илми табий бояд мустақилона бе мудохилаи илми димӣ ва илоҳӣ инкишоф ёбад, ки он ба тарақиёти илмҳои дунёмӣ ва монанди ин роҳ мекушояд.

Мавқеъ ва муносибати инсон дар маншати чамъиятиии он предмети ранду ҳикмати Ибни Сино қарор ёфтааст, ки он ба озодии шахс алоқаманд аст. Вай хислатҳои ҳасадбамӣ, насмӣ, дуруғгӯй, худро очиз, мӯҳточу дардман, нишон додан, ҳасосату худхӯрамӣ, бо мардум доду гирифт накарданро маҳкум намуда, инсони мазлум ва мӯҳточро ба сир надодан ба одамони бераҳму шавқат даъват кардааст, зеро мӯҳточ ба касе будан боиси банди иқтисоди ва маънавии дигаре шудан аст, ки шараф номус, истиқлолият ва озодии шахсии ӯро паймол менамояд:

Ҳаром аст даҳ чизбар родмард, К-аз он шаш бувад озода фард: Ҳасад бардану сифтагию дурӯғ, Намудан ниёзу заифию дард Чу неъмат бувад даст бар дӯстон Бибояд кушудан ба доду хвард Чу шиддат бувад роз пайдо макун, Биҳил, то шавад рӯят аз дард зард.

Ибни Сино ба дӯстон ёмӣ додан ва бо онҳо доду хӯрд карданр таклиф карда дар айни замон фарқ кардани дӯсту душманро таъкид намудааст. Дар ин таълимоти дидактики ӯ муносибат бо душмани дурӯя чои асосӣ дорад ва

ин гуна дӯстонро ба шакари бо захр омехта ва магаси бар мор нишаста, ки дигаронро заҳролуд мегардонад, ташбеҳ кардааст:

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст, Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст. Парҳез аз он шакар, ки бо захр омехт, Бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст.

Азбаски душманони ғоявии ӯ ба вай ба сифати дӯстон ва шогирдон наздик пгуда, аз вай гап гирифтамӣ мешуданд, масъалаи сир нигоҳ доштан дар пандҳои ин ҳаким мавқеи муайяне пайдо кардааст, ки имрӯз, балки дар ҳар замон ҳам барои шахс ва ҳамдавлат аҳамияти кулмӣ дорад:

Ба пурсиши ҳама кас сирри хеш пинҳон кун, Кассе, ки бар ҳазар аст, ӯ бувад мулоҳизакф, Асири туст ҳама сиррат ар ниҳон домӣ, Асири сир бишамӣ, гар ҳаме кумӣ изҳор.

**Ибни Сино ҳамчун шоир.** Шеърҳои Ибни Сино ба забони тоҷимӣ ва арабӣ эчод пгудааст. Ӯ мисли шоирони касмӣ танҳо бо шеър машғул гнашудааст, вай пеш ах ҳама, олим, файласуф ва табиби ҳозиқ мебошад. Аммо ӯ лаёқат ва истеъдоди фавқулоддае дорад, ки афкори илмӣ, фалсамӣ, дидактимӣ ва тасаввуроти амиқи аз ҳаётгирифтаи худро дар шакли шеър ё ки асарҳои манзул баён намояд. Дар пгуърҳои ӯ ғайр аз мазмун, қофия ва радиф, образҳои бадей низ мавчуд аст. Масалан рубоии зерини дар мавзӯи ишқ эчодкардаи ӯ дорои образи маъпгуқа ва ошиқ буда, предметҳои зоҳирии шахс «зулф» дар ифодаи «афъй», «лаб» дар калимаи мачозии «лаъл» ва дигар ҷойҳои тахту пасту баландии андоми одамӣ дар ифодаи истиорамӣ ё ки киноявии «кӯҳу камар» тасвир ёфтааст.

Зулфи ту чи афъй паи шарр мегардад, Домӣ, паси пушаиаи зи мӣ бармегардад? Чун дид, ки таъли ту зумуррад дорад, Афъй шуду дар кӯҳу камар мегардад.

Ҳамин тавр ҳиссиёти ошиқонаи инсомӣ, ки гоҳе аз азоби ҳичрон ва сахтгириҳои ёр нороҳа ва гоҳе аз лаззати висол дар ҳаловат аст, ҳамчун ҳиссиёти олами ботинии инсон хеле кам бошад ҳам, дар ашъори ошиқонаи ӯ акс ёфтааст:

Хаста гардидам зи мижгоне, ки мебошад сиҳат,

Ҳам касал созанд онҳо, ҳам парастомӣ, яқин.
Лутф бар ман кун висолатвору хушбахтам намой!
Медиҳад табдил чавҳарро араз баъзан чунин.

Зебогии маъгпуқа дар мисоли равшании рӯй ва сиёҳии гесӯ (зулф) тасвир ёфта, дар асоси аз сиёҳӣ зӯр будани рӯшной афзалияти рӯи сафеди беҳамтои ёр тасвир ёфтааст:

Хост ах гесӯи худ шабро кунад зоҳир, вале Рахшиши рӯяш надод имкон, ки шабро
оварад.

Қадру қиммати Ибни Синоро дар замонаш паст карда бошанд, ҳам асрҳои аср инсонияти тараққипарвар мартабаи ӯро ба пояи баланди иззат гузошта, дар замони ҳозираи тараққиёти илмию технимӣ мавқеи вайро беш аз пеш устувортар сохт. 19-уми феврати соли 1952 раиси собиқи Совети Умумичаҳонии Сулҳ Жолио Кюри дар мурочиатномаи хур арз кард, ки «чашни мубораки он шахсонеро якчоя барпо намояд ки онҳо ба шарофати аҳамияти асарҳояшон маҳбуби тамоми инсоният мебошанд». Бо ин муносибат дар чумлаи номҳои бузург номи фарзанди арчманди халқи тоҷик Ибни Сино ҳам қайд шудааст. Инсонияти тараққипарвар 1000-солагии зодрӯзи ӯро дар соли 1980 бо тайёрии чиддӣ чашн гириф.

## НАҚЛУ РИВОЯТҲОИ ХАЛҚӢ ДАР БОРАИ АБӮАМӢ ИБНИ СИНО

Дар аксар ривоят ва ҳикоятҳои халқие, ки то ба мо омада расидаанд, лаҳзаҳои чудогонаи ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино баён мешавад, ки онҳо аз хушзеҳмӣ, соҳиби ҳофизаи баланд, табиби ҳозиқ, марди ҳозирчавоб ва тезбин будани ӯ, инчунин аз фазилатҳои дигари вай ба мо маълумот медиҳанд. Ҳоло чанде аз ин ривояту ҳикоятҳо оварда мешаванд.

***Танга дар зери курмӣ***

Нақл мекунанд, ки рӯзе Амири Сомомӣ Абӯалиро имтиҳон кардамӣ шуд. ӯ ба пешхизматони худ амр намуд, ки дар зери чор пои курсии Абӯамӣ чор танга гузоранд. Онҳо амри ӯро ба чо оварданд, вале Абӯамӣ аз ин кор қатъиян хабаре надошт.

Вақте ки Абӯамӣ омада, ба рӯи курсии худ нишаст, рӯй ба чониби осмон кард ва боз ба чониби замин нигоҳ карда аз тааччуб ва ҳайрат сари худро чунбонидан гирифт.

Амири Сомомӣ гуфт:

— Ҳакими замонро мӣ ба тааччуб андохтааст, ки ин қадар дар ҳайратанд?

Абӯамӣ гуфт:

— Ман имрӯз чунин дармеёбам, ки тахти ман ба миқдори пушти корде баланд гашта ё худ осмон ҳамин миқдор ба замин наздик шудааст.

Амири Сомомӣ ва аркони давлаташ бар камоли ҳис ва эҳсосоти ӯ таҳсин ва офарин намуданд.

***Бемор, мор ва косаи шир***

Нақл мекунанд, ки беморонро аз ҳар кучо оварда, дар сари роҳи Абӯамӣ мешинониданд. Вақте ки Абӯамӣ ҳар субҳ аз хонаи худ берун мебаромад, аввал ба як тараф нигоҳ карда, беморони дар ҳамон чониб нишастаро ҳолпурмӣ мекард ва мегуфт: «Ин фалон мариз аст, илоҳи вай ин аст». Дар вақти бозгаштан ба чониби дигар нигоҳ мекард ва бо дастури боло илочи дарди беморонро муқаррар мегардонид.

Рӯзе бемореро бо диққат нигоҳ карда истода, дар бораи илочи дарди вай чизе нагуфт ва ба тарафи дигари беморон гузашта рафт.

Аз ин муомилаи Абӯамӣ дар он бемор ҳолати ачибе рӯй дод. Вай аз зиндагомӣ тамоман дил канд ва аз сиҳат ёфтан даст шуста, хоҳиш намуд, ки ӯро ба зудӣ бардошта ба хонааш баранд. Дар хона ба наздикони худ гуфт:

— Эй азизон, дар фикри тобуту кафани ман бошед, кори ман нашуд. Абӯамӣ донистааст, ки дарди ман бедавост, бинобар ба ман аҳамияте надода гузашта рафт...

Бемор марги худро интизор шуда, нишаста буд, ки аз сӯрохии кунчи хона море берун шуда, ба давродаври хона сайр карда истод. Ҳамон вақт дар миёни хона косаи шир меистод. Мор бо оҳистамӣ худашро ба косаи шир наздик карда, шири косаро тамоман дам кашид, пас чанде ба замин ғалтида печутоб хӯрд ва дубора даҳонашро ба лаби коса ниҳода, шири хӯрда-гиашро тамоман қай кард.

Вақте ки мор ба сӯрохии хона даромада аз назар пинҳон шуд, бемор ба чунин андешае афтод: «Чун ман дигар умедвомӣ надорам, ҳолам соат ба соат бад мешавад, беҳтар он аст, ки ин ширро хӯрда, қонамро аз азоб халос кунам».

ӯ ба пеш ҳаракат кард ва косаи ширро гирифта тамоман дам кашид. Вале бар акси интизории бемор, дарди ӯ сабук гашта, соат ба соат сиҳат гаштан гирифт. Баъд аз чанд рӯз, ҳангоме ки худашро тамоман дуруст ҳис кард, фармуд ки ӯро дубора бурда ба сари роҳи Абӯамӣ гузоранд, то ки ба он муомилаи Абӯамӣ эътироз баён кунад.

Хоҳиши ӯро ба чо меоранд. Вақте Абӯамӣ аз хона баромад ӯро дучор омада, ба тааччуб афтода фавран мепурсад:

— Эй мард, ту мори афъиро аз кучо ва ба мӣ кайфият пайдо кардӣ? Илоҳи касалии ту вобаста ба хӯрдани қайи мори афъи буд. Азбаским ҳосил кардани он бисёр душвор ва ғайриимкон буд, ман он рӯз ба касалии ту дахл накарда будам.

Марди бемор воқеаро ҳамон навъе, ки рӯй дода буд, нақл карда медиҳад.

***Кӯдак ва ангуштарини модар***

Овардаанд, ки Абӯамӣ ҳангоме, ки аз модар таваллуд шуд, доя ӯро дар тағорае шустушӯ намуд. Ҳамин вақт ангуштарини модараш, ки нигини вай фирӯзаи пурқимат буд, гум шуд.

Наздикони хонавода аз канизаке бадгумон шуда, ӯро бисёр заданд «ва бегуноҳро монанди ҳалқаи ангуштарин дар кӯраи уқубат андохтанд ва баданашро аз зарби чӯб чун нигини фирӯзаи ангуштарин кабуд сохтанд».

Ҳамин вақт ҳолати ачибе рӯй дод: ҳар гоҳе ки ба чафо ва изои канизак машғул мешуданд, Абӯамӣ фарёд кашида, ба гиря медаромад ва беором мегардид. Ҳангоме, ки аз чафои канизак даст нигоҳ медоштанд, Абӯамӣ аз гиря истода, хомӯш мешуд.

Наздикони Абӯамӣ ин ҳолро дида, ба тааччуб афтоданд, мачбуран аз озори канизак даст кашида, ангуштаринро гумшуда ҳисоб карданд.

Он замоне, ки лаъли дурафшони Абӯамӣ ба такаллум даромад, яъне ба гап задан сар кард, аввалин сухане, ки ба забони ӯ чомӣ гашт, ин буд:

— Шумо, — гуфт у ба наздикони худ нигоҳ карда, — дар ҳаққи он канизак ачаб зулм ва ситаме намудед. Вақте ки маро модарам шустушӯ мекард, дидам, ки ангуштарини вай дар тағора афтод, ман сухан карда наметавонистам, ки шуморо хабардор гардонам.

Пас фармуд, ки ҷойи оби тағора рехташудаnecessarily кофта, чустучӯ намоянд. Дар ҳақиқат, ангуштарини гумшуда аз он чо ёфт шуд.

***Абӯамӣ ва кудунгарони Самарқанд***

Нақл мекарданд, ки рӯзе Абӯамӣ ба амири Сомомӣ гуфт, ки «вақти мутолиаи илмии ман саҳар аст, лекин айнан ҳамин вақт чамоаи рангрезони Бухоро тавассути кудунг ба ман халал мерасонанд ва ташвиш медиҳанд».

Амири Сомомӣ амр кард, ки рангрезҳо минбаъд дар вақти саҳар ин корро накунанд. Баъд аз чанде Абуамӣ гуфт, ки «Кудунгарони Самарқанд ба ман халал расонида, хотири маро мушавваш мекунанд». Амири Сомомӣ дар тааччуб афтод ва ба худ гуфт: «Ин мӣ навъ будааст, ки кас дар Бухоро истода, овози кудунгарони Самарқандро шунавад». Аммо дар ин бора ба Абӯамӣ чизеро изҳор накард.

Абӯамӣ донист, ки Амири Сомомӣ ин сухани ӯро дурӯғ пиндошт, вале ӯ низ чизе нагуфт.

Ҳамин ки якчанд вақт гузашт, Абӯамӣ ба пеши Амири Сомомӣ омада:

— Имшаб, — гуфт ӯ, — овози кудунг маро беором накард.

Амири Сомомӣ фармуд, ки дарҳол ҳамон таърихро нависанд. Пас ба Самарқанд кас фиристода амр на-муд, ки ҳақиқати ҳолро санчида, ба ӯ хабар диҳанд. Каси фиристодашуда боз омад ва хабар расонид, ки «дар ҳамон шаби ишораткардаи Абӯамӣ калонтарин кудунгарони Самарқанд вафот намуда будааст. Бино-бар ин онҳо ҳамон шаб кудунг назада будаанд».

Ҳангоме Амири Сомомӣ ин ҳолатро мушоҳида на-муд, эътиқоди ӯ нисбати Абӯамӣ хеле афзуд.

**Саволҳо:**

*Боз кадом ривоятҳоро дар бораи Ибни Сино медонед?*

*Боз дар бораи кадом шахсони таъримӣ ривоятҳо хондаед*?

**Супориш:**

*Ривоят ва ҳикоятҳои доир ба Ибни Сино хондаатонро нақл карда диҳед.*

*2. Нақлу ривоятҳои дигарро дар бораи Ибни Сино ва дигар шахсони таъримӣ аз калонсолон навишта гиред ва ба шарикдарсонатон гуфта диҳед.*

***Самари қироати «Шоҳнома»***

Як марди сарватманд ҳама чизро дошту фарзанд надошт. Аз байн чанд сол гузашту худо як писари нозанин дод. Ягона фарзандро пуф-пуфу суф-суф карда калон карданд. Кӯдаки нозпарвар аз шамоли қаноти пашша ҳам шамол мехӯрд, аз шақ-шақи кафгиру дег метарсид. Мактабрав шуд. ӯро ба мактаб бурданд. Бо талабаҳо чӯр нашуд. Бачаҳо вайро «ту писар не, ту духтар» гуфта мазоҳ мекарданд. Модараш ҳафтаи дигар ӯро ба мактаби духтарона бурд. Моҳу солҳо гузаштанд. Писарак калон шуд. Калон шуду лекин мизочаш духтарона, аз кори вазнин мегурехт, аз ҳар як чизу ҳодиса метарсид. Пайкараш ҳам латифу лоғар. Гап заданҳояш ҳам духтарона, шишту хезҳояш ҳам.

Падарашро ғам гирифт. Пеши ҳакимон, донишмандон, мардони рӯзгордида рафт. Пурсид:

— Маслиҳат диҳед, мӣ кор кунам, ки писарам чавони далер, паҳлавон, бардам, часур, нотарс шавад.

Яке маслиҳат дод, ки:

— Шогирди паҳлавон шавад.

Падараш пеши паҳлавони номдор бурд. Писарак ба варзишу гӯштин, тарбияи бадан машғул шуд, каме обу тоб ёфт.

Дигаре маслиҳат дод, ки:

Ҳамроҳатон ба шикор баред, тирандомӣ омӯзед.

Писарак шикорчии моҳир ва тирандози хуб шуд.

Сеюмӣ маслиҳат дод, ки:

—Шиновамӣ биомӯзонед.

Писарак дар чанд моҳи машқ шиновари моҳир шуд.

Бо вуҷуди ин ҳама заҳматҳо он тарсу шарми духтарона аз писарак дур нашуд. Хислатҳои хосаи мардона — шучоат, часорат ва мардонамӣ намерасиданд.

Падари писарак пеши мударриси мадраса рафта, муроди дилашро гуфт.

Мударрис гуфт:

— Писаратонро ду-се моҳ ба тарбияи ман гузоред.

Падар ромӣ шуд ва писарашро ба мадраса бурд. Мударрис зуд ҳис намуд, ки зеҳни писарак тез аст. Ба вай фармуд, ки китоби «Шоҳнома» пайдо кунад. Писарак ҳам «Шоҳнома»-ро ҳозир кард ва устод аз «Шоҳнома» дарс гуфт. Дусе моҳ гузашту писарак «Шоҳнома»-ро хонда тамом кард.

Дар ин мӯҳлати шоҳномахомӣ писарак тамоман тағйир ёфт. Як навраси далер, паҳлавон, часур, нотарс шуд. Гуфтор, рафтор, кирдор ҳама чавонмардона. Падараш бо ҳадяи зиёд пеши мударрис рафта сипосгузомӣ карду гуфт:

— Агар махмӣ набошад, гӯед ки шуморо мӣ тавр муяссар шуд, ки писараки тарсончаку заифмизоч ва бечораи маро ба ин чавонмарди паҳлавону нотарс, часуру далер табдил додед?

Мударрис гуфт, ки:

— Аз Ҳаким Фирдавсӣ миннатдор шавед. Писаратонро «Шоҳнома» мард кард. Мардум беҳуда нагуфтаанд:

*Ҳар он кас, ки шоҳномахомӣ кунад,*

*Агар зан бувад, паҳлавомӣ кунад.*

**Саволҳо барои мустаҳкамкуни:**

1. Дар бораи ҳаёти Ибни Сино маълумот диҳед.
2. Ибни Сино ба илми фалсафа чи алока дорад?
3. Дар бораи шоирии Ибни Сино маълумот диҳед.
4. Оид ба Ибни Сино ривоятҳо бигуед.

**Адабиётҳо:**


3. Х. Мирзозода. "Таърихи адабиёти тоҷик". Чилди-1. Душанбе. 1989.
4. Тазкираи адабиёти бачагонаи тоҷик. Душанбе. 1982.


**Кори мустақилона:**

Супоришот:

1.Оид ба ҳаёт ва фаъолияти И. Сино ривоятҳояшро аз худ намудан.

2.Ақидаҳои ичтимои ва фалсафии И. Синоро дар акси порчаҳои манзумаш шарҳ додан.

3.Мавқеи И. Сино дар адабиёти бачагона нишон додан.

## Мавзўъ: А.Фирдавсӣ ва адабиёти бачагон

**НАҚША:**

1. **Таржумаи ҳоли Фирдавсӣ ва овони ҷавонӣ.**
2. **Фаъолияти адабии Фирдавсӣ.**
3. **Маъхазҳои «ШОҲНОМА».**
4. **Солҳои охири ҳаёт.**
5. **Фикрҳои ватандўсмӣ ва панду ахлоқӣ,тарбиямӣ дар «Шоҳнома».**
6. **Мавқеи Фирдавсӣ дар адабиёти бачагона.**

**Калмаҳои ёрирасон:**Таърихи халқ, фолклор, шоҳасари чаҳони, қаҳрамони, ватандўсти, достонҳо.

**<u>Мақсади таълими:</u>** Доир ба ҳаёт ва фаъолияти А. Фирдавси ва ақидаҳои ватандўсти, панду ахлоўии ў маълумот деҳид.

**<u>Мақсади тарбияви:</u>** Толибилмонро бо мутолиаи достонҳои “Шоҳнома” водор намуда, бо воситаи он дар он тарбия намудани хислатҳои ҳамидаи инсони.

Мавқеи Фирдавсӣ дар адабиёти бачагона хеле бузург аст. Фирдавеӣ тамоми ҳаёти худро баром навиштани асарҳои ибратомез бахшидааст. Фирдавсӣ биеёр таҷрибаҳои ҳаётро дида дар асарҳояш онҳоро ба таври хулоса як-як тахил кардааст.

Дар ҳаёти худ Фирдавсӣ биёр талхиву шириниҳои ҳаётро чашидааст. Аз ҷумла дар достони «Шоҳнома»-и худ ин фикрҳоро хулоса кардааст. Ў дар ин достон -барои бачагони синфҳои ибтидоӣ биеёр асарҳои пандомез баён кардаает.

Дар ин доетонҳояш Фирдавсӣ барои бачаган чӣ тавр тарзи ватандуетӣ, меҳру муҳаббат, садоқат ба ватан ва инсонҳои дар атрофи худ буда8 нишон дода шудаает. Фирдавсӣ барои тарбияи насли наврас асарҳо ва 'достонҳои худро бахшидаает.

Фирдавсӣ аз таҷрибаҳояш ҳамииро таъкид менамояд, ки бояд ҳар як инсон дар ҳаёти худ некро аз бад фарқ кардан ва ҳаёт танҳо барои боигарӣ ва зебу зинат не, балки аз худ барои насли наврас номи нек мондан мебошад.

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.
Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

Намирам аз'ин пае, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаа

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва чӣ аз ҷиҳати мазмум яке аз бузурпгарин достони адабиёти ҷаҳон мебошад,

Достони «Кова ва Заҳҳок» як порча аз «Шоҳнома» ает„ Дар ин достон ҳаёти гузаштаи дури халқҳо ва таърихи онҳо нақл шуда3 корномаҳои дар роҳи бахту саодати халқ нишондодаи қаҳрамонон бо маҳорати баланди еуханварӣ тасвир гардидаанд.

Ғояҳои аеоеии достон муҳаббати самиуӣ ба халқ, ватандустӣ, мубориваи беамон бар зидди душман ва золимон, мардонагию далерӣ ва ғайра мебошанд.

Қофиябандии достони «Кова ва Зоххок» ба тарзи алоҳида ҳамқофиа омадаанд, ки схемаи онҳоро ин тавр ишорат мекунанд: аа, бб, гг .... Тамоми «Шоҳнома»=и Фирдавсӣ бо ҳамин тариқ навишта шудааст.

Эпосибузурги қаҳрамомӣ «шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки аз 120 ҳазор мисраъ иборат аст, шоҳбайтҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки агар кас гирд оварад як китоби панду **ҳикмат** мешавад. Дар Душанбе бо эҳтимоми М.Фозилов «Панду ҳикмат» ном китоОб нашр шуд ва чанд сол пеш мухтасари он ба забони русӣ дар Москва бо номи «Ключ истыны» ба табъ расид. Дар китоби «Панду ҳикмат» ҳазорҳо порчаҳои шеърҳои классикони адабиёти форсу тоҷик гирд омадааст ва ба он байтҳои зерини муаллифи «Шоҳнома» эпиграф интихоб шудааст. Дар ин байтҳо сухан дар бораи он меравад, ки инсон дар зиндагӣ ба чӣ дараҷае нарасад, ба раҳнамой эҳтиёҷ дорад. - Фақат каси нодон худро донои доноён метарошад ва панди доноёро шунидан намехоҳад:

Ҳар гоҳ, ки гуӣ расидам ба ҷой,
Набояд зи гетӣ маро раҳнамой,
Чунон дон, ки нсдонтарик кас туӣ.
Агар панди донандагон нашнавӣ.

Дар саҳифаҳои аввали китоб, ки дар хусуси меҳнат аст, як қатор байтҳои «Шоҳнома» оварда шудааст. Мана, намунаҳои онҳо:

Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.
Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.

Таносоию коҳилӣ дур кун,

Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.

Ки андар ҷаҳон суди беранҷ нест,

Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.
**Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ,**

**Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.**

**Таносоию коҳилӣ дур кун,**

**Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.**

**Ки андар ҷаҳон еуди беранҷ нест,**

**Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.**

**Фирдавсӣ ба масъалаҳои гуногуни меҳнат дахл мекунад: зарурати ба охир расонидани ҳар коре, ки кас ба он даст задааст ва ба** *ш* **андоза муҳим будани ҳамаи намудҳои меҳнатро таъкид менамояд:**

**Ту коре, ки дори, набурди ба сар**
**Чаро даст ёзӣ ба шри дигар?**
**В-агар ҳар ки дорад зи ҳар кор нанг,**
**Бувад зиндагонию рӯзаш танг.**

**Фирдавсӣ мақоми меҳнатро хело боло мебардорад еа бо таъкид қайд мекунад, ки ҳеҷ чиз, ҳеҷ сареати дунё роҳати уеҳкатро надорад:**

**Агарчанд бифзовд аз ранҷ ганҷ,**

**Ҳама ганҷи гетӣ наярзад ба ранҷ.**

**Қариб ҳар ҳамаи бобҳои китоби «Панду ҳикмат» пандҳои пурарзиши дар қолаби суфтаву рехта ва бо суханони нафису таъсирдор гуфтаи Фирдавсӣ ба назар мерасад. Фирдаесӣ дар бораи ҳунар сухан ронда ва онро аз «гавҳари номдор» бартар дониста, таъкид кардааст,** км **барои истифодаи гаеҳар ҳам ҳунар лозим аст, аз ҳунар ҳам гавҳар ба даст меоаду ҳам** акд **меафзояд ва ҳам тан меосояд.**

**Шоири бузург ҳатто масъалаи мувофиқи истеъдод интихоб намудани ҳунарро ба миён гузоштааст гуфтааст, ки: «Ҷавонони донандаи богуҳар, Нагиранд беомезиш ҳунар».**

**Байти зерини Фирадвсӣ шӯҳрати калон дорад ва** *дар* **байни мардум зарбулмасалвор паҳн шуда рафтааст.** *Ранҷ* **кашидан барои дониш кори шоиста аст:**

**Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,**

**Ба дониш дили пир барно бувад.**

**Барои ба даст овардани дониш ранҷ кашидан лозим -дар «Шоҳнома» ин фикр борҳо таъкид шудааст.**

**Ба ранҷ андар орӣ танатро, равослг,**

**Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.**

**Донишмандон на фақат худ, балки кишварашонро роҳату сурур мебахшанд.**

**Нигаҳ куи ба ҷое, ки дониш бувад,**

**Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.**

**Бинобар ин ду касро ба як паҳлӯи тарозу гузоштан мумкин нест каси донишманд ва бедонишро.**

**Дар «Шоҳнома» дар бораи ақлу инсоф, халқу ватан, дӯстию накукорӣ, ҷангу сулҳ, кӯшишу ҳиммат, ростию росткорӣ, ишқу вафо, ору номус ва бисёр масъалаҳои дигар афоризмҳои пурмазмун ва дар таҷрибаи рӯзгор бисёр муфид ҷой дорад.**

**Афоризмҳои Фирдавеӣ ҷавҳарм мазуунм** доетонхвм **сершумори «Шоҳнома»-анд еа ҳаминро ифода мекунанд,** *ш***рафтори қаҳрамонони асар аз меъёри ахлоқи чамъияти хуруҷ намекунад ва бо одамгарӣ мутобиқати пурра дорад. З.Г.Османова бесабаб қайд накардааст: «Қаҳрамонони эпос дар давоми тамоми асар пайваста тарбия мегиранд, тинати белаҷоми онҳо дар зери таъсири доимии ахлоқи маълум** ва **қонунҳои инсонӣ ба накукорӣ ва бунёдгузорӣ равона мешавад»**

**Дар яке** аз **достонҳои басо ҷолиби «Шоҳнома», ки дар он ҷаҳонбинӣ ва назари фалсафию ахлоқӣ ва эстетикии Фирдавоӣ гӯё дар шакли ҷамъбаст ифода шудааст, аз гузаштаи рӯзгор панд гирифта** ва **ба худтаҳлилкунӣ машғул шудани яке аз шоҳони ҷангҷуй Афросиёб, ки ҳар бор боиси харомӣ** ва **хунрезии зиёд мешуд, тасвир шудааст,** Вай **бузургонро** ҷамъ **намуда мегӯяд, уи дар натиҷаи ҷангҳои дуру дароз чи қадар номдорон ҳалок гардидаанд, шаҳру деҳот вайрон шуданд, бӯстонҳо** ба **хористонҳо мубаддал гардиданд. Ҷанг ба дилам зад. Акнун ба ҷои ҷанг ба халқ оромию осудаҳолӣ бахшидан зарур аст:**

**Бад-эшон чуни гуфт,**
**К-аз рӯзгор,**
**Набинад ҳаме бар ҷз аз корзор,**
**Басе номдорон, ки бар дасти ман,**
**Табаҳ шуд ба ҷанг андар он анҷуман.**
**Басе шорсон гашт беморсон,**
**Басе бӯстон шуд низ хорсон**
**Басе роғ к-он размгоҳи ман аст,**
**Ба ҳар сӯ нишони сипоҳи ман аст...**
**Маро сер шуд дил зи ҷангу бадӣ,**
**Ҳаме ҷуст хоҳам раҳи эзидӣ..**

**Мавзӯъ: Носир Хисрави Кободиёни**

**Накша**

1. Муқаддима.
2. Мероси адабии шоир.
3. Таҳлили асарҳои пурмазмуни «Рӯшноинома Саодатнома»-и Носири Хусрав.
4. Моҳияти асарҳои хоси шоир батаълиму тарбияи наврас.
5. Хулоса.

**Калимаҳои ёрирасон:** Чаҳонгард тачрибаи зиндагони, маснави, рисолаҳои фалсафи

**Адабиётҳо:**


1.А.Мирзоев. Таърихи адабиёти тоҷик. Д.1982

2.Амонов. Таърихи адабиёти тоҷик Д-1982 ч.2 адабиёти бачагона.

3.Н.Хусрав. Сафарнома. Д.1976.


**НОСИР ХИСРАВ (1004-1088)**

Ҳаким Абӯмуиниддин Носир бинни Хисрав бинни Ҳормс Ал-Қубодиён дар ҳудуди моҳҳои август ва сентябри соли 1004 дар Қубодиён (Қубодиёни ҳозираи вилояти Қурғонтеппаи ҶШС Тоҷикистон) дар оилаи деҳқони давлатманд ба дунё омадааст. Вай маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, арӯз, фалсафа, ҳисоб, алгебра, табиатшиносӣ, тиб, ҷуғрофия, ҳандаса, нуҷум, таърих, забони юнонӣ ва ғайраро бо роҳи худомузӣ аз бар намуда буд.

Баъди фориғ шудан аз таҳсил Носири Хисрав дар 26-солагӣ ба дарбори Ғазнавиён ба хизмати давлатӣ медарояд. Сипас, зиндагии ӯ то тирамоҳи соли 1045 дар пойтахти Салчуқиён-шаҳри Марв мегузарад. Вай то 40-солагиаш дар Марв дар хизмати дарбор будааст. Дар он замон давлати Салчуқиёнро аввал Ҷоғирбек ва баъд Ҷалолиддин Маликшоҳи Салчуқӣ идора мекарданд. Носири Хисрав дар дарбори ӯ вазифаи боҷу хироҷғундориро адо менамуд.

Ҳангоми гирд овардани боҷу хироҷ аз аҳолӣ шоир бо зисту зиндагонӣ ва тарзи рӯзгузаронии мардум аз наздик шинос шуда, бечорагӣ, мазлумӣ ва

ҳаёти қашшоқонаи онон ва порахўрии аҳли дарборро дида, тарки вазифа мекунад.

Чи тавре ки дар «Сафарнома» гуфта шудааст, Носири Хисрав хост, ки соли 1045 тарзи зиндагии худро тағъир диҳад. Ў ҳамин тавр ҳам мекунад. Шоир ба обрў ва шўҳрати худ нигоҳ накарда, аз вазифааш даст мекашад ва ҳамаи чизу чораашро ба бечорагону бенавоён тақсим карда медиҳад. Худ тарки ватан намуда ба сафар мебарояд. Ин сафари ў аз **16** октябри соли 1045 то 23 октябри соли 1052 давом мекунад.

Дар давоми 7 сол Нисири Хисрав Ҳинду Озорбойҷон, Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Миср, Ҳиҷоз, Мадина, Макка, Басра, Еруссалим ва дигар ҷойҳоро дида, дидаю шунидаҳояшро дар асари машҳури худ «Сафарнома» ба қалам медиҳад.

Носири Хисрав бо ҳамроҳии бародараш Абўсаид ва як ғуломи ҳиндӣ ба сафар баромада, аввал аз Марв ба Нишопур меравад. Моҳи январи соли 1047 ў ба Ҳалаб рафта, ҷойҳои таърихӣ ва мукаддасро зиёрат намуда, 14 маи соли 1047 **ба** Макка мерасад. **4** августи соли 1047 Носири Хисрав ба Миср ба шаҳри Қоҳира рафта, **8 уоҳ** дар ок ҷо мемонад. Ҳамагӣ ў чор маротиба дар Мата. еа са бор дар Миср мешавад. 26 октябри еоли 1052 **вай** бо ҳамроҳии бародараш Абўсаид ба Балх бармегардад. Онҳоро бародари дигарашон Абулфатҳ, ки дар он ҷо зиндагӣ ба сар бурда, хизмати Ҷоғирбеки салчуқиро адо менамуд, пешвоз гирифт. Сафари шоир ба Миср нисбат ба дигар сафарҳояш ҷолиби диққат мебошад. **Зеро** ў дар Миср бо пайравони мазҳаби исмоилия аз наздик шинос шуда, ба ақидаи онҳо пайравӣ мекунад. Шоир дар Миср **ба** яке **аз** баландтарин мансабҳои мазҳабии исмоилҳо, ки «Ҳуҷҷат» ном дошт, мерасад. Ў дар қисми асарҳояш ин унвони мазҳабии худро чун тахаллус истифода мебарад. Билохира, ў мехоҳад, ки мазҳаби исмоилияро дар Балх тарғиб намояд ва бо ҳамин мақсад ба он ҷо бармегардад.

Носири Хисрав дар «Сафарнома» дар бораи ободонии шаҳрҳою роҳҳо, хулқу атвор ва урфу одати мардуми гуногун, тарзи давлатдорӣ, ғамхор будан нисбат ба мардуми қашшоқ, эҳтиром намудани аҳли илму адаб, санъат, кабу кор ва ғайра изҳори ақида кардааст. Ў аҳволи вазнини халқи камбағал ва беқадрии аҳли санъату илму фазлро дида, мушоҳидаашро бо нафрат **бо** таври зайл ҷамъбаст менамояд:

Якеро беҳунар мол аз адад беш,

Яке бо сад ҳунар дилтангу дарвеш.

Адиб ба муқобили амалдорону мардумфиребон, ҳаннотону ҷалоҳатпарастон бераҳмона баромад карда, сирри онҳоро **фош** менамояд. Маҳз чунин баромадҳоли нотарсонаи ӯ буд, ки феодалони мутаассиб домо шоирро таъқиб мекардаанд. Ҳаман ҳолатҳои ногуворро шоир **бо** ҳамаи азобу шиканҷаҳояш пеши назар оварда, **аз** бераҳмии замон менолад: Гар бар қиёси фазл бигаштӣ мадори даҳр,

Ҷуз бар мақарри моҳ набудӣ мақар маро.

Не, не ки чарху даҳр надонанд қадри фазл,

Ин гуфта буд гоҳи ҷавонӣ падар маро.

Дониш беҳ аз зиёъу беҳ аз ҷоҳу молу мулк,

Ин хотири хатир чунин гуфт мар-маро.

Аз мазмуни шеър пурра маълум мегардад, ки шоир ҳаёти пурмашаққатеро аз сар гузаронида, аз ғаму андӯҳи замона, аз беҳуруатӣ нисбат ба ахли илму санъат ҷигархун шуданашро ифода кардааст.

Аммо баромадҳои нотарсонаи Носири Хисравро саркардагони дину мазҳаб ва амалдорон намеписанданд. Аз ин рӯ, рӯҳониён ва ҳукуматдорон ба андешаҳои шоир муқобилият нишон дода, вайрс аз рӯи шариат «кофир» ва «дузахӣ» эълон мекарданд.

Ин тӯҳмату бӯхтонҳои ноҳақ ва беадолатиҳои замона шоири ҳақиқатҷуйро азият медод ва ӯро маҷбур месохт, ки такроран тарки ёру дӯст, хешу ақрабо ва ватани азизи худ кунад. Дар чунин як вазиъяти тоқатнопазир шоир бо душвориҳои зиёде пинҳонӣ аз Хуросон ба Мозандарон ва аз он ҷо соли 1060 ба Юмгони Бадахшон мегурезад. Зиндагии шоир пас аз таъқибу гурезо-гурезҳои зиёде дар Бадахшон каме осуда мегузарад. Ин осудагӣ ба Носири Хисрав имконият медиҳад, ки ӯ дар деҳаи Юмгон истиқомат намуда, кори эҷодии худро давом диҳад.

Носири Хисрав соли 1088 дар он деҳаи дурдаст аз олам гузашт. Ӯро дар ҳамон ҷо дафн карданд. Мақбараи ӯ то имрӯз чун зиёратгоҳ нигоҳубин ва эҳтиром карда мешавад.

## *МЕРОСИ АДАБИИ НОСИРИ ХИСРАВ*

Эҷодиёти Носири Хисрави Қубодиёнӣ хеле бой буда, мероси гаронбаҳое, ки ӯ боқӣ гузоштааст, аз назму наср иборат аст. Ӯ дар асарҳои худ ба масъалаҳои ҳаёти иктисодӣ, иҷтимоӣ, маишию маърифатӣ, фалсафа, конноту илоҳиёт ва ғайра дахл мекунад.

Мероси манзуми Носири Хисрав аз газал, қасида, қитъа, рубОИ ва маснавӣ иборат буда, ашъори лирикии ӯ дар девони алоҳида ҷамъ оварда шудааст. Ғайр аз ин, маснаеиҳои «Рӯшноинома», «Саодатнома», асари мансури ӯ «Сафарнома», рисолЭДЗИ фалсафиаш «Ваҷҳи дин», «Зодул-мусофирин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ва «Кушоиш ва роҳаиш» хеле машуҳранд.

«САОДАТНОМА»

Ин нахсутин масавии Носири Хисрав буда, ҷиҳатҳои падомузӣ дорад. Дар он масъалаҳои ахлоқӣ ва фалсафӣ бештар муҳокима мешаванд. Дар бораи адади байтҳои «Саодатнома» ва номи он худи шоир ин тавр мегӯяд:

Бигуфтам байт сесад аз дили пок,
Ҳама дӯшизагони таъбу идрок.
Табиат дода ороиш тамомаш,
Хирад карда «Саодатнсма» номаш.

«РӮШНОИНОМА»

Ин маснавии дигари Носири Хисрав аст. Он солҳои зиндагии шоир дар Юмгон таълиф шудааст. «Рӯшноинома» асари ахлоқӣ буда, аз ҷиҳати ҳаҷм ду баробари «Саодатнома» мебошад. Дар он афкори фалсафии омехта ба мазҳаби исмоилӣ бештар дида мешавад. Ифодаи чунин афкори шоир дар муҳокимарониҳои ӯ дар бораи пайдоиши оламу одам, бунёд гардидани ҷамъият, ба табақаҳо тақсим шудани онҳо, пайдоиши давлат, идора намудани он ва амсоли онҳо ифода мегардад. Носири Хисрав дар ин маснавӣ тақдири худро бо ҳаракати мазҳаби исмоилӣ пайваста медонад.

Сарчашмаҳои адаби ва таърихӣ нишон медиҳанд, ки аз Носири Хисрав ду девон: яке ба забони форсии дарии тоҷикӣ ва дигаре ба замони арабӣ мерос монда будааст. Девони тоҷикии ӯ аз ҷиҳати ҳачм хеле **бузург буда, аз** 11000 **байт иборат мебошад. Ин девон ду хуеуеияти хос дорад. Аввалан, як қисми ашъори он мазмунҳои амиқи фалсафӣ,** дини, **мазҳамӣ ва сиёсӣ дорад.** Қасидаҳое, ки дар он дида **мешаванд, аз ҷиҳати мазмун ва нигориш риеолаҳои хурдеро мемонанд, ки мавзӯъҳои муайянеро дар бар мегиранд. Шоир ба онҳо танҳо либоси назм пӯшондааст. Баъдан, қисми дигари девон мундариҷаи бои лирикӣ дорад. Шоир дар ин қисмати девонаш аз дурии ватани азиз ва пирию азобу шиканҷаҳои ба** сараш омада **шишят мекунад.**

**Омӯхтани эҷодиёти Носири Хисрав ба мо, пеш аз ҳама, барои он зарур аст, ки вай ҳамчун шоир, олим, файласуфу паҳнкунандаи идеяҳои пешқадам дар таърихи адабиёти тоҷик маеқеи намоён дорад. Ӯ ҳанӯз дар асри XI шоҳону намояндагони синфи ҳоким, шоирони маддоҳ, соҳибдавлатон ва умуман, синфи дорро зери танқид гирифта, синфи меҳнатиро ситоиш кардааст.**

**Дар замоне, ки истисмор шудани халқ ниҳоят афзуда, барои сар задани бисёр ҳаракатҳои деҳқонон боис мешуд, баробари ҳаракатҳои дигари мазҳамӣ исмоилҳо ҳам ба ҳаракат даромада буданд. Носири Хисрав бештар дар бораи сохти ҷамъият, тарзи идора кардани давлат, зиету зиндагонии халқи камбағали меҳнаткаш, дар хусуси пайдоиши дунё, қадру қимати шахс дар ҷамъият, мавқеи эҳтироми инеон, масъалаи илму маданият, санъат, роххҳои худдорӣ кардан аз ҳаққи мардум, нафърасон будан ба бечорагону дармондагон, ҳурмату эҳтиром нисбат ба аҳли адаб ва амсоли инҳо реалистона назар андохта, муқобилони чунин ақидаҳои наҷибро зери танқид гирифтааст. Илова бар ин, дар ашъори шоир мисраҳое ба назар мерсад, ки онҳо касро ба роҳи нек ҳидоят намуда, ба инсон дар бораи некӣ кардан, ба қадри некӣ расидан, хубии касро фаромӯш накардан ва онро мудом пос доштан сабақи зиндагӣ шуда метавонанд:**

**Зи некон бош, андар некӯи кӯш,**
**Макун некии кас аз дил фаромӯш.**
**Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,**
Ҳамеша он накӯи ёд медор.

Носири Хисрави Қубодиёнӣ, ки дар ҳамаи намудҳо оа жанрҳои адамӣ асар офаридааст, бо маҳсули эҷодии худ захираи адабиё™ классикии тоҷикро бой намуда, дар сафи бузургтарин адибон ва муғафаккирони мо ҷой гирифтааст. Ашъори ӯ бештар ҳаёти вазнини одамони замони ӯро инъикос менамояд. Шеърҳои Носири Хисрав дар мавзӯъҳои дӯстию рафоқат, душманбадбинӣ, мазаммати тамаь, ситоиши ҳоҷатбарорӣ, ҷавонмардӣ, роҳатрасонию некхоҳӣ, такрғиби ҳурмати падару модар, ташвиқи наздик шудан бо мардуми **доно,** ҳурмати устод, дурӣ ҷустан аз нодонон, талқини саъю кӯшиш, пайдо намудани ёри мувофиқ, аҳду вафо, шинохтани дӯст **аз** душман, танқиди беамони баднафсӣ, судхурӣ, ҳирс, мазаммати шоирони дарбор ва амсоли инҳо эҷод шудаанд. Инчунин шеърҳои **ӯ** дар васфи

бузургии аҳли меҳнат, ки офарандагони неъматҳои моддии ҷамъият мебошанд, навишта шудаанд. Барои мисол шеъри **«Дар** ҳаққи кашоварзон»-ро аз назар мегузаронем.

Дар шеъри «Дар ҳаққи кашоварзон» Носири Хисрав **маком** *ва* мартабаи кашоварз, яъне деҳқонро ба дараҷаи олӣ бардошта, тамоми неъматҳои моддӣ, ҳастии ҳаёт, фаровонӣ, хушбахтӣ, ризқи ҳайвонҳою ваҳшиҳо, паррандаҳо, хуррамию ободии мамлакатро *аз* кувваи бозуи деҳқон медонад. Шоир макоми деҳқонро дар зиндагӣ дар мадди аввал гузошта, қайд мекунад, ки ободии олам **аз** деҳқон аст:

Беҳ аз санои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу, тайрро роҳатрасон аст.

Шоир ҳатто хотирнишон мекунад, ки аз ҳунарманд неъмати муфт ба даст намеояд, вале фазилати деҳқон **он** аст, ки аз ҳосили дасти **ӯ** бисёриҳо муфт баҳра мебаранд:

Зи сонеъ, ройгон нафъе нахезад,

Зи деҳқон оқибат чизе бирезад.

| Мавзӯи 15 | Лоиқ Шералӣ (1941 - 2000) | Маърӯза |
|---|---|---|

**Нақша:**

1. Лоиқ ва сарнавишти шоирии ӯ.
2. «Модарнома»-и Лоиқ.
3. Лоиқ шоири ошиқ: ошиқи зиндагӣ, маслаки ҳ ишқи ғаризӣ.
4. Қаҳрамони лирикии ашъори Лоиқ.
5. Ишқ аз назари Лоиқ Шералӣ.
6. Ҳадафи Лоиқ аз ишқи озод.
7. Масаъали худшиносии миллӣ дар ашъори шоир. Моҳияти фалсафии ашъори Лоиқ.
8. Сабақи таърих аз нигоҳи шоир.
9. Нерӯи шоирии Лоиқ.
10. Мушкилоти анъана ва навоварӣ дар ашъори суннатии ӯ.

11. Мачмӯаи «Фарёди бефарёдрас» ифодагари орзуву омоли идеалии эчодкор.
12. Мавзӯъҳои човидонаи ҳаёт ва мамот дар ашъори шоир.
13. Лоиқ ва шеъри нав.
14. Мавқеи Лоиқ дар назми кунунии точикӣ ва форсӣ.

Шеъри Лоиќ сарнавишти шоирии ўст. Лоиќ соли 1941 дар дењаи Мазори Шарифи ноњияи Панљакент ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби дења дар омўзишгоњи муаллимии шањри Панљакент тањсил карда, сонитар донишкадаи омўзгории шањри Душанберо хатм кардааст.

Фаъолияти шеъргўии ў аз рўзгори љавониаш шурўъ шуда, нахустин маљмўаaш соли 1966 бо номи «Сари сабз» ба чоп расидааст. Маљмўаи нахустини ва шеърњои аввалини шоир диќќати хонандагон ва ањли танќидро ба худ кашид. Донишманди адабиёт М. Шукуров дар бораи шеърњои нахустин маљмўаи шоир навишта буд: «Аз шеърњои ин маљмўа садои тапиши дили беѓубори љавоне шунида мешавад. Шеъри Лоиќ пур аз њаяљон аст, ки аз њар мисраи он њис карда мешавад» (115**, 210).** Аввалин ќадамњои Лоиќро мунаќќиди шинохта дар шеър «Хеле хурсандибахш тавсиф карда, лирикаи ўро мисли њаёт пурљўш, пурмаъно ва рангин дида буд.

**«Ишќияњои вай боз як бори дигар нишон медињанд, ки – гуфта буд мунаќќид, -дар ин гуна шеърњо њаяљон ва мазмуни њаќиќатан эмотсионалї, љустуљўи рўњњои кушодани олами њиссиёти мардуми имрўза то чї андоза зарур аст» (115,211).**

Лоиќ аз нахустин шеърњояш ба зиндагї назари тоза дошт. Шеъри ў бо бардошти шоиронааш аз воќеият аз бисёр навиштањои њамсолону њамќаламонаш фарќ дошт. **Шеърњои маљмўаи «Сари сабз»** аз њунари волои як шоири тасвиргар ва тааммуќтасанљ мужда меовард. Аксари шеърњои ин маљмўа дар мавзўи ишќ гуфта шуда, дар онњо њиссиёт чизе нест, ки ба сари худ, ба алоњидагї вуљуд дошта бошад, балки маънои васеътаре пайдо карда, ба як љузъи дарки дунё табдил ёфтааст. Бисёр шеърњои ин маљмўа шогирдона бошанд њам, ќалби пурэњтироси муаллифи онњо ташнаи њаёт будани ўро ба хубї ифода мекунанд. Дар аксари шеърњои он замон таълифкардаи шоир калимањои «орзу» ва «умед» дучор меояд. Њатто ќисмате аз маљмўаи аввалаш «умедњо» номида шудааст. Умедворињои ў хонандаро низ умедвор медошт ва нињоят ин умедворињо бор овард. Маљмўаи дуввуми шоир «Илњом», ки баъди ду соли нашри маљмўаи аввал чоп шуда буд, гувоњ ба ќаламии расои шоири баркамол (А. Њакимов) гардид. Шеърњои ин маљмўа гувоњи он буд, ки

**«Шоир зоњирбинию дурахши фиребои сухан ва андак мафњумбаёнї канора љуста, бешатр ба сурудани њиссиёти заминї ва ба шеър кашидани таассуроти ба худ ошно пардохта буд. Нигоњаш ба зиндагї амиќтар шуда, дар суханварї њам њунар андўхта буд». (106,166).**

Баъди маљмўаи «Илњом» яке аз паси дигар китобњои шоир ба чоп расидан, ки њар кадоме як пањлуи тозаи њунари шоирии ўро ба мо нишон медоданд. Шоир роњи мустањками хешро дар шеъри муосири тољикї муайян кард. Дар ин замина мазмуну мундарињаи маљмўањои **«Нушбод», «Сонњилњо», «Хоки Ватан», «Резаборон», «Марди роњ», «Хонаи чашм»** ва ѓайра хеле ѓанї ва рангоранг буданд. Моњияти иљтимої ва арзиши бадеии шеъри шоир низ ба маротиб афзуд. Вай дар шаклњои суннати шеъри пешин монанди ѓазал, рубої, дубайтї ашъоре суруд, ки ба воситаи шеъри ў ин навъњои шеърї аз ёд рафта, умри дубора ёфтаанд. Ѓазалу рубоию дубайтигўї аз нав дар адабиёти тољик ба расмият даромад.

Лоиќ дар мавзўњои суннатї ва муќаддаси адабиёт, монанди ашъор дар ситоиши Модар, Ватан ва ѓайра шеърњое гуфт, ки онњо ба тозагии назари шоирона ва моњияташон миёни хонандагон мањбубияти хос пайдо карданд. Дар ин равиш махсусан **«Модарнома»**-и ў њодисаи мусбат дар шеъри муосир арзёбї гардид.

**Мунаккид Аскар Њакимов ба як силсилаи шеърњо бањо дода, онро «Муваффаќияти шоир ба замми ин муваффаќияти адабиёти тољик» шинохта буд.**

Воќеан њам шоир дар гуфтани шеъри модар роњи тоза ва пурмояро пеш гирифт. Вай ба урфу одатњои пешќадами мардумї такя карда, симои воќеии модари тољикро бо нишонањои мушаххас ва равшан ба шеър овард. Расму русуми мардумї дар кушодани чењра ва хислати модар ба шоир кўмак кард. Лоиќ дар ин силсила тавонист, ки олами дар назар содда, вале мураккаб, сокиту ором, вале пурошубу пурсадо, андешањои оддї, вале пандомўзу пурњикмати модар, тасвири олами зебою орзую њавасњои модарро ба ќалам орад.

Шоир дар аксари шеърњои ин силсила ба љањони ботинии модар сар фурў бурда, њаќиќати ўро бозгў мекунад.

Аз ин силсила љои шеъри «Ба модарам» људогона аст. Ин шеър ифодагари чењраи хоси модари шоир ва модарони дигар аст.

Лоиќ ба воситаи ин силсилаи шеърњо тафаккури миллии моро дар шеър зинда кард. Ба ифодаи дигар, аз рўзгори модари тољик шеъри тољикона гуфт. Хислатњои ноаён ва муњиби модарро дар шеър зинда кард. Ормонњову њасратњои модарро ба шеър овард.

Мавзўи ишќ барои Лоиќ аз туѓёни њиссиёти инсонї, аз муомилаю муносибати мураккаби одамон иборат аст. Ин фањмиш барои шоир санги мањакест, ки сифатњои маънавии одам, хислатњои олї ё пасти ўро дар назар дорад. Дар бисёр мавридњо шоир ба воситаи ин мавзўъ тавонистааст, ки дар бораи њаёт, муносибати инсон ба инсон, муносибати одам бо љамъият ва ѓайра хулосањои амиќ бардорад, ба зиндагї ва њамзамонони худ назари њакимона дошта бошад. Аз ин мавќеъ Лоиќ аз тавонотарин шоирони ишќисарои адабиёти муосир аст.

Ишќи Лоиќ заминист ва наќши ормонњои заминї дар он равшану пурљилост. Оё дар ин мавзўъ шеър гуфтан барои Лоиќ осон буд? Инро Лоиќ хуб медонист, вале ба нерўи суханварии худ бовар дошт. Дар ин маврид њарфњои шоири австриягї Рилке ба ёд мерасад, ки гуфта буд: «Шеърњои ишќї нанависед: дар аввали кор аз мавзўъњои бозоргиру оддї парњез кунед: онњо аз њама мушкиланд, чунки дар он љое, ки чи ќадар чизњои хуб ва ќисман олї њам њам гуфта шудаанд, барои чизи худро додан ќудрати бузург ва баркамол зарур аст. Бинобар њамин аз мавзўъњои умумї гурехта, дар чизњои шахсї, ки њамин рўзи зиндагиатон ба шумо мебахшад, паноњ љўед: аз ѓуссаю умедњо, фикрњои гузарон ва боваре, ки ба ягон чизи зебо доред бо як њаќќонияти амиќ ором ва њалимона њикоя кунед ва барои ифодаи худ чизњои атроф, хобњо, хотирањоятонро истифода баред».

Лоиќ аз мавќеи он ки ин мавзўъ бозоргир аст ба гуфтани шеърњои ошиќона майл надоштааст, балки танњо ќасди ифшои њиссиёти шахсии худро кардааст. Ў ба воситаи шеъри ошиќона зиндагиро, муњаббат ба њастиро ба шеър овард. Лоиќ симои шоириашро дар шеърњои ошиќона муайн кард. Дар ин ќабил шеърњои ў таассуроти лирикї аввалу охир дорад, зиндагї бо њама пастию баландињои дар шеър мављ мезанад. Лоиќ илова ба таассурот ва њиссиёти фардї андешањои умумиятёфтаро ба ишќиятњояш ворид сохт. Ба назари мо, сабаи мањбубияти бештаре касб кардани шеъраш њамин буд. Хонанда дар шеъри ў армонњояшро дид ва шинохт.

Шеърњои «Муњаббати аввал», «Додгоњи хотира», «Њандаи занона», «Торњои нонавохта дар таѓйири њамин равиши эљодии шоирї гуфта шудаанд.

Минбаъд назари Лоиќ ба воќеият амиќтар мешавад. Ишќро дар оинаи тазодњои олами мављуд тафсири шоирона мекунад. Ва шеърњои дар ин давра навиштаи ў танњо њасратњои ошиќи армоншикан нестанд, балки дарди иљтимоъро низ фаро гирифтаанд. Шеърњои «Шаби тўй», «Кўзаи армон», «Ту хушбахтї?», «Паймонаи муњаббат», «Бињишти гумшуда» њамин мавќеияти шоирии ўро равшан ифода мекунанд.

Мавзўи ишќ ва муњаббати поки инсонї аз мавзўъњои муќаддаси адабиёт аст. Лаѓљишњои ахлоќиро дар ин мавзўъ гузаштагони мо ќабул надоштаанд. Мутаасифона дар адабиёти имрўзи мо, шояд ба таъсири муњаббатномањои бепардаи русї бошад, лаѓљишњои ахлоќї дар шеърњои ба ин мавзўъ гуфта шуда мушоњида мешавад. Ин гуна шеърњои ишќї дар эљодиёти Лоиќ, Бозор, Гулназар низ њастанд, ки онњоро намунаи адабиёти парнографї бояд шинохт. Таъсири зиёновари ин гуна осор ба ахлоќи љавонон љубронннопазир аст.

Ин равия, ки дар зинањои аввали эљодиёти Лоиќ мушоњида мешуд, хушбахтона, минбаъд инкишоф наёфт.

**Дар маљмўъ шеъри ишќии Лоиќ поку беолоиш ва ахлоќписанд аст. Ишќ чун падидаи зиндагї андешањои шоирро ба њаракат меоварад. Аз ин мавќеъ шеъри ишќии Лоиќро дар «андешапарварии шоирона» бояд дида. Воќеан њам Лоиќ лирики тааммуќписанд буда, шеъраш аз андешањои мураккаб ва пуршиддат фароњам омадааст. Вай на фаќат олами маънавию ахлоќии муосирон, балки моњияти иљтимоъї ва эњсосоти граждании онњоро низ ифода кардааст.**

Лоиќ дар ин гуна шеърњо тазодњои зиндагиро ба андеша мегирад, дар бораи зиддиятњои табиати инсон дар бораи зиндагї ва марг, мењру муњаббат ва кинаву адоват, шодиву хурсандї ва ѓаму андўњ, одамият ва ноодамї мулоњиза меронад.

Њам дар лирикаи ишќї ва њам иљтимоии Лоиќ фикру њисси ќањрамони лирики «њаётї, заминї буда, аз конкретияти воќеии зиндагї ѓизо мегирад… воќеањои конкрети зиндагї шоирро ба андеша мебаранд ва аксаран андеша ва сарманшаи њаётиаш ба шеър дохил мегардад. Ќањрамони лирикии Лоиќ ончунон андешапарвар аст, ки боре њатто раќси духтари зебои санъаткор њам дар даили ў шодї ва шурў шавќ бедор накардааст, балки ўро дар сари рўйдодњои зиндагї ба фикру мулоњиза бурдааст» **(116,116).** Дар шеъри «Раќќоса», ки М.Шукуров дар назар дорад, мушоњида ва андеша як љо омадааст, сарманшаи андеша ва худи андеша дар шуури ќањрамон зоњиран паси њам, вале моњиятан омехтаи якдигар вуљуд доранд.

Солњои њафтодум худљуиву худшиносї дар шеър афзоиш ёфт. Назари шоирона ба таърих моњиятан дигар шуд. Дар ин давра бисёре аз ќаламкашон ба таърих рў оварда дар мавзўъњои таърихї асарњо эљод кардаанд.

Дар ин раванд мавќеи Лоиќ дигар буд. Вай аз шонаи таърих ба фардо нигаристан ва моњияти онро дарёфтан мехост. Ин кўшиш ўро ба гуфтани силсилаи «Илњом» аз «Шоњнома» водор кард.

3. А. Чоми Баҳористон. Д. 1986



## Фозилтар аз ӯ касе наёяд

“Устоди сханварони номи Чодусуханони замона Чоми! Он дар сухан мубарҳам майдони фасонро Таҳамтан! Дар баҳри сухан дури ятим ӯ, ба таври суханвари Калим ӯ. Чун лаб ба фасона баркушода, чон дар тани қисса ҷой дода . Имрӯз ба зери чархи гардон Хуршеди раҳили некмардон Фоӯилтар аз ӯ касе наёяд бар хубтар орзӯи нашояд!”

Низомиддин Суҳайли

“Хушо он замон, ки бо вуҷуди шарифи ин гуна бузургворон ороставу даврон бо ин қабил хелқатҳои азизи рафеъулмиқдор нероста буд!

Ҳайфу сад ҳазор ҳайф дареғу сад ҳазор дареғ, ки он офтобҳо ҳуруб карда якчанд хаффоши тирарӯзгор пару бол кушода дар ҳавои баландрӯзгор баландпарвози назарбози чилва мекунанд!”

Алишери Навои

“Дар зери либос мутафарид будан: бар ҳар сурат, ки бармеомаданд дилкаш буданд.

Гоҳ қабо пушидандиву гоҳ чубба гоҳ алоқа аммома гузоштандиву гоҳ не ва гоҳ як гӯша гузоштаандиву гоҳгиррду гоҳе бар баногӯшу гоҳе бар қафо гузоштаанди. Чомеъи ҳаракату саконати ҳазрати эшон хуш ояндаву писандида буд”

Абдулғафури Лори

“Эчодиёти адаби ва осори илмии А.Чоми дар таърихи маданияти гузаштаи тоҷикон яке аз саҳифаҳои дурахшонеро ишғол мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки ӯ на танҳо бо фикру андешаҳои илми-назарияви, балки бо тачрибаҳои адаби-бадеии худ дар соҳаи тараққиву такомули забони адаби ва адабиёти асрҳои XV-XIX мавқеи арзандаву ҳалкунанда мебозид ва бо асарҳои бадеиву назарияҳои адабиаш ба муштоқону илму адаби тоҷик аслиаҳои тавоное мебахшид”

Шарифчон Ҳусейнзода

**АДАБИЁТҲО**


1. А.Афеаҳзод, Ш.Тагаев, Ш.Насриддинов, «Ддабиёти ватан», нашриёти «Маориф», Душанбе-1991сол.
2. А.Маниёзов ва А.Абдувалиев, «Адабиёти ватан», **нашриёти** «Маориф», Душанбе -1977сол.
3. Р.Амонов, М.Шукуров, «Адабиёти ватан»,барои синфҳои 4, нашриёти «Маориф», Душанбе -1985сол.


# А Б Д У Р А Х М О Н Ч О М И ( 1 4 4 1 - 1 4 9 2 )

**Яке аз вазифахое, ки Ҷоми дар назди чигаргуша еа нури дидаи худ мегузорад, ба кадри вакт расидан, аз он хуб истифода бурдан ва дар чавони илму хунар омухтан аст„ Ґ талаб мекунад:**

**Чу нодон на дар банди падар бош,**
**Падар бигзору фарзанди хунар бош!**

**Хамин Мавзўъъи на дар банди падар, яъне магрури ному маком ва сарвати ў шудан, балки фарзанди хунар будан, яъне албатта барои ба худ ва ба чамъият нафъ раеондан хунару илм (Точи сари чумла хунархост илм, - Куфлкушои хама дархост илм) омухтанро Чоми дар тамоми зиндагии худ таълим медод:**

**Хар писар, к - у аз падар лофад, на аз фазлу хунар, Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст. Шохи бебар арча бошад аз дарахти мевадор, Чун наорад мева бар, андар шумори хезум аст.**

**Шоир аз писари худ талаб мекунад, ки дар касби камолоти инсони ва манфиат расондан ба мардум хеч гох ба он чизе, ки ноили он гардидааст, конеъ нашавад:**

**Конеъ нашави ба хар чи ёби, Аз хуб ба хубтар шитоби.**

**Панду насихатхои Чоми ба писараш ва "Баҳористон" бо мохияти худ ахдмияти умуминсони доранд. Барои хамин чоеидони хастанд ва ба дили хар як одам рох ёфта, уро** ***ба*** **суи неки рахнамун менамоянд.**

**"Баҳористон" аз мукаддима ва хашт боб (равза) иборат аст:** 1) **саргузашти орифон;** 2) **хикмати бузургон;** 3) саргузашти **подшохон, адолат ва ахлоки неки онхо;** 4} таргиби **саховатманди;** 5) **хикоятхои шавкангези ишки;** 6) **мутоябахои сафобахш;** 7) **зикри шуаро, таърифи шеър, пайдоиш ва хусну кубхи он; хикоятхои тамеили.**

**"Бахористон" асари бадеиест, ки дар он ба тарзи хосе хам аз зиндагонии ибратомузи шайхону орифон, хам** *аз* **дурдонахои андешаю афкор ва хикмати донишиандони бузург, хам аз накли амали хайри хокимону мансабдорон, хам** *аз* **ривояти хайру саховати муболигаомези афроди таърихи ва химмату некукории шахсони афсонаеи, хам аз тасвири гудози ишк ва дуетига вафодории дилбохтагон, хам аз хигаёти пандомузи тамсили рочеъ ба хайвонот натичахои ахлоки гирифта мешавад. Дар баробари ин муаллифи "Бахористон" иллатхои ичтимои ва айбхои шахсиро фошо - фош ба зери танкид гирифта, ба василаи мукобилгузорни ходисахои ба** *хам* **зид акоиди худро рочеъ ба неки таквият медихад. Равзаи хафтуми "Бахористон" аз хусуси пайдоиши шеъру адаб анвои шеър ва хусну кубхи он сухан ба миён меорад.**

**"Бахористон" ба мазмуии дуняви, акоиди умумиинсонӣ ва нуктахои гуманистии худ чилои махсусмедихад. Имтиёзи Ъахористон" аз асархои дигари хамчинсу хамзамонаш дар он низ хувайдо мегардад, ки адиби инсондуст дар танкиди хокимони золим, ки дину мазхабро никоби худ карда буданд, аз хеч чиз нахаросида, чаеурона никоб аз руи онхо бардошта, аз подшохи диндори золим бехтар будани подшохи бединро пеш мегузорад. Ба акидаи у на дину мазхаб, саччоданишинию тоат,** балки **адолат сифати ягонаест,** *кш* **ба подшох обру ва шаъни човидони меорад.**

**Инчунин муаллифи "Бахористон"** таъкид мекунад, *км* **"агар кас ба маи^рдум теғи номехрубони** кашад, куштаи *теги* **номехрубонон мегардад". Бинобар ин подшох боад окибатандеш ва аз хунрези бархазар бошад.**

**Масъалаи мухими дагаре, ки Чоми дар** "Бахористон" пеш **мегузорад, шинохтани кадри инсон аст. Шоири** бузург мегуад, ки **ба инсон на аз руи сарват ва мансаб, балки** аз **руи хунармандиаш бахо боад дод, зеро: .**

**Кимати мард на аз симу зар аст,**
**Кимати мард ба кадри хунар аст.**
**Эй басо банда, ки аз бахри хунар**
**Кадраш аз хоча басо бештар аст!**

**В - эй басо хоча, ки аз бехунари**
**Дар рахи бандаи худ пайсипар аст.**

**Худи мартабаи хамин гуломи хукармандро аз хочаи бехунар бол гузоштани Чоми яке аз фикрхои пешадами уст, ки аз зубдаи афкори мутараккии инсондустонаи аслофи** у, **хусусан Саъди, ибтидо мегирад. Аз руи ин таълимот барои кадри инсон сурати вохири хам ахамият надорад, кас бояд ботинан ва аз чихати маънви зебо ва гани бошад, чунки:**

**Тан бувад чун гилофу чон шамшер,**
**Кор шамшер мекунад, на гилоф!**

**Абдурахмони Чоми дар "Бахористон" ахамияти бузургии илму донишро дар хаёти инсоният кайд намуда, одамонро ба пардохтани илму дониш хидоят мекунад. Лекин** у **нишон мадихад, ки дарьёи илм бепоён буда, фаро гирифтани** *жишы* **илмхо аз имкон берун аст. Бинобар ин, кас боад ба** *камош* **уаеъулият факат илми зарургаринро оуузад.** АУУО *iипи* **беамал хам фоида надорад. Аз ин ру мутгафакшри аср** *XV* **ба хонандагон еа ультакидони худ маслихат медихад:**

**Илуе, ки ногузори ту бошад, бад - он гарой,**
**В - онро, к - аз он гузир буеад, чустучу макун**
**В - он дам, ки хосили ту шавад илми ногузир,**
**Гайр аз амал ба мучиби он орзу макун!**

**"Бахористон" аз чихати пандомузиву ибратбахши низ нишонрастар буда, нависанда аз мушохидаи манзарахои хузновари факиронаи мамлакат, нобасомонихои чамъиети, бехукукии раият, горати туркони чигатой, ривочи бозори зулуи хокимони худ, бедиёнатии арббобони дин низои асосии ичтимои ва ахлокии зиндагии чомеаи даврони хешро дарк менамояд. У дар ин асараш низ идеали адолати ичтимоиро тафсилу тахким дода, мусовоти инсонхо ва бебакоии хокаи зулму ситамро ба калам медихад. Вай аз хар як инсон такозо мекунад, ки дар муносибат бо инсони дигар эхтиром, риояти иззати нафс, сидку сафо, ахду вафо ва хайру некиро ба кор андозад. Андешахои Чоми дар бораи кадру киммат ва макому уанзалати волои инсон, ки -на вобастаи наелу насаб, мулку дорои, балки самараи уаънавиёти гани ва аклу хирад aет,**

низ муфид ва шоистаи тавaччуханд. Хамчунин Чоуи дар як силсила хикоятхои "Бахориетон" бо шеваи мазхакави вокеияти мудхиши замонаи хеш ва сиришти манфури ахли зулу -подшохони ситамгар, вазирони бемурувват ва амалдорони чафокори замони феодалиро чилвагар менамояд. Ба хамин тарик, танкиди разолатхои замони феодали ва хислатхои нохуби намояндагони алохидаи он мазмуни бисьёр хикоятхои "Бахористон" - ро ташкил мекунад» Вале *Номш* аз айбхои инсонхои одди низ чашм намепушад. Вай гохе дар инсонхо иллатхо, нуксонхоеро мебииад, ки сарфи назар аз макоми чамъиятии шахс, манфур еа барои чомеа зарарнок мебошанд. Аз ин ру баъзе хикоятхо ва мутоибахои "Бахористон" ба мукобили кохилию хасад ва бухл барин айбхое нигаронида шудаанд, ки барои хама зиштанд. *Пке* аз иллатхои кабехтарини инсони, ки дар байни афроди табакахои гуногуни нимаи дуюми асри XV низ пахн гардида буд, майхораги ва бадмасти буд. Ин одати зишт дар он замон махсусан дар байни табакаи боло - шоху дарбориёни у, амалдорони олирутба, хатто рухониёну ходимони дин ва аз табакаи шахр дар байни лавандхо (олуфтаи шахри) басе ривоч ёфта, фасоди ахлокро бештар мекард. Дар осори Чоми ва наздикони у - Навои, Хотифи, Бинои, Сухайли, Кошифи ва дигарон зарархои маънави, иктисоди ва чисмонии шаробхораги мазаммату махкум шуда, кушише рафтааст, ки мардумро аз разоилати ин пастигари эмин нигох доранд. Уувофики гуфти Чоми, шаробу май душмани аклу хуш, зоилкунандаи донишу биниш, фосидкунандаи ахлок ва сарчашмаи чумла хабисихо буда, шахси майхора наметаеонад, ки байни хубу зиш, некию бади, халолу харом, дустию душмани фарк гузорад. Бинобар ин . инсондусти олмшумул Мавлави Чоми аз ин кабохат дури чустан ва ба ин разолат нафрат доштанро таргиб мекунад ва ба хонанда хитоб менамояд:

Душмани хуш май аст, эй хушманд,
Дустро маглуби душман кам писанд!

"Бахоритон" - ро Чоми, чунон ки худ мефармояд, дар татаббуъ ва сабку усули Тулистон" эчод намуда, дар пайравии Тулистон" онро бо санъати сачъ ороиш додааст. Забони он дар баробари нигох доштани зебоихо ва фасохати сачъ соддаву равон ва фахмо буда, чумлахои муеаччзпш саршори иборaю таъбирхои халки ва порахои шеърии он шабехи гуфтору сурудахои мардумианд. Накли хикоятхо еа латифаю мутоибахои дохилии равзаихо ба хикояву латифахои дилкаши

**фольклори монанданд. Мухокимаронихои фалсафи, мубодилаи афкор ва сухбатхои донишмандон, андарзу хикматхо арзиши ахлокии он асарро афзудаанд. Мавкеи устувори гуманисти низ Саъдиву Чомиро наздик мекунад ва аз умумияти касду хадафи эчодии ду суханвари нобига дарак медихад. чоми Мавзўъъхои Тулиетон" - ро дар бобати адлу инсоф, парваридани хисси масъулияти инсонию ичтимои, покии ахлоки дарвешон ва ишку мухаббату чавони вусъату идома дода, дар навбати худ ба асараш сюжетхои тозаро ворид овардааст. Наклу хикоёти Чоми дар нигориш, сюжетбанди ва низоъ рангорангтаранд.**

**"Бахористон": "Туркеро гуфтанд: - Кадом дусттар дори, хорати имруз** *ё* **бихишти фардо? Гуфт: - Имруз даст багорат бикушоям ва хар чи ёбам, бирабоям ва фардо бо Фиръавн дар оташ дароям". Китъа**

**Он шунидасти, ки турке васфи чаннат чун шунид,**
**Гуфт бо воиз, ки он горату тороч аст?**
**Гуфт: "Не". Гуфто "Батар бошад зи дузах он бихишт ,**
К - андар у кугах бувад аз горату тороч даст!"

Х и к м а т

Се кор се руз зишт ояд: тунди аз подшохон ва хирс бар мол аз доноён ва бухл аз тавонгарон.

КИТЪА

Ин се кор аст, к - иш нигорад зишт
Аз се кас хомаи нигаронида:
Тундхуии подшохи кави,
Хирси донову бухли доранда.

Саволҳо ва супоришҳо барои мустаҳкамкунии мавзўъ:

**1.**Мавқеи А Чоми ва асарҳои ўро дар тарбияи насли наврас нишон деҳид.

2.Дар бораи асари “Баҳористон” ва сохти он маълумот диҳед.

3.Ҳикояти аз асари “Баҳористон” , ки ба синну соли мактабиёни хурдсол асос бошад ва шарҳ диҳед.

4.Аз ашъори А.Чоми намунаи аз ёд гўед ва мазмуни онро маънидод намоед

## ХУЛОСА

Дар хакикат Абдурахмони Чоми яке аз бештармн шомрм замонаи худ буд. Нависандаи "Бахориетон" хаучун **шахем** халкпарвару ватандует, озодихоху адолатчу ва хайрхохи табакаи захмаиткашу мазлум пеш аз хама намудани масъалаи ичтимоиро ба миён гузошта, мувофики тасаввури асримиёнаги чамъияти инсонхоро ба ду гурух - золимон ва мазлумон таксим менамоад ва бар зидди зулму чавр ва тааддиго бедодгари исьён бардошта, давлатмандонро ба саховат ва бечорагонро ба каноат даъват намуда, бо хамин адлу инсофро таргиб мекунад ва бар заидди худбинию худписанди ва харисию хасосат, берахмию беинсофи ва чангу чидол исьён мебардорад, ин нуксонхоро сабаби фалокати чамъмят ва вайронии мамлакат дониста, аз онхо рохи халоси мечуад ва ин рохро дар сохти подшохие мебинад, ки дар он шохи одили хизматгори халк хукмрон бошад. Аз ин хикояту ривоятхои Чоми чавонон барои худ гизои маънави мегиранд, ки ин бошад барои ояндаи онхо бисьёр пандовар аст. Умуман, асархои Абдурахмони Чоми барои насли наврас ахамияти бузургеро дорад, чавонон дар амал ин муносибатхоро мебинанд ва дида истодаанд.

## АДАБИЁТ


**1.А. Афсахзод - "Бахористон". Душанбе, Нашриёти "Ддиб" 1987.**

**2. М. Муминов. "Адабиётшиноси". Душанбе, Нашриёти "Ирфон"1971.**

**3.А. Афсахзод. "Адабиёти тоҷик". Душанбе, Нашриёти "Адиб" 1988.**

Мавзўи **Фолклори маросими мавсимї** **Маърўза**

**Наќша:**

1. Маросимҳои мавсимї ва тарзи иљрои онҳо.
2. Нақши ҳодисаҳои табиат дар пайдоиши сурудҳои мавсимї.
3. Љараёни ташаккули маросими мавсимї, суруду таронаҳо бахшида ба маросимҳои гуногуни мавсимї.
4. Назми мавсимї ва мавзўъҳои он.
5. Тарона ва сурудҳо дар мавзўи наврўз, гулгардонї, суманак, сустхотун, киштукор, хирманкўбї, меҳргон, барфї.
6. Мундариља ва шаклҳои шеърии онҳо.

***Мафњумњои асосї:*** *маросимњои халќї, маросими гулгардонї, љашни Наврўз, дарав ва хирманкўбї, суманак, Љуфтбаророн, сурудњои маросимї, маросими хосилѓундорї, сайри гули лола, Сусхотун*

Ҳар як халқ аз рўи урфу одатҳои миллии худ маросимҳои анъанавї дорад, ки аксарияти онҳо бо оин, ақида ва тасаввуроти қадимии мардум алоқаманд мебошанд. Бо мурури замон, вобаста ба њодисаҳои гуногуни таърихї бисёр расму одат ва маросимҳо аз байн рафтанд, тағйир ёфтанд ва баъзеашон бо таъсири дин хусусияти динї гирифтанд.

Маросимҳои халқие, ки то замони мо расидаанд, ба се гурўҳ људо мешаванд: **маросимҳои мавсимї, маросими тўй ва маросими мотам.** Дар заминаи ин маросимҳо намудҳои гуногуни эљодиёти бадеии халқ ба вуљуд омаданд, ки онҳоро дар илми фолклоршиносї фолклори маросимї меноманд.

**Фолклори маросимҳои мавсимї.** Маросимҳои мавсимие, ки дар байни тољикон маъмулу машҳур будаанд, аз инњо иборатанд: маросими љашни

Наврўз (ё сари сол), маросими пешвозгирии баҳор: гулгардонї (бойчечак), сайри гули лола, сайри гули сурх, Сусхотун, маросими пешвозгирии айёми киштукор (љуфтбаророн, суманак), маросими ҳосилғундорї, (дарав, хирманкўбй) ва барфї.

Ҳамаи ин маросимҳо дар фаслҳои гуногуни сол моҳ, ҳафтаву рўзҳои људогона вобаста бо фаъолияти кишоварзии деҳқонон гузаронида мешудаанд, ки сабаби маросимҳои мавсимї ном гирифтани онҳо ҳам маҳз дар ҳамин аст.

Дар рўзҳои мо ин маросимҳо чун дар замонҳои пешина дар байни мардуми тољик мавқеъ надоранд. Ба сабаби дигаргун шудани ҳаёти сиёсї, иқтисодї ва маънавии халқ аксарияти онҳо аз байн рафта, аҳамияти пештараи худро гум кардаанд.

**Гулгардонї.** Гулгардонї яке аз маросимҳои пешазнаврўзї мебошад, ки ба муносибати шукуфтани гулҳои нахустини баҳорї баргузор мегардад.

Доир ба ин маросим дар фолклоршиносии тољик аввалин муҳаққиқе, ки маълумот додааст Н.Маъсумї мебошад. Ў дар бораи маросими мавсимии гулгардонии «Бойчечак», «Сиёҳгўш» ва «Гули наврўзї» таваққуф намуда, баъзе порчаҳои таронаҳои онҳоро намуна оварда, аз нигоҳи мазмуну мундариљаи ғоявї таҳлил кардааст.

Ин маросим асосан аз тарафи писарбачагон иљро мегардад. Онҳо дар аввали фасли баҳор ба кўҳу саҳро баромада гули бойчечакро љамъ менамоянд. Бегоҳирўзї  як љои аниқро интихоб намуда, љамъ омада, ба ҳар як дари ҳавлии одамон рафта, суруди бойчечакро мехонанд. Бойчечакхонҳо одатан Бобои Деҳқонро хотирнишон сохта, аз номи вай аз соҳибони хона талаб мекунанд, ки инъоме диҳанд.  Чор панљ сарбайтхонҳо ба сурудани таронаи бойчечак оғоз менамоянд, дигарон баробар бо овози баланд ду маротиба калимаи «Бойчечак»-ро такрор мекунанд:

**Сарбайтхонҳо:**

Бойчечака аслаш гул,

Гул дар макони булбул.

**Ҳама:**

Бойчечак бойчечак.

**Сарбайтхонҳо:**

Чй алам дорї дар дил,

Дар саҳроҳо нишастї?

**Ҳама:**

Бойчечак бойчечак.

Соҳибони ҳавлї, бештар кадбонувон, баъди поён ёфтани суруд барои гулгардонҳо аз рўи ҳиммат ва имконоти моли оилавї гандум, нахўд, наск, меваи хушк ва нону пул инъом менамуданд. Соҳибони хона гулро аз дасти сарбайтхон гирифта «Ба солу моҳи нав расем, гул барин беғам шавем, шукри Оллоҳ, ки ба баҳор расидем» барин суханони анъанавї мегуфтанд ва гулҳоро ба чашму абрўвони худ себорї молида, бўй намуда, сипас ба гулгардонҳо бармегардониданд. Маросими «Гулгардонї» то соатҳои 10-11 шаб давом мекард.

Фолклоршинос Р.Аҳмадов иброз медорад, ки «ин маросим (Маросими Гулгардонї А.Ш.) қариб дар тамоми гўшаву канори Осиёи Марказї, ки тоҷикон сукунат доштанд, бо баъзе тафовутҳо анъанавї баргузор мегардид[11].

Дар сурудҳои бойчечак аввалин гули баҳор будани он ифода меёбад. Сурудҳои бойчечак бештар ба вазъи ҳоли ҳамон хонадон равона карда мешавад. Бойчечакхонҳо орзў мекунанд, ки хонадони онҳо бартараф аз камбудиҳову норасоиҳо гардаду дар баҳори нав орзуҳои иҷронагаштаи онҳо амалї гардад ва хўшнудиҳоро истиқбол гиранд.

**Наврўз.**Ҷашни Наврўз як бахши ниҳоят қадимаи фарҳанги тоҷикон мебошад. Ин ҷашн бузургтарин анъана ва иди солинавии мардум аз даврони кўҳан то рўзгори мо бо як силсила маросимҳои солинавї бо шукўҳу ҳашамат ва зебоиҳову дилрабоиҳои баҳорона баргузор мегардад. Ҷашни Наврўзро мардумони мо дар масири таърихи дуру дароз бо як ҷаҳон орзу ва таманниёт барои беҳбудии рўзгор таҷлил менамоянд. Ин ҷашн паёмовари

[11] Аҳмадов Р. Фолклори маросими мавсимии тоҷикони Осиёи Марказї. –Душанбе, 2007, саҳ.157

фасли баҳор, навшавии сол, омадани фасли гармову марги сардї – зимистон ва бозоии табиат ва замони хурўљи инсон аз олами хамудагї ва пайвастан бо табиат ва шурўи ҳаёти иљтимоии дубора дар љомеа ва кори дастљамъї дар берун аз хона ва дар марзаъву боғу бўстон аст. Аз ин рў, Наврўз рўзи фархундаву муборакe мебошад, ки оғози бедории табиат ва фасли рўишу шукуфоии гулҳоро навид дода, намоише аз љовидонагии офаринишу хилқати такрори табиат мебошад. Гарчанде пайдоиши Наврўзро сарчашмаҳои бостонї рангу бори асотирї медиҳанд, вале зуҳури он марбут ба дигаргуншавї ва гардиши фаслҳои сол иртибот дорад.

Дар бораи таърихи пайдоиши Наврўз дар осори олимон ва шоирони замонњои гузашта, аз љумла дар «Осор ул-боќия»-и Абўрайњони Берунї, «Таърихи Бухоро»-и Наршахї, «Наврўзнома»-и Хайём, «Шоњнома»-и Фирдавсї ва осори бадеии шифоњиву хаттї маълумотњои судбахше мављуданд.

Дар ривоятњои бисёре давраи пайдоиши љашни Наврўзро ба шоњони Пешдодї нисбат медињанд ва гўё Љамшед чањорумин шоњи пешдодї бунёдгузори љашни Наврўз мебошад. Аз љумла олим ва файласуфи бузург Абўрайњони Берунї бунёди љашнгирии Наврўзро ба Љамшед нисбат дода, чунин менависад: «Чун Љамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рўз ба он савор шуд ва љин ва шаётин онро њамл карданд ва ба як рўз ба кўњи Дамованд ва Бобул омад ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рўзро ид гирифтанд»[12].

Абулқосим Фирдавсї дар достони «Падид омадани Наврўз» ёдовар шудааст, ки ҳангоме Љамшед аз корҳои давлатдорї биёсуд, бар тахти каёнї биншаст ва тамоми бузургони кишварї ва лашкарї бар атрофи тахти ў давра нишастанд ва бар ў гуҳар пошиданд. Шоҳ Љамшед он рўзро, ки нахустин рўзи Фарвардин ва оғози сол буд, «Наврўз» номид ва љашн баргузор кард:

Ба Љамшед бар гуҳар афшонданд.
Мар он рўзро Рўзи Нав хонданд.

[12] Берунї А. Осор-ул-боқия. –Душанбе, 1990, саҳ. 332

Сари Соли Нав Ҳурмузи Фарвардин,
Бар осуда аз ранљ тан, дил зи кин.
Бузургон ба шодї биёростанд,
Маю љому ромишгарон хостанд.
Чунин рўзи фаррух аз он рўзгор,
Бимонда аз он хусравон ёдгор[13].

Аз рўи нақли Ибни Балхї ривоят ва ё афсонаи бар тахт нишастани Љамшед дар фасли баҳор ва Наврўз номидани он рўз чунин аст: «ба фармони Љамшед ҳамаи бузургон ба шаҳри Истахр, ки дар наздикии Тахти Љамшед воқеъ буд, гирд омадаанд ва дар соате, ки «Шамс ба дараљаи эътидоли рабеї расид, вақти соли гардиш, дар он сарой бар тахт нишаст ва тољ бар сар ниҳод ва он рўз љашн сохт ва Наврўз ном ниҳод. Ва он сол боз Наврўз оин шуд. Ва он рўз Ҳурмуз аз моҳи Фарвардин буд ва дар он рўз бисёр хайрот фармуд ва як ҳафта мутавотир ба нишот ва хуррамї машғул буданд»[14].

Рољеъ ба Љамшед ва бо корнамоиву фаъолияти ў таъсис ёфтани љашни Наврўз қариб дар аксари сарчашмаҳои адабиву таърихї бидуни баъзе тафовутҳои љузъї иттилоот шабеҳи ҳамдигаранд. Аз ин рў, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳо аз як манбаи таърихии махсусияти устуравї дошта ибтидо гирифтаанд.

То ҳол Наврўзро қариб дар тамоми гўшаву канорҳои Осиёи Марказї, љашн мегиранд. Рўзи дохилшавии Наврўз ба ҳисоби солшумории Шамсї (деҳқонї) якуми моҳи Ҳамал ва ба ҳисоби мелодї 21-22- юми моҳи март, ба ҳисоби Сосонї 1-уми Фарвардин мебошад.

Мардум бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ин љашн пешакї тайёрї медиданд. Барои пешвоз гирифтани Наврўз бо хоки сафед (оҳак) хонаҳои худро сафед мекарданд, дар девори он ҳар гуна гулу нақшу нигорҳо мекашиданд. Ду ҳафта пештар гандум, љав ва ё ягон зироати дигарро дар

[13] Абулқосим Фирдавсї. Шоҳнома.–Душанбе: Ирфон, 1964, саҳ. 25-26

[14] «Форснома»-и Ибн-ал-Балхї. Ба чоп тайёркунандагон: Ҳ.Рауфов ва М.Љалилова. Душанбе: Дониш, 1989, саҳ. 27

зарфе месабзониданд. Аз як қисми он суманак мепухтанд, қисми дигарашро ба ягон зарфе бардошта, дар хони наврўзї мегузоштанд.

Дар Мовароуннаҳр мардум кўшиш мекарданд, ки пеш аз Наврўз ба ҳамдигар чизе ҳадя намоянд. Ду соат пеш аз таҳвили Соли Нав мизи наврўзиро тартиб медоданд, ки онро «Суфраи ҳафтсин» меномиданд. Мардумони доро барои тартиб додани хони наврўзї бо ҳам мусобиқа мекарданд. Ин як роҳи намоишдиҳии шукўҳ, ғановат ва тавоної дар назди дигар давлатмандон буд. Аз ин љиҳат рўи мизи наврўзии онҳоро шамъҳои ранга, оина, ғулунгоб, нонҳои қуббадор, самбўса, мураббоҳои гуногун, суманак, сабзаи гандум, гулоб, оши палав ва ғайра зинат медоданд. Қадбонувон дар рўзи Наврўз дегҳоро то гушакаш пур карда таом мепухтанд. Камбағалон кўшиш мекарданд, ки ақалан дар Наврўз таомҳои дўстдоштаи хонаводаро омода созанд. Наршахї иброз медорад, ки «ҳануз дар асри X кишоварзон ҳар сол дар Соли Нав то фурў рафтани Офтоб дар назди қабри Сиёвуш яктої хурус оварда мекуштанд»[15]. Эҳтимол дорад, гўшти парранда, алалхусус мурғ барои тайёр кардани таоми маросимї дар Наврўз ниҳоят аз замонҳои кадим боқї монда бошад. Дар охирҳои асри XIX дар бозорҳои Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳои марказии Осиёи Миёна дар арафаи Наврўз гўштҳои мурғ, кабк, бедона, моҳии зинда ва ғайраро мефурўхтаанд.

Дар шаҳрҳои марказї аввали сол ҳамаи хонаҳоро бо шамъҳои ранга фурўзон мекарданд. Дар вақти афрўхтани шамъ ба кабудї (сабза, оина, ба рўи зебо ва ба асп нигоҳ мекарданд, ки ин одат аз давраи Сосониён боқї мондааст. Дар болои «хонча», ки он дар байни дастурхон гузошта мешуд, сипанд, себ, санљид, сумоқ, сир, сирко, ва суманак (саману)-ро низ мегузоштанд. Инчунин гузоштани шири тоза ва тухмҳои рангаро низ фаромўш намекарданд.

Мардум чунин маросимҳоро гузаронида, орзу мекарданд, ки Наврўзро бедарду ранљ пешвоз гиранд, то Наврўзи оянда сиҳату саломат бошанд. Мувофиқи ақидаи онвақта агар шахсе дар арафаи Соли Нав гирифтори касалї

[15] Муҳаммад Наршахї. Таърихи Бухоро. –Душанбе, 1990, саҳ. 14

ё ғаму кулфат бошад, то соли оянда аз он раҳоӣ намеёфтааст. Бинобар ин бо созмон додани чунин маросимҳо одамон худро аз ҳар гуна нохушӣ ва бадбахтиҳо эмин нигоҳ доштан мехостанд.

Дар шаҳрҳои маркази Осиёи Миёна дар арафа ва рӯзҳои наврӯзӣ сайрҳои гуногуни халқӣ барпо мегардид. Устод С.Айнӣ ва Љ.Икромӣ ин гуна сайру гаштҳои мардумони шаҳри Бухоро ва гирду атрофи онро дар асарҳои худ хеле барљаста тасвир намудаанд. Устод С.Айнӣ дар қисмҳои дуюм ва чоруми «Ёддоштҳо» се бор гаштаю баргашта дар бораи Наврӯз ва сайри гул таваққуф намуда, халқӣ будани онро махсус қайд кардааст. Дар рӯзҳои наврӯзӣ сайргоҳи расмӣ-давлатӣ Ширбадан ном љое буд. Дар идгоҳ ҳаргуна мусобиқаҳои халқӣ баргузор мегардид. Паҳлавонон бо санъатҳои дастпечӣ, қалмоқӣ, қоқма, сари сурунг ва ғайра гирифта рақибони худро маглуб мегардониданд.

Идгоҳи асосии мардумони Самарқанд Афросиёб ном љое буд. Дар ин љо ба муносибати Наврӯз дуконҳои гуногуни шираворфурӯшӣ, чойхонаю ошхона барпо мекарданд. Дорбозҳо дор мебастанд. Бозиҳои гуногун, аз љумла намоишҳои аспак ва чархифалакбозӣ ташкил меёфт. Навозандагону ҳофизони машҳур дар љойҳои махсус маскан гирифта, аз суруду тарона ва оҳангҳои дӯстдоштаи халқӣ Савту Шаҳноз, Наврӯзй Аљам, Наврӯзи Хоро, Ушшоқ ва ғайраҳоро иљро мекарданд. Гӯштӣ, бузкашӣ, пойгаҳ, чаҳчаҳбозӣ, давдавакбозӣ барин бозиҳои оммавӣ барпо мегардид, ки дар онҳо љавонони чолоку далер ва пурзӯру тавоно қувваозмоӣ карда, тамошобинонро шод мегардониданд. Љашни Наврӯз дар Самарданд як ҳафта давом мекард.

Ҳамин тавр, мардуми мо чунин маросимҳоро ба љо оварда, орзу мекарданд, ки дар Соли Нав ҳама шоду масрур бошанд. Пою қадами Наврӯз мисли орд сафед бошад, ранљу кулфат ва ғаму андӯҳ ба хонадонашон роҳ наёбад, ҳосили кишти деҳқониашон фаровон шавад.

Љашни фархунда ва ҳуљастапаи Наврӯз барои мардумони мо, хосатан барои тољикон рамзҳои зиёдеро ифода мекунад. Ин љашн, пеш аз ҳама, рамзи бедории табиат, шукуфоӣ ва ифодагари љавонии Оламу Одам аст.

Наврўз дар назди мардумони мо пирўзии нур бар торикї, гармї бар сардї, хубї бар бадї, чавонї бар пирї, покиву назофат бар касифї, маърифат бар љаҳолат, доної бар нодонї, шарофат бар разолат ва дасткўтоҳї бар хайру саховат маҳсуб мешавад. Инчунин Наврўз љашни омад омади баҳор, иди такопўи Замин ва љунбиши зебоиҳои зиндагист, зоиш ва рўиши такрори табиат мебошад. Ягон иду маросимҳои мардумї чун Наврўз ба дилу дидаҳои мардум наздик намебошанд. Аз ин рў, мардуми мо ин мероси гаронмояи ниёкони бофарҳангии худро, ки се ҳазор сол қабл аз зуҳури оини зардуштї пайдо шуда буд, дар масири таърихи тўлонии фарҳанги хеш бо рангу бў ва таровату нигориши дилчасп ҳар сол таљлил менамоянд. Имрўзҳо бо шарофати истиқлолияти Ўзбекистон Наврўз бо як шукўҳ дар ҳама љои мамлакат баргузор мегардад. Рўзи Наврўз сайлҳои гуногун, мусобиқаҳо баргузор мегардад, таомҳои гуногун пухта мешавад ва тамоми мардуми мамлакат истироҳат менамоянд. Наврўз дар имрўз ба љашни умумхалқї мубаддал гаштааст.

**Сурудҳои** баҳорї баёнгари онанд, ки дар ҳар ҳолате баҳорро гиромї доштаанд ва ба ақидаи фолклоршинос Додољон Обидов «баҳор фасле аст, ки аз оғози соли нав, зиндагии нав, аз талошҳои тоза ва пурсамар ва махсусан аз оғози кору фаъолиятҳои нав ва љунбишҳои нав навиде меоварад ва мардумро ба сўи корнамоиҳои нав ва комёбии нав ҳидоят менамояд»[16].

Мардум, ҳамеша баҳор ва Наврўзро гиромї доштаанд ва фаро расидани ин арўси солро бо шодию хушнудї пешвоз гирифтаанд ва таровату зебогии баҳорро дар суруду таронаҳои худ бо самимият ифода намудаанд:

Фасли Наврўз омаду саҳро ҳама шуд лолазор,
Шодмонї дар дили пиру љавон шуд барқарор.
То шавад роҳат муяссар мардуми бечораро,
Бо каланду љуфт деҳқон мешавад машғули кор.

[16] Обидов Додољон. Таҳқиқи сурудҳои мавсимии тољикони Афғонистон. –Душанбе, 2009, саҳ. 20

Дар  баҳор замин қолини сабзро ба бар карда, табиатро ҳусни дилангезу ботаровате мебахшад, гулҳои зарду сафед, сурху нилгуни баҳорї шукуфон шуда, табиатро боз ҳам рангинтару зеботар, оламро дилработар менамояд.

Устод Садриддин Айнї дар бораи баргузории љашни Наврўз дар Бухоро менависад: «...Ба сабаби дар аввали баҳор дар вақти ба ҳаракат даромадани рустаниҳо рост омадани ин ид (Иди Наврўз А.Ш.), табиати инсон ҳам ба ҳаракат меояд. Аз ин љост, ки тољикон мегўянд: “ Ҳамал- ҳама чиз дар амал». Дар ҳақиқат Наврўз љашни растохези олами хуфта, бедории табиат, оғози корҳои кишоварзї ва пайванди ногусастании инсон бо замин мебошад:

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ба чўпон тўли мол омад.
Ҳама гулҳо қатор омад,
Гули савсан савор омад.
Баҳори нав муборак бод!

Воқеан ҳам, бо омад-омади баҳор марди деҳқон синаи заминро омодаи кишт мегардонад ва бо дастони нерўманди худ ба замин дона кишт мекунад ва дар дил барои беҳрўзї ва зиндагии навине ба кори самарабахш умеде мепарварад. Бинобар ин ў омадани баҳор ва Наврўзро бесаброна интизор мешавад.

Дар сурудҳои наврўрї ва баҳорияҳо масъалаи тараннуми баҳор ва тасвири хислатҳои он мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Масалан, дар сурудҳои поён баъзе аз љиҳатҳои умдаи табиат аз қабили тозаю тар гардидани димоғи андалебон, сабзу муаттар шудан ва либоси арўсї пўшидани табиат, бо омадани Наврўз дигар шудани оламу аз хок берун баромадани гиёҳҳо инъикос ёфтааст:

Баҳор омад, димоғи андалебон тозаю тар шуд,
Либоси наварўсони чаман сабзу муаттар шуд.
Ё ин ки:

Иди наврўз омаду олам дигаргун мешавад,

Ҳар гиёҳе, ки бувад, аз хок берун мешавад.

Дар сурудҳои боло низ сухан, асосан, аз хусуси таърифу тавсифи хушгувориҳои баҳор ва фаро расидани он рафтааст. Дар ин суруд зимни шодмонии мардум аз фаро расидани баҳор, дамидани сабзаву аз хок берун шудани гиёҳҳои «бешумор» аз бўи баҳор «тоза» шудани димоғи андалебон таъкид гардидааст. Ба ифодаи дигар, дар байтҳои болої масъалаи эҳёгари воқеии табиат будани баҳор, бо омад-омади худ ба олами ҳастї љони тоза ато кардан васеътар ифода ёфтааст.

Суруду таронаҳои ба љашни наврўз ва айёми баҳор бахшидаи халқї, асосан,  мазмун ва мундариљаи тавсифї доранд. Ин гуна шеъру сурудҳо табиати зебо ва манзараи сабзу хуррами баҳориро васф мекунанд. Инчунин, таронаҳои баҳорї ва наврўзї тасаввури мардумро дар хусуси табиат, рўидани сабзаву шукуфтани гул ифода менамоянд:

Себарга бигуфт: «Дар замин сабза манам»,

Бунафша бигуфт: «Љавони пурғамза манам».

Садбарг бигуфт: «Лофи беҳуда мазан,

Дар кокули ошиқони пурғамза манам».

Дар як қисми сурудҳо бо шодию нишот пазирої кардани мардум Наврўзро, ғанимат донистани лаҳзаҳои хуше, ки Наврўз ба армуғон овардааст, бозтоб гардидааст:

Наврўз фаро омада бо ахтари фирўз,

Бо ахтари фирўз фаро омада Наврўз.

Мутриб, биё сози дигар боз ба по кун,

Бошад, ки ҳар лаҳза ғанимат дар ин рўз.

Сурудҳои баҳорї ва наврўзї ба кас рўҳияи тоза, қувват ва умед мебахшанд, дилҳоро ба љўш меоваранд ва саршор аз шодмонї ва фараҳ месозанд.  Дар онҳо на фақат ибрози табрику таманниёт, самимият ва эҳтироми мардум нисбат ба якдигар, балки рўҳияи хушбинї, шавқу завқ ва эҳсоси дўстдорї нисбат ба табиат доштаи онҳо васф шудаанд.

Хулоса, сурудҳои ба наврўз ва баҳор бахшидаи халқї сурудҳои нишотоваранд. Онҳо ба инсонҳо қуввату тавоної мебахшанд, ғаму андўҳро аз дилҳо дур мекунанд, умед ва шавқу завқи одамонро нисбат ба зиндагї ва меҳнат афзун мегардонанд. Ин гуна сурудҳо шукўҳи љашни Наврўзро меафзоянд, онро ба базми тарабу сурур табдил мегардонанд ва умри ин љашни пуршукўҳро бардавом месозанд.

***

Наврўз шуду лолаи хушранг баромад,<br>
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.<br>
Мурғони ҳаво љумла бикарданд парвоз,<br>
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.

Наврўз расиду шоду хуррам гаштем,<br>
Аз рафтани дай љумла беғам гаштем,<br>
Дидему чашидем ба сад меҳнату ғам,<br>
Охир ба гули баҳор ҳамдам гаштем.

Наврўз шуду омад ба таманно гули раъно,<br>
Пўшида ба бар хилъати зебо гули раъно.<br>
Дар мавсими гул бодаи рангин чй хуш омад,<br>
Дар соғари зар рехт ба саҳбо гули раъно.

**Љуфтбаророн.** Маросими мавсимии дигар Љуфтбаророн мебошад. Ин маросим ҳам қадимї буда, низ дар аввали баҳор гузаронида мешудааст. Фолклоршинос Р. Қодиров қайд мекунад, ки «дар водии Қашдадарё вақти шудгори заминро мўйсафедони пуртаљриба ва саркорони деҳа муайян мекардаанд»[17]. Ба маросими Љуфтбаророн ҳамаи аҳли деҳа-зану мард тайёрї медидаанд. Ҳар оила аз рўи будааш таом мепухтааст. Мардон меҳмонхона ё масљидро рўфта тоза мекардаанд ва аз мардуми деҳа палос чамъ карда, љои нишаст меоростаанд. Пагоҳии рўзи Љуфтбаророн ба он љо ҳар кас ҳар чй аз

[17] Ќодиров Р. Фолклори маросимии тољикони водии Ќашқадарё. Душанбе, 1963, саҳ. 41

таомҳои пухтагиаш меовардааст. Пас аз љамъ омадани аҳли деҳа яке аз куҳансолони мўътабар «кушоиши кор, баракату барор, Бобои деҳқон мададгор, якашон ҳазор шавад» гуфта фотида медодааст ва таомҳои омадаро ба деҳқонон—љуфтронҳо тақсим мекардааст. Рўзи дигар деҳқонон ба барзаговҳо яктої нон мехўронидаанд, ба шохњои онҳо равғани зағир мемолидаанд. Инчунин барои зиён нарасидан ҳазориспанд дуд карда онро «дафъи бало, дафъи бало» гўён дар гирду атрофи барзаговҳо давр мезанондаанд. Баъд барои шудгор кардани замин барзаговҳоро ба саҳро мебурдаанд. Дар баъзе љойҳо ин маросим ба таври индивидуалї, дар ҳудуди як ё ду оила гузаронида мешудааст. Рўзи аввали заминронї танҳо ду-се хат заминро шудгор карда, ба он каме гандум ё љав кошта, бармегаштаанд.

**Суманак.** Маросими дигаре, ки дар байни мардуми тољик ва ўзбек бошукўњ гузаронида мешавад «Суманак» ба њисоб меравад. Аз замонњои ќадим мардуми мо, аз љумла занон ва духтарон ин маросимро ба ўњда медоранд.

Истилоњи «Суманак» дар фарњангњо ва луғатномањо ба шакли «Саманў» омадааст, ки ба маънои њалвоитар, ки аз шираи гандуми сабзшуда тањия мешавад, эзоњ ёфтааст. Масалан дар «Фарњанги Муин» оварда шудааст: «Саманў» монанди њалво чизест, ки аз гандуми сабз пазанд ва дар Хуросон мутаориф аст ва гирдакон (чормаѓз) ва бодом ва писта дар он кунанд, дар урф «Суманак» гўянд[18]

Њамчунин дар «Бурњони ќотеъ» омадааст: «Саманў» чизест монанди њалвои тар ва онро аз шираи гандуми сабзшуда пазанд[19].

Истилоњи «Саманў» дар байни мардум ба шакли «Сумалак», «Суманак» талаффуз мешавад. Суманак ба аќидаи мардум љумлаи таомњои табаррук буда, пухтан ва иљрои маросими марбути онро амри савоб, фоли нек ва хушбахтї мепиндоранд. Аз њамин сабаб аст, ки суманакро дар дастурхони Наврўзї бо номи «Саманў» дар љумлаи себ, сир, санљид, сирко, самоќ ва

[18] Луғатномаи Деҳхудо, љ. 8, 1373 ҳ., с. 123
[19] Дар ҳамон љо.

сабзї ќарор медињанд ва ба гунаи таоми мутабаррук мехўранд ва агар як оила пухта бошад ба њамсояњо ва наздикони худ мефиристонанд.

Дар бораи пайдоиши суманак дар байни халќ чунин ривояте мављуд мебошад, ки мазмуни он ба тарзи зайл аст: дар замонњои ќадим занаке будааст, он якчанд фарзанд доштааст. Онњо дар хона барои хўрдан чизе надоштаанд, дар гуруснагї ба танг омадаанд. Модар ба маќсади тасаллии хотири онњо дегеро рўи оташдон гузошта, ба даруни он як миќдор сабза ва чанд дона санг андохта асту сипас ба зери дег оташ афрўхтааст. Замоне занак вориди хона шуда дидааст, ки сї малоика (фариштањо) гирди дегро ињота кардаанд, њалвои дохили дегро бо ќудрати худованд омода гардида буд, «сималак» ё «сермалак» ном гузоштааст. Сипас малоикањо тартиби пухтани суманакро ба занак ёд додаанд. Ин истилоњ бо мурури замон дар талаффузи мардум ба «Суманак» табдил ёфтааст. Аз њамон ваќт то имрўз суманак гўё ба њайси як ѓизои табаррук шинохта шуда ва маросими пухтани он њамчун љашни оѓози бањор аз тарафи занон гузаронида мешавад.

Пухтани суманак имрўз яке аз суннатњои пурифтихор ва писандидаи мардуми мо буда, низ дар Наврўз ва ё дар оѓози бањор созмон дода мешавад ва солњост, ки њамчун анъанаи дўстї, њамкорї ва дилхушии занону духтарон гардидааст. Дар гузашта бештар суманакпазиро бо њамкорї мепухтанд. Хонаводае, ки пухтани суманакро пеш мегирад як миќдор гандуми пурмаѓз ва сафеду покро љамъ карда, онро мешўяд ва сипас ба зарфе, ки он дар шакли лаганд, карсон бошад меандозад ва андаке об мезанад. Баъдан болои онро бо дока мепўшонад ва њамарўза ба он об мепошад. Нињоят, дар давоми таќрибан як њафта-дањ рўз оњиста-оњиста месабзад. Њангоме, ки сабзаи гандум ба миќдори 10-15 см нумў кард, замони гирифтани шираи он фаро мерасад. Хонаводае, ки маросими пухтани суманакро ташкил кардааст, занони њамсоя ва хешу табори худро ба хонааш даъват мекунад ва ба омадани мењмонон марњилаи суманаккубї ва гирифтани шираи гандум оѓоз меёбад. Гандуми дар зарф сабзидаро ба миён мегузоранд ва бо корд реза мекунанд ва булакчањоро ба пеши занњои дар гирди дастархон љамъшуда

мегузоранд. Сабзањои гандумро занњо ба уѓурчањо андохта мекубанд. Чанд нафар аз занони дигар порчањои куфташудаи гандумро дар элак гирифта дар зарфи бузург бо дастони худ фишурда, шираи онро берун меоранд. Кўбидан ва фушурдани сабзаи гандум чанд навбат иљро мегардад ва њар дафъа шираи он гирифта мешавад.  Дар дохили шираи гандум ба миќдори муайян орди сифатнок андохта мешавад ва баъди ин ба таги дег оташ афрўхта, ќисме аз занону духтарон ба кори пухтани суманак банд мешаванд, боќимонда занон ва духтарон раќсу бозї намуда сурудњонї ва доиранавозї мекунанд. Суманакпазї аз шаб то субњ давом мекунад. Наздикињои субњ оби дег тамоман мепазад ва занону духтарон бо ниятњои нек ба дохили суманак чормаѓз, пиставу бодом мепартоянд ва ниятњои худро дар дил мегўянд.

Дар маросими «Суманак» сурудњои гуногун хонда мешавад. Аммо дар ин маросим суруди «Суманак» мавќеи асосиро ишѓол мекунад:

Суманак дар љўш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Метавон гуфт, ки суруди мазкур ба ин маросим равобити ногусастание дорад ва аз муњимтарин љузъњои ин маросим ба њисоб меравад. Ин суруд аз аввал то охири маросими «Суманак» њамроњ ва њамнафас мебошад.

Маросимои дигари баҳорї, монанди**: сайри гули лола, сайри гули сурх, сайри гули биҳї** ва ғайра хусусияти маҳаллї дошта, дар ин ё он маҳал ба таври анъана гузаронида мешудаанд. Ба муносибати фаро расидани марҳилаҳои баҳор, яъне шукуфтани ин ё он гул созмон ёфтани ҳар гуна љашну дилхушї ва љашну маросимҳо яке аз одатҳои деринаи мардумони Осиёи Марказї мебошад. Масалан, дар Бухоро «Сайри Ширбадан», «Сайри Баҳоваддин», «Сайри чашмаи Айюб» ва «Сайри гули сурх», дар Самарқанд «Сайри оби раҳмат», «Сайри гули биҳї», дар Нурато, Панљакент, Тошканд «Сайри гули сурх» дар шаҳри Љалолободи Афғонистон «Сайри гули норинљ», ва дар шаҳри Мазори Шарифи ин кишвар «Сайри мазор» ва «Сайри гули сурх», дар Қашқадарё «Сайри қўшчинор», «Сайри лаби дарё», «Сайри гули беҳї» барпо мегарданд.

Занҳо низ љойҳои махсусро сайр мекарданд. Дар бисёр маҳалҳо идгоҳҳои занона буд. Дар Бухоро занҳо дар љашни Наврўз сайри Чашмаи Айюб мекарданд[20]. Занони Самарқанд ба Оби Раҳмат мерафтанд. Занони деҳаи Ғазғони ноҳияи Нуратои вилояти Навої љашни Наврўзро дар кўҳи Чилдухтарон мегузарониданд. Ба сайргоҳи «Чилдухтарон», асосан, духтару занон ва инчунин бачаҳои ба балоғат ва воя норасида низ мерафтанд. Баъзе модароне, ки барои писаронашон арўс интихоб кардаанд, ба арўс «Сари кўҳї» гўён тухфаҳо ҳадя менамуданд. Ҳангоми рақси духтарони номзадшуда тарафи домод тухфаҳоро ба сару китфи арўсонашон мегузоштанд.

**Сусхотун.** Ин маросим ба қатори маросимҳои баҳорї, Наврўз ва ё соли нав дохил намешавад. Маросими Сусхотун гарчанде бо корҳои деҳқонї ва зироат алоқаманд аст, аммо ташкили гузаронидани он ба талабот вобаста мебошад. Солҳое, ки борон дар сари вақд намеборидаасту дар натиља киштукор, зироат ва ҳосилот дар зери хатар мемондааст, маросими «Сус-хотун» гузаронида мешудааст. Мувофики ақидаи мардуми деҳот маросими Сусхотун борон меовардааст.

Маросими Сусхотунро занон ташкил медодаанд. Фолклоршинос Р. Қодиров қайд мекунад, ки дар водии Қашқадарё ҳангоми хушксолї занон љамъ шуда ва бо маслиҳат як нафар пиразани аз падару модар яккаву ягонаро ёфта, ўро розї мекунонидаанд, ки Сусхотун шавад ва ба мардум кори хайре кунад. Баъд як гурўҳ занон ба сари пиразан рўймол партофта, ўро сурудхонон кўча ба кўча ва дар ба дар давр мезанонидаанд. Як нафар аз занҳо, ки унвони «Сарбайтхон»-ро доштааст, бо овози баланд бандҳои суруди «Сусхотун»-ро мехондааст, дигарон баъди ҳар як банди суруд «Сусхотун-а, сусхотун» мегуфтаанд[21].

Сурудҳои Сусхотун низ дар назми мавсимї мавқеи хос дорад. Образи асосии ин сурудҳо абру борон, замин ва кишти деҳқонї мебошад.

**Сарбайтхонҳо:**

---

[20] Икромї Љ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. – Душанбе: Ирфон, 1969, саҳ. 449-451

[21] Ќодиров Р. Фолклори маросимии тољикони водии Ќашқадарё. Душанбе, 1963, саҳ. 45

Борон борад зебонда,

Алаф шавад бузонда!

**Ҳама:**

Сусхотун а сусхотун!

**Сарбайтхонҳо:**

Бузон хуран шир тиян,

Шира ба кампир тиян!

**Ҳама:**

Сусхотун а сусхотун!

Вақте ки суруди Сусхотун ба охир расид ҳама ба сусхотунхонҳо об мепошиданд, ба онҳо як миқдор хуроквор̣ї: чав, гандум, нон медоданд.

Дар сурудҳои Сусхотун мазмуни шикоят аз зиндагї, замона, ғарибї, қаҳтї ва марг низ ифода ёфтааст. Одамон маросими Сусхотунро қайд намуда бевосита аз зиндагии худ фикр мекарданд. Азбаски савдогарон ғаллаҳоро мавриди арзониаш харида дар анборҳо захира мемонданд ва онҳоро дар вақти хушкию қаҳтї ба нархи гарон мефурӯхтанд, Сусхотунҳо ба инҳо нафрат мехонданд:

Сусхотун а сусхотун!

Хони анбордор сӯзад!

Хони деҳқон пур шавад

Сусхотун а сусхотун.

Мардум борони баҳорро «борони найсон» меномиданд. Борони найсон барои деҳқонон оварандаи дурру гавҳар аст, дашту саҳроро файзбор гардонида ғалладонҳоро фаровон мекунад:

Эй абри найсон,

Борон фиристон.

Ҳосили моро

Фаровон гардон…

Маросими Сусхотун дар ҳар љо ҳар хел гузаронида мешудааст. Фолклоршинос Р. Аҳмадов накл мекунад, ки дар водии Сурхондарё

Қашқадарё яке аз иштироккунандагони маросим либоси љанда пўшида ва хўсае ба даст гирифта, ба зери тарнов мерафтааст, дигарон:

Сустохотун, сусхотун,
Алафакон ташна монданд,
Кампиракон гушна монданд...

гўён суруд хонда ба сари он зан об мерехтаанд, Дар Кулоб ва Ғарм ин маросимро «Ашаглон» мегуфтаанд ва ҳангоми гузаронидани он суруди зеринро мехондаанд:

Ашаглони ростина,
Аста биљунбон остина,
Ғаллаи савзум қоқ, шид,
Як бор бирез боруна.

Дар баъзе љойҳо бо сурудхонї зани сусхотуншавандаро ба лаби дарё бурда, ба об пахш мекардаанд, Сусхотун кўшиш мекардааст, ки аз дасти занҳо халос шавад, вале ўро то гиря накунад, аз об берун намекардаанд. Гўё ҳар қадаре, ки Сусхотун бисёртар гиря карда, ашк резад, ҳамон қадар борон зиёдтар меборидааст. Агар баъди гузаштани маросим борон борад, ба зани сусхотуншуда пул ва ҳар чї љамъ карда медодаанд. Дар љойҳои дигар одате низ будааст, ки мувофиқи он одамон чизҳои пурқимати бойҳои хасисро дар дарё пинҳон карда, онҳоро ба хашму ғазаб меовардаанд ва он чизҳоро танҳо баъди боридани борон ба соҳибонашон бармегардонидаанд. Дар баъзе љойҳо дар рўзи маросим занҳо дар лаби дарё чамъ омада, «ҳалиса» («ҳариса») мепухтаанд ва онро «оши борон» меномидаанд.

Дар баъзе маҳалҳо маросими Сусхотунро мардон ташкил мекардаанд. Ба яке аз мардон либоси занона пўшонда, ба сараш рафида мегузоштаанд ва ин сурудро тараннум мекардаанд:

Сусхотун, султон хотун,
Синаҳош майдон хотун.
Ба сусхотун чй даркор?
Борони шарроси даркор!

Инчунин сангпуштеро ба пояш ресмон баста, ба об мепартофтаанду дар мех ё дарахт баста мемондаанд. Танҳо баъди боридани борон сангпуштро раҳо медодаанд. Гӯё бо талаби сангпушт борон меборидааст.

Суруди «Сусхотун» вариантҳои гуногун дорад, ки матни зерин низ аз љумлаи онҳост:

Борон борон, сусхотун,
Борон равон, сусхотун,
Гандумако ташна мондай,
Гудакако гушна мондай,
Алафако сӯзон шидай,
Бузғолако ҳайрон шидай,
Борон борон, сусхотун,
Борон равон, сусхотун.

**Маросими дарав ва хирманкӯбї.** Дарав ва хирманкӯбї маросими тобистонї буда, ба ғунучини ҳосилот вобастагї дорад. Маълум аст, ки дар замони қадим даравидани гандум ва куфтани он яке аз марҳилаҳои душвортарини љараёни корҳои хољагии қишлоқ ҳисоб мешуд, ки онро бе дастљамъии ҳамдигар ва ҳашар анљом додан мумкин набуд. Бинобар ин маросими дарав ва хирманкӯбї дар бисёр маҳалҳо ба ҳукми анъана даромадааст.

Даравгарон ва ҳашарчиён ба сароидану нақл кардани асарҳои халқї машғул мешуданд, ки низ ба сабук ва осон шудани меҳнати онҳо ёрї мерасонид, илова бар ин сароидану нақл кардани асарҳои халқї одамонро рӯҳбаланду ғайратманд карда, ба онҳо завқи эстетикї мебахшид.

Яке аз сурудҳое, ки дар давоми дарав иљро карда мешудааст, «Ман доғ» мебошад. Ин суруд ҳам коллективона ва ҳам дар танҳої хонда мешудааст. «Ман доғ»-и коллективї одатан вақтҳои ҳашар хонда мешудааст ва дар хондани он бештар шахсони хушовоз иштирок мекардаанд. Аз байни онҳо як нафар мегуфтааст:

Гандумаки худрӯй дарав мекардуме, ман доғам, ё дӯст!

Дигарон:

Ҳе, алло, ҳе, алло, ёре, ман доғам ё дўст!...

Саркардаи суруд:

Ба холи сиёи ёр ҳавас мекардуме, ман доғам, ё дўст!

Дигарон:

Ҳе, алло, ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дўст!

Саркардаи суруд:

Ин беди баланд саргаҳаш корхонае, ман доғам, ё дўст!

Д игарон:

Ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дўст.

Саркардаи суруд:

Як љон дораме, фидои даравгароне, ман доғам, ё дўст.

Дигарон:

Ҳе, алло, ҳе, алло, ёре, ман доғам ё дўст!...

Суруди «Ман доғ» боз чанд вариант дорад, ки тарзи хониш ва иљрои онҳо низ тақрибан ҳамин гуна мебошад.

Дар замони гузашта ғалларо ба воситаи галагов мекўфтанд, ки онро «ҳўп» мегуфтаанд. Одатан ғаллаи даравидаро дар хирманљой ғарам карда, бандҳои онро гирдогирди сутуни хирманљой паҳн менамуданду чор-панљ барзагови ба ҳамдигар қатор аз гарданашон бастагиро аз болои пояҳои гандум ҳай мекарданд. Барзаговҳо гирдогирди сутун давр зада, бо пои худ донаҳои гандумро аз сарак људо ва пояҳои онро коҳ мекарданд. Аз паси барзаговҳо шахсе гашта, суруди «Майда, майда, ҳўп»-ро мехонд:

Галаговам, говронаме, майдае, майдае,

Панљ рўз будай давронаме, майдае, майдае,

Майда-майда хирманаме, майдае, майдае,

Аз дилу љон ҳайвонаме, майдае, майдае,

Тез-тез кўб, майда кўб, майдае, майдае,

Оҳ, хел-хел кўб, майда кўб, майдае, майдае,

Дони хирман ба ман фойдае, майдае майдае,

Бобои деҳқон бобомое, майдае, майдае,

Мана да кор фармудае, майдае, майдае.

Туро ба галагов фармудае, майдае, майдае,

Майда кунї, гул барин куне, майдае, майда,

Ба шамолҳо тайёр куне, майдае, майдае...

Ў дар суруди худ нобаробарии иљтимої, истисмор, беадолатї ва камбағалию нодории худро баён кардааст, ки аз мазмуни суруд ғулом ё хизматгори шахси давлатманд буданаш мушоҳида мешавад

Дар сурудҳои хирманкўбон мазмунҳои ишкї, шикоят аз бевафої, баёни ҳасби ҳол ва монанди инҳо низ ифода ёфтаанд. Одатан ин навъ сурудҳо дар асоси ин ё он жанри лирикии халқї (байт, рубої, ғазал ва ғайра) бо илова карда шудани суханони хоси анъанавии хирманкўбон «майда-майда ҳўп» шакл мегиранд. Масалан, асоси суруди зерин рубоиест, ки он дар шакли аслии худ низ суруда мешавад:

Нигоро, аз дур дидию ханда кардї-е

майдае, майдае, майдае,

Ба сад нозу карашма банда кардй-е,

майдае, майдае, майдае,

Накардй аз таи дил ошногй-е

майдае, майдае, майдае,

Миёни љўраҳо шарманда кардй-е,

майдае, майдае, майдае,

Аммо дар суруди зерин рубої ва дубайтиҳо ба таври алоҳида истифода шуда, байтҳои махсус ва доимии хирманкўбон ҳамчун нақарот баъди ҳар банд бо оҳанги анъанавиашон тараннум мешаванд:

Нақарот:

Майдо, э майдо,

Майдо кардї, майдо.

Майдо, э майдо, љонваронум, майдо!

Майдо, э майдо, ҳайвононум, майдо!

Рафтум ба саропушта, ба саҳрои љунун,

Дидум Лайло, нишаста дасто пури хун.

Гуфтум:-Лайло, чї доғ дорї дар дил?

Аҳволи дили Лайло бидонад Маљнун.

Нақарот:

Шави маҳтов ранљурї кашидум,

Чилими нуқрагї холї кашидум,

Чилими нуқрагї дар дасти мо нест?

Магар занљири ёр дар пои мо нест?...

Агар хирманкўб рубої ва дубайтиро ҳар чї ќадар зиёд донад, мумкин аст, ки суруд хамон қадар давомдор ва дароз шавад.

**Барфї.** Дар байни тољикон одате буд, ки баробари боридани барфї нахустин ёру љўраҳо, оилаҳо ба ҳамдигар мактуб-барфї фиристода, орзўи худро ифода мекарданд. Супоридани барфї қоидаю тартиби муайяне дошт. Барфиро шахсан ба касе супурдан лозим аст, ки он ба унвони ў навишта шудааст. Агар шахси супоранда бо барфии овардааш фош ва дастгир нашавад, дар он сурат шартҳои барфї иљро карда мешавад. Аммо дар акси ҳол нависандаи барфї ё супорандаи он қарздор шуда, шартҳои барфиашро бояд худаш иљро кунад. Ба рўи шахси бо барфї дастгиршуда сиёҳии дег мемолидаанд, ки ин исботи ба даст афтодани ў будааст. Барои қарздор нашудан ҳам шахси барфинавис ва ҳам касе, ки барфї ба номи ў навишта шудааст, баъзан аспҳои бидавро низ ба кор мебурдаанд. Барфиро ҳатто аз як деҳа ба деҳаи дигар, аз як шаҳр ба шаҳри дигар низ мефиристодаанд.

Матнҳои барфї хеле гуногунанд ва онҳо ба ихтиёри барфинавис вобаста аст. Аммо як матни халқии анъанавие ҳаст, ки онро қариб дар ҳама љо истифода мебурдаанд. Матни мазкур қарори зайл аст:

Барф меборад басе хуш, дилрабо,

Барфи нав аз мову барфй аз Шумо.

* * *

Лахта-лахта барф меборад сафед,

Як зиёфат аз Шумо дорем умед:

Сандалиро гарм созед аз алав,
Ширбиринљу шўлаву оши палав,
Нонҳои кунљидини қуббадор,
Себу ангуру дилафрўзу анор,
Ҳофизи хушхону танбуру дутор,
Наю ғижжак, љўраҳои беғубор,
Рўставу лавзу мураббою набот,
Пистаю бодому қанду қандалот,
Чормағзу тутмавизи соягї
Баҳри мо тайёр бошад, љўраљон,
Бо салому эҳтироми љўрагї.

**(Имзо).**

Аз ин матни машҳури халқї одамони босаводу бесавод, љавонону калонсолон истифода мебурдаанд ва дар фасли зимистон – дар рўзҳои аввали бориши барф барфї фиристодан расму одати халқї будааст.

Хулоса, маросимҳои мавсимї (календарї) ва эљодиёти бадеии ба онҳо алоқаманд хислатҳои миллї ва давраҳои таърихии халкро инъикос намуда, ба ҳамин восита аҳамияти махсуси илмиро молик гардидаанд.

**Савол ва супоришот:**

2. Сурудҳои мавсимї дар кадом маврид иљро карда мешаванд?
3. Сурудҳои бойчечак ва гулгардонї кай ва аз љониби киҳо иљро карда мешавад?
4. Боз дар кадом фаслҳои сол сурудҳо иљро карда мешаванд?
5. Дар бораи доираи мавзўъ ва мундариљаи сурудҳои мавсимї маълумот диҳед.
6. Хусусиятҳои сурудҳои мавсимї аз чї иборат аст?
**7.** Дар бораи Иди Наврўз ва сурудҳо ба ин муносибат чї медонед?
**8.** Сурудҳои мавсимиро навишта гиред ва аз ёд кунед

**Мавзъ: Маълумот дар бораи фолкори халки узбек.**

Нақша:

1. Мафҳуми фолклор.
2. Жанрҳои фолклор.
3. Мавқеи асарҳои фолклори ўзбек дар адабиёти бачагонаи точик.

Калимаҳои ёрирасон:

муборизаи халқй, сарчашма, маънави-тарбиявий, гавҳараки чашм, зарбулмасалу мақол, пўшида, талаффузи оҳангдор, қобилияти фикркунй.

Фолклор дар ҳама замон ҳам сарчашмаи эчод ҳисобида мешавад. Аз ин сабаб ҳам инсоният орзую умед, завқу шавқ муборизаҳои худро дар алла, сурудҳо, афсонаҳо ҳикоя ва достонҳо ифода карданд.

Эчодиёти даҳонакии халғ бо ранго-рангии мазмун, бо ғояҳои баланд ифода ёфтанаш боз вобастагии узви доштани у бо ҳаёти халқ, меҳнати халқ( хулоса бо бисёр тарафҳои ҳаёт бағоят боэътибор аст.

Фолклори бачагон бисёртар аз тарафи калонсолон эчод карда мешавад, дар баъзе ҳолатҳо бачаҳо дар асоси бозичаҳои худ, худи онҳо ҳам алла, суруд эчод мекунанд, Ҳамаи инҳо як шуда тарбияи хубро ташкил медиҳад.

Вобастагии эчодиёти даҳонакии халқи бачагон бо педагогика аз алла сар мешавад.

Яке аз жанрҳои аз ҳама ривочёфтаи эчодиёти даҳонакии халқ алла мебошад. Алла ба кўдаки дар гаҳвора хобида, ки ҳоло ў забони гуфтугўй надорад, хонда мешавад. Дигар хел карда гўем суруди гаҳвора ба шири модар дохил мешавад. Аллаҳо бо роҳи поэтикй ҳам ба сифати баёни ҳиссиёти дохилии модарон як намуди эчодиёти даҳонакии халқ чудо шуда мистад. Инҳоро модари кўдак ёки тарбиётгари ў мегуяд (модар, модаркалон, баъзан аз тарафи падарҳо ҳам хонда мешавад).

Аллаҳо барои оромонидани кўдак, барои хобонидани кўдак бо оҳанги маҳин ичро карда мешавад. Дар аллаи зерин, ки модар аз тахти дил гуфтааст, образи кўдак кўтоҳ, аммо бо ёрдами суханҳои сермазмун ифода карда мешавад:

Алла болам, алла.
Жоним болам, алла,
Икки кўзим алла,
Ширин сўзим алла.
Алла болам, бахти бор,
Ҳар нарсанинг вақти бор,
Жоним болам, алла,
Ширин болам, алла,

Икки кўзим алла. Дар «суруди Алла» кўдакро дар байни чамъият тарбияи хуб дида, дар тўю тамошоҳо обрўи падару модар, шуҳрати онҳо таъриф дода мешавад. Ҳамчунин дар тарбияи дурусти кўдак роли падару модар калон буданашро нишон медиҳад. Кўдак оҳанги форами сурудҳоро бо осони дарк мекунад. Алла ба кўдак завқ мебахшад, озуқаи маънавй-тарбиявй медиҳад:

Ёт, болам, ухла, қўзим,
Уйларда ўчди чироқ.
Ухлар асаларилар,
Ухлар балиқлар тинчроқ.
Кўкда ой яркирайди,
Деразадан қарайди.
Кўзларинг юмгин, кўзим,
Ёт қувончим қундузим,
Алла, алла,
Сув сепгандек, уйлар тинч
Қоронғи ҳужралар тинч'
Ҳеч дарвоза тик этмас,
Сичқон ухлар миқ этмас
Кимдир оҳ тортса унда
Не ишимиз бор унда?
Кўзларинг юмгин қўзим,
Овунчоғим, қундузим!
Алла, алла.

Зарбулмасал ва мақолҳои адабиёти бачагонаи ўзбек мисли забони точикй, сухани пандомези халқй буда, аз тачрибаи ҳаёт ҳосил шудаанд. Агар ба адабиёт, ба эчодиёти шоиру нависандагон назар афконем, аз зарбулмасалу маколҳо барои исботи фикри худ истифода бурдаанд. Зарбулмасалу мақолҳо дар гуфтугу, дар ҳаёти ҳаррўза вомехўранд. Зарбулмасал аз мақол бо он чиҳат фарқ мекунад, ки дар зарбулмасалҳо фикрҳо мачози гуфта мешаванд, дар мақолҳо бошад, ин хусусият нест.

Ёмон йўлдош ёв бўлар, Равон
йўлда ғов бўлар.

Эгри озади, тўғри ўзади.

Касални яширсанг, иситмаси ошкор қилади.

Бирликсиз куч бўлмас.

Иззат тиласанг, кўп дема, Сиҳат тиласанг, кўп ема.

Одамнинг юзига боқма, сўзига боқ.
Юзим оқ бўлсин десанг, ишингни тўғри қил.

Чистонҳо яке аз жанрҳои қадимии эчодиёти даҳонакии халқ буда, кўдаконро ба фикр кардан меомузад. Дар замири ҳар як чистон ба саволи кй? чй? чавоби пинҳонй хобидааст. Ҳар як чистон бо ҳаёт, урф одат, расм ва русумҳои ҳамон халқ вобаста буда, дар байни бачагон васеь паҳм шудааст:

Тунда кўриб, чўғ дейсан, Тонгда туриб, йўқ дейсан.

(Юлдуз)

Чопса чопилмайди, Кўмса кўмилмайди.

(Соя)

Қўлсиз, оёқсиз эшик очар.

(Шамол)

Икки ажиб қулоғи бор: Бири тинглар, бири сўзлар.

(Телефон трубкаси)

Оғзи йўғу, тиши бор, Дурадгорда иши бор.

(Арра)

Бирлаштириб кийимни,
Иссик тутади сизни.

(Тугма)

Катта оппоқ дастурхон, Ер юзини қоплаган.

(Қор)

Тезгуякхо машқи нутқи даҳонй буда, ба кўдакони синни хурдсол маълум овозҳоро дуруст ва оҳангдор талаффуз карданро аз худкуниашро зиёд мекунад. Ба ин жанр -асарҳо бачаҳоро баробари азхудкуниро зиёд намудан якбора ба онҳо завқи эстетикй медиҳад,

қобилияти фикркуниашро ривоч медиҳад, хотираашро мустаҳкам мекунад:

Занжир, саржин, анжир.
Олтин ўтлоқ - оқ ўтлоқ.

Оқ чойнакка оқ қопқоқ,
Кўк чойнакка кўк қопқоқ.

Шотурсуннинг шотутини шитирлатган
шамол Шарифнинг Шафтолисини шитирлатди.

Яке аз жанрҳои ранг-баранг ва аз ҳама бои эчодиёти даҳонакии поэтикии халқ афсона мебошад. Дар афсонаҳои аз тарафи халқ эчод гардида ҳаёти ба худ хоси бачагон қайд нашудааст. Ҳатто барои бачагони синну солашон гуногун чудо бисёр афсонаҳои махсус ба вучуд овардаанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими афсона ин чамбарчаст вобастагии ў бо ҳаёти халқ, мубориза, таърих олами руҳӣ, чаҳонбинӣ, урф-одат мебошад. Боз аҳамияти маънавии ва ахлоқии доштан ба одамон мебошад.

Афсонаҳо аз сабаби содда ва фаҳмо буданашон ба ҳар гуна китобхон тез расида меравад. Ба воситаи онҳо, нормаҳои ахлоқӣ ичтимоии инсон шакл меёбад. Ин ҳол хусусан, дар афсонаҳои дар бораи ҳайвонҳо бахшидашуда акс ёфтааст. Дар афсонаҳои халқӣ қаҳрамонҳои халқу миллати худро чун гаҳвараки чашм нигоҳ дошта таъриф карда шудааст, ҳаққу ҳуқуқҳои занон ҳимоя карда мешавад, масофаҳои дур наздик карда мешавад, одатҳои ношоистаи одамон, иллатҳо ба зери танқид гирифта мешавад, ғояҳои сахигӣ, мардӣ меҳнатдўстӣ баланд бардошта мешавад.

Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:

1. Дар бораи фолклори ўзбек маълумот диҳед.
2. Жанрҳои хурди фолклори ўзбек.
3. Мавқеи фолклори ўзбек дар адабиёти бачагона чи тавр аст?
4. Аз фолклори ўзбек намунаҳо оред ва шаҳр .диҳед.

Адабиётҳо:

1. М. Жумабоев. Ўзбек болалар адабиёти. Тошкент. 2002.
2. Ўзбек фолклор очерглари. Тошкент. 1988.

3. М. Жумабоев. Ўзбек ва чет эл болалар адабиёти. Тошкент. 2005.

**Модели технологияи машѓулоти маърўзавї**

| *Вакти таълим: 2 соат* | |
|---|---|
| *Сохтори машѓулоти таълимї / Накшаи маърўза.* | ***1. Маълумот дар бораи заминањои ташаккули адабиёти бачагона.***<br>***2. Эљодиёти шифоњии халќ яке аз заминањои бунёдии адабиёти кўдак.***<br>***3. Адабиёти мумтози форс-тоҷик ва наќши он дар инкишофи ин адабиёт.***<br>***4. Адабиёти бачагонаи ҷањон яке аз омилњои инкишофи адабиёти кўдакон.*** |
| *Маќсади асосии машѓулот:* | Маълумоти назарии мукаммал дар бораи заминањои ташаккули адабиёти бачагона, наќши ин омилњои номбурда дар ташаккул ва инкишофи ин адабиёт, шарњи умумият ва тафовути ин адабиётњо аз њам. |
| *Вазифањои педагогї:* | *Натиљаи фаолияти таълим:* Маълумот дар бораи омилњои инкишофи адабиёти кўдакон, шарњу тавзењи њар як омили бунёдї, дар асоси намунањои адабии бадеї аз адабиёти шифоњї, мумтоз ва адабиёти ҷањонї собит намудани фикр, фикрњои хулосавии љамъбастї дар бораи мавзўъ. |
| *Методњои таълим:* | Маъруза, мулоќот , њуљуми аќлї, савол у љавоб |
| *Шаклњои ташкил намудани фаолиятихониш:* | Љамоа, бо гурўњњо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърўза, китобњои дарсї ва васоити таълимї, воситањои таълимї, кластер, љадвали инсерт, диаграмммањо. |
| *Методњои баръакс ва роњу равиши он, хулосањои љамъбастї, илмї ва мантиќї:* | Технологияи кейс, саволу љавоби дањонї, мулоќот |

**Харитаи технологии машѓулоти таълимї**

| *Зинањои асосии таълим* | *Мазмуни фаъолият* | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал. Муќаддима ва ќисми ташкилї. (10 даќиќа)* | 1.1.Маќсад, маром ва моњияти асосии мавзўъ ва натиљањои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволњо мурољиат менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосї. (60 даќиќа)* | 2.2. Дар бораи мавзўи нав нуктањои асосї, истилоњоти тоза ва мафњумњои муњимро таъкид менамояд;<br>дар бораи омўзиши мавзўъ рўйхати адабиётњои асосї ва иловагї эълон карда мешавад;<br>дар бораи омўзиши мавзўи нав замина муњайё карда мешавад;<br>мазмун, маќсад ва моњияти мавзўъ аз љониби муаллим фањмонда мешавад;<br>мавзўъ ба як чанд ќисми асосї таќсим карда мешавад;<br>бобати омўхтани мавзўъ вазъиятњои муаммої мавриди муњокима ќарор дода мешавад ва дар бораи роњњои њаллу фасли онњо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br>Њар як ќисми мавзўъ дар асоси пайвандии мантиќї бо њамдигар дар вобастагї њаллу фасл карда мешавад, слайдњое, ки моњияти мавзўъро дар худ акс кунонидаанд ташрењ дода мешавад ва дар њамин замина асбобњои айёнї, кластерњо ва жадвалњо бамаврид шарњу эзоњ дода мешаванд;<br>ќисматњои асосї ва нуктањои мураккаби мавзўъ такрор ба такрор фањмонида мешавад; дар љараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кўњна то ба маълумоти наву тоза ботадриљ, дар сурати оњиста зина ба зина мегузарад; дар љараёни маърўза аз методњои интерфаъол ва анъанавї истифода бурда мешавад;<br>дар љараёни маърўза муносибати баръаксро мунтазам барќарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва љавобњои имухталиф истифода бурда мешавад;<br>дар асоси њар як ќисмати дарс хулосаи љамъбастї ва мантиќї бароварда мешавад. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволњо мурољиат менамоянд,ба мулоќот ворид мешаванд, дар бораи масъалањои асосии мавзўъ муносибатњои шахсии худро баён менамоянд. |
| *Зинаи саввум: Нињої – Љамъбасти натиљањо. (10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзўъ хулоса менамояд, ба нуктањои муњимтарини мавзўъ диќќати толибилмонро бори дигар љалб менамояд, дар бораи ањамияти амалии мавзўъ дар фаъолияти касбии толибилмон .<br>3.2. Фаъолияти гурўњ ва ё фаъолияти иштирокчии | Дар ин ќисмати дарс худро бањо додан, санљидани донишњои худ, бо саволњо мурољиат |

| | | |
|---|---|---|
| | алоњида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосаҳо эълон карда мешаванд.<br>3.3. Дараљаи ба маќсадњои муайяни таълимї ноил гардидан ва муњиммияти мавзўъ дар амал тањлил карда мешавад, ва арзиш дода мешавад.<br>3.4. Дар асоси мавзўъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | намудан мумкин аст. |

**Фикрњои муќаддимавї**




1. **Эҷодиёти шифоњии халќ.** Яке аз сарчашмањои муњими адабиёти бачагон фолклор аст. Эҷодиёти шифоњии халќ барои инкишофи ин адабиёт сањми босазо дорад. Дар аввалин намунањои адабиёти бачагона низ аз намунањои шеърњои бачагонаи халќї истифода мешуд. Минбаъд њам дар пайравии эҷодиёти дањанакии халќ асарњо офарида, жанрњои халќии чистону латифа ва афсонањоро ба кор бурданд.

Эљодиёти даҳанакии бачагон як соҳаи нисбатан қадимаи фолклор аст. Фолклори бачагон як қисмати эљодиёти даҳонакии халқ буда, барои бачагон офарида шудааст. Ба ин гурўҳи эљоди бадеї сурудҳоеро, ки дар фаслҳои гуногуни сол доир ба ҳодисаҳои гуногуни табиат, ҳайвоноту наботот гуфта шудаанд; сурудҳои алла ва дигарҳоро дохил намуд. Яъне фолклори назмии бачагон низ аз рўи мундариљаву мазмун гуногунрангу ғанї аст.

Гузашта аз ин, афсонаҳое низ мављуданд, ки аз љониба халқ бо назардошти табиати бачагон ва бо мақсади тарбияти онҳо офарида шудаанд. Махсусан афсонаҳои тамсилиро ба ин гурўҳ метавон дохил намуд, чунончи, «Бузаки љингилапо», «Бибигамбусак», «Рўбоҳи ҳилагар»… Тезгўякҳо, ки хурдтарин жанри эљодиёти бадеии халқ ҳастанд, барои равон кардани талаффуз ва нутқи бачагон офарида шудаанд. Ба ғайр аз ин дар фолклори бачагон бозиҳои халқии бачагона мавЧуд аст. Ин бозиҳоро халқ барои истироҳат ва инкишофи қувваи љисмонии бачагон эљод намудааст.

Ҳарчанд фолклори бачагон як қисмати таркибии эљодиёти даҳонакии халқ аст, ки ҳанўз пурра омўхта нашудааст.

Азбаски асарҳои фолклорї барои бачагон аз љониби калонсол офарида шудаанд, ба истиснои ифодаи баъзе љиҳатҳои забони бачагон, лаёқат, табиат ва синну соли онҳо дар љараёни офариниши асарҳо, чунонки дар адабиёти хаттии бачагон шартаст, пурра риоя нашудааст.

Дар жанрҳои фолклории бачагон мавзўъҳои табиат, ҳайвонот, ҳодисаҳои гуногуни ҳаётї ифодаи худро ёфтаанд. Дар байни ин жанрҳо бештар дар шеъру сурудҳои бачагона хусусияти хоси забони кўдакон нигаҳ дошта шудааст. Истифодаи фаровон аз қофияву радиф, ҳиссачаву нидоҳо, такрор, калимаҳои тақлидї хусусияти муайяни забонии фолклори бачагонро нишон медиҳад. Ин хусусияти забониро дар шеъру суруди бачагонае чун «Зоғи ало», «Мусичаи бегунох», «Се дугона», «Дар таги анљир», «Момољурғотак», «Сарак-сарак», «Шабпарї», «Арғунчак» ва ғайраҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ғайр аз воситаҳои муоссири забон, ки дар боло овардем, санъатҳои такрор, истиора, саволу љавоб, сифатчинї дар ин жанрҳои фолклории бачагон истифода шуда, боиси таъсирбахшї ва хотирмонии шеъру таронаҳои бачагона мешаванд.

«Дастёри додо»

Додо, калонак шудаям,

Кўчадавонак шудаям,

Китобхонак шудаям…( Санъати сифатчинї)

**Тезгўякҳо** низ жанрҳои хурди фолклорї буда, бештар барои буро гардонидани талаффузи бачагон кўмак менамояд. Сар тезгўякҳо мазмун набуда, шакл аҳамияти аввалиндараља доранд. Тезгўякҳо одатан аз калимаҳои таркиб меёбанд, ки аз калимаҳои дар талаффуз ба ҳам монанд, ё дорои якчанд ҳамасадоҳои яксони ҳастанд.

Сармои сахт шиша шикаст,

Шохи шамшод шилшила баст.

Як силсила асарњои бачагонаи М.Миршакар, ки дар солњои ҷанг ва баъд аз он аз нашр баромадаанд, дар равияи афсона эҷод шудаанд, чунончи, афсонањои манзуми «Гунҷишкак»(1942), «Се гурбачаву як гург»(1941), манзумаи «Чистонњои Бобосалом». (Тарбият на бо панд, балки бо тасвири ахлоќу одоб ва рафтори неки бачагон)

2. **Адабиёти мумтоз –** Адабиёти классикии форсу тоҷик, ки анъанањои беш аз њазорсоларо дар худ муҷассам намудааст, дар инкишофи адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла, адабиёти кўдакон мавќеи муњим дорад. Адабиёти муосири тоҷик дар асоси анъанањои азалии адабиёти классикї ривоҷ ёфта, баъзе дастовардњои он дар адабиёти кўдак њам истифода шудаанд ва боиси инкишофи ин адабиёт гаштаанд, чунончи аз ҷониби М.Миршакар офарида шудани манзумаву достонњои бачагона мисоли ин аст. Њамчунин дар баъзе шеърњои бачагонае, Ки Айнї, Лоњутї, Пайрав,

Турсунзода офаридаанд, шакли ѓазал, маснавї риоя шудаанд. Ин хусусияти рўњияи классикї доштан ба шеърњои давраи аввали адабиёти бачагона бештар хос аст:

*Намак дар комњо ширинтар аз шањду шакар гардад.*

*Ҷигарњо хун шавад то як писар мисли падар гардад.*

*Падар аз шавќи дил дар кўдакї дасти писар гирад,*

*Ба уммеде, ки дар пирї писар дасти падар гирад. (Лоњутї)*

**Њамчунин адабиёти классикї мавзўъњои тарѓиби панду ахлоќ, илму дониш, тасвири манзарањои табиат ва дигарњоро ба адабиёти имрўза, аз ҷумла адабиёти кўдакону наврасон интиќол додаст. Гузашта аз ин баъзе намунањои адабиёти классикї барои хониши бачагона ањамиятнок аст. Чанд намуна аз осори бузургони классикї меорем.**

*1.Зи ањди падар ёд дорам њаме.*

*Ки борони рањмат бар ў њар даме,*

*Ки дар тифлиям лавњу дафтар харид,*

*Зи бањрам яке хотами зар харид.*

*Бадар кард ногањ яке муштарї,*

*Ба хурмое аз дастам ангуштарї.*

*Чу нашносад ангуштарї тифли хурд.*

*Ба ширинї аз вай тавонанд бурд.*

*Ту њам ќимати умр нашнохтї.*

*Ки дар айши ширин барандохтї!* ***(Саъдї)***

***

*2.Волидайн аз њар касе хушнуд шуд,*

*Он кас аз шоистаи маъбуд шуд.*

*Волидайн аз њар кї дар озор шуд,*

*Осї аст, аз ў Худо безор шуд…*

*Њар кї бо модар-падар эњсон кунад,*

*Кори боѓу ҷаннату ризвон кунад.*

*Хидмати ишон куну фармон бикаш,*

*Гар ба хидматгордорї дастрас.*

*Чун сухан гўї ба ишон нарм гўй,*

*Бо њаёву рифќу њилму шарм гўй.* ***(Аттор)***

***

*3.Ба пирї хидмати модар-падар кун,*

*Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.*

*Машан таъна бар эшон аз дили сер,*

*Ки гар ёбї замон, гардї ту њам пир.*

*Ки парвардаст модар дар канорат,*

*Падар буд солњо тимордорат.*

*Биҷў дилшон ба хулќу хубрўї,*

*Ки ин аст, эй бародар, некхўї.* ***(Носири Хисрав)***

***

*Он рўз, ки ту њафтсола будї,*

*Чун гул ба чаман њавола будї.*

*Акнун, ки ба чордањ расидї,*

*Чун сарв ба авҷ сар кашидї,*

*Ѓофил манишин, на вақти бозист,*

*Ваќти њунар асту сарфарозист.*

*Дониш талабу бузургї омўз,*

*То бењ нигаранд рўзат аз рўз.*

*Мекўш ба њар варақ, ки хонї,*

*К-он донишро тамом донї.*

*В-он шуѓл талаб зи рўи њоҷат,*

*К-аз карда набошадат хиҷолат.* (Низомии Ганҷавї)

3. **Адабиёти бачагонаи ҷањон –** ин адабиёт яке аз омилњоест, ки барои дар сатњи нав инкишоф ёфтани адабиёти бачагонаи тоҷик хидмат намудааст, махсусан, адабиёти бачагонаи рус.

Солњои 30-юм як зумра тарҷумонњои хуб, мисли Рањим Њошим, Абдушукур Пирмуњаммадзода, Абдусалом Дењотї, Њаким карим, Ҷалол Икромї, Эмонуил Муллоќандов, Њамид Баќозода, Њасан Ирфон ба воя расиданд, ки мањз бо зањмати онњо асарњои тарҷумавї аз адабиёти русї ва халќњои ҷањон аз нашр баромаданд.

Дар зарфи 2-3 сол бисёр намунањои осори классикони рус ва ба воситаи тарљумањои русї осори баргардонишии тоҷикии адибони мамлакатњои ҷањон аз нашр баромаданд. Ин тарҷумањо барои вусъати ҷањонбинї ва маълумот пайдо кардани бачагони тоҷик ањамият дошт. Аз рўњи тарҷумаи китобњо нависандагон дарси мањорат меомўхтанд.

## Савол ва супоришот:

***1. Дар бораи заминањои ташаккули адабиёти бачагона маълумот диҳед.***

***2. Эҷодиёти шифоњии халќ яке аз заминањои бунёдии адабиёти бачагона***

***3. Адабиёти мумтози форс-тоҷик ва наќши он дар инкишофи ин адабиёт.***

***4. Адабиёти бачагонаи ҷањон яке аз омилњои инкишофи адабиёти бачагона***

**Модели технологияи машѓулоти маърўзавї**

| *Ваќти таълим: 4 соат* | |
|---|---|
| *Сохтори машѓулоти таълимї / Наќшаи маърўза.* | 1. Зарбулмасал ва мақолҳо.<br>2. Байт, дубайтӣ ва рубоиёти халқӣ.<br>3. Суруд, тарона ва ашуллаҳои халқӣ.<br>4. Чистонҳо. Латифа, афсона ва ривоятҳои халқӣ.<br>5. Достони «Гурўғлӣ». |

| | |
|---|---|
| | 6. Қиссаҳои ривоятии халқӣ.<br>7. Намоишномаҳо - драмаҳои халқӣ. |
| *Маќсади асосии машѓулот:* | Доир ба зарбулмасал, мақол, байт, дубайтї, суруд, тарона, ашула, чистон, латифа, афсона, достон, кисса маълумоти назарї додан. |
| *Методњои таълим:* | Маъруза, мулоќот , њуљуми аќлї, саволу љавоб |
| *Шаклњои ташкил намудани фаолияти хониш:* | Љамоа, бо гурўњњо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърўза, китобњои дарсї ва васоити таълимї, воситањои таълимї, кластер, скелети моњї, љадвали инсерт, диаграмммањо. |
| *Методњои баръакс ва роњу равиши он, хулосањои љамъбастї, илмї ва мантиќї:* | Технологияи кейс, саволу љавоби дањонї, мулоќот |

**Харитаи технологии машѓулоти таълимї**

| *Зинањои асосии таълим* | ***Мазмуни фаъолият*** | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал. Муќаддима ва ќисми ташкилї. (10 дақиќа)* | 1.1.Маќсад, маром ва моњияти асосии мавзўъ ва натиљањои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволњо мурољиат менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосї. (60 дақиќа)* | 2.2. Дар бораи мавзўи нав нуктањои асосї, истилоњоти тоза ва мафњумњои муњимро таъкид менамояд;<br>дар бораи омўзиши мавзўъ рўйхати адабиётњои асосї ва иловагї эълон карда мешавад;<br>дар бораи омўзиши мавзўи нав замина муњайё карда мешавад;<br>мазмун, маќсад ва моњияти мавзўъ аз љониби муаллим фањмонда мешавад;<br>мавзўъ ба як чанд ќисми асосї таќсим карда мешавад;<br>бобати омўхтани мавзўъ вазъиятњои муаммої мавриди муњокима ќарор дода мешавад ва дар бораи роњњои њаллу фасли онњо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br>Њар як ќисми мавзўъ дар асоси пайвандии мантиќї бо њамдигар дар вобастагї њаллу фасл карда мешавад, слайдњое, ки моњияти мавзўъро дар худ акс кунонидаанд ташрењ дода мешавад ва дар њамин замина асбобњои айёнї, кластерњо ва жадвалњо бамаврид шарњу эзоњ дода мешаванд;<br>ќисматњои асосї ва нуктањои мураккаби мавзўъ такрор ба такрор фањмонида мешавад; дар љараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кўњна то ба маълумоти наву тоза ботадриљ, дар сурати оњиста зина ба зина мегузарад; дар љараёни | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволњо мурољиат менамоянд,ба мулоќот ворид мешаванд, дар бораи масъалањои асосии мавзўъ муносибатњои шахсии худро баён менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| | маърўза аз методњои интерфаъол ва анъанавї истифода бурда мешавад;<br>дар љараёни маърўза муносибати баръаксро мунтазам барќарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва љавобњои имухталиф истифода бурда мешавад;<br>дар асоси њар як ќисмати дарс хулосаи љамъбастї ва мантиќї бароварда мешавад. | |
| *Зинаи саввум: Нињої – Љамъбасти натиљањо. (10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзўъ хулоса менамояд, ба нуктањои муњимтарини мавзўъ диќќати толибилмонро бори дигар љалб менамояд, дар бораи ањамияти амалии мавзўъ дар фаъолияти касбии толибилмон .<br>3.2. Фаъолияти гурўњ ва ё фаъолияти иштирокчии алоњида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосањо эълон карда мешаванд.<br>3.3. Дараљаи ба маќсадњои муайяни таълимї ноил гардидан ва муњиммияти мавзўъ дар амал тањлил карда мешавад ва арзиш дода мешавад.<br>3.4. Дар асоси мавзўъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | Дар ин ќисмати дарс худро бањо додан, санљидани донишњои худ, бо саволњо мурољиат намудан мумкин аст. |

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ

**Зарбулмасал ва мақол – сухани кӯтоҳи образноки ба итмом расидаест, ки дар он мушоҳида ва андешаҳои халқ дар бораи љиҳатҳои гуногуни ҳаёти реалї ба таври хулоса ифода шудаанд.**

**Хусусияти жанрии зарбулмасал ва мақол**. Зарбулмасалу мақол аз жанрҳои маъмул ва машҳури эљодиёти бадеии халқ буда, ҳам дар забони гуфтугуй ва ҳам дар адабиёти хаттї истифода карда мешаванд. Зарбулмасалу мақолҳо љиҳатҳои гуногуни муносибатҳои байни одамонро акс намуда, фикру зикри халқро оид ба ҳодисаҳои гуногуни иљтимой ва табиї ба таври кӯтоҳ ва дар шакли рехтаю суфта ифода менамоянд. Чунончи, «Аввал андеша, баъд гуфтор»; «Аз дӯсти нодон душмани доно беҳ»; «Дарро задам, девор кафид»; «Давидани гусола то каҳдон»; «Буз дар ғами љону қассоб дар ғами љарбу»; «Оби дари хона қадр надорад; «Моргазида аз ресмони ало метарсад» ва ғайра.

**Зарбулмасалу мақолҳо**. Зарбулмасалу мақолҳо натиља ва љамъбасти таљрибаю мушоҳидаҳои ҳаётии оммаи халқанд. Дар онҳо, ки дар давоми асрҳои зиёд гаштаю баргашта таҳрир ёфтаю сайқал хӯрда ҳамчун намунаи ҳайратангези осори адабиёти даҳанакї то замони мо боқї мондаанд, ҳикмати халқ, фазлу хиради халқ ва љахонбинию фалсафаи халқ инъикос ёфтааст. Нависандаи бузурги пролетарї А. М. Горький ба зарбулмасалу мақолҳо баҳои

баланд дода, гуфтааст: «Маҳз зарбулмасал ва мақолҳо тафаккури оммаи, халқро мукаммал, махсусан, пандомез ифода менамоянд... Умуман, зарбулмасал ва мақолҳо тамоми таљрибаҳои зиндагї ва иљтимої таърихии халқї меҳнатиро ба таври ибратангез баён мекунанд».

Гарчанде ки зарбулмасал ва мақолҳо дар алоҳидагї ҳам фикри расо ва маънои муайянеро ифода мекунанд, вале аҳмияти онҳо, моҳият ва қимати онҳо дар нутқи гўянда ё матни нависанда бештар ва барљастатар аён мегардад. Бинобар ин зарбулмасал ва мақолҳоро аз фазилатҳои забон ва боигарию образнокии он ҳисоб кардан мумкин аст.

Воқеан, зарбулмасалу мақолҳо бо хусусияти бадеии худ аз ҳамдигар фарк мекунанд. Зарбулмасалҳо бештар дорои маънои мачозї буда, дар онҳо мақсад ва фикри асосї ба воситаи киноя ифода мегардад. Маънои зохирї ва бевоситаи зарбулмасалҳо ё калимаю ибораҳои дар зарбулмасал истифодашуда шакли бадеие мебошанд, ки танҳо барои ифодаи мақсад ва ғоя истиороамез хизмат мекунанд. Чунончӣ, «Забони мурғонро мурғон медонанд»; «Об аз сар лой»; «На сих сўзад, на кабоб»; «Як задани оҳангару сад задани, сўзангар».

Мо маънои зохирї ва бевоситаи ин зарбулмасаҳоро ба назар намегирем ва ба фаҳми мо маънои мачозї ва истиоравии онҳо зудтар мерасад. Дар ҳақиқат дар ин мисолҳо мақсад забони мурғонро донистани мурғон, аз сари љўй ё дарё лойолуд шуда омадани об, насухтани сиху кабоб, ба як задани болғаи оҳангарї баробар будани сад задани болғачаи сўзангар набуда, он ба маънои аслї-мачозї ва ғоявї марбут аст: 1. бо роҳи ишорат, ё гуфтугўи махсус ба ҳамдигар маълум шудани фикри тарафайн, 2. аз ибтидо вайрон ё бад будани кор, амалиёт ва ғайра, 3. нараnљонидани ду тараф (ё ду шахс), муросокорї, бералї, бепринципӣ, 4. муқоисаи қувва, кору амалиёт ва ҳоказо

**Фарқи зарбулмасал аз мақол**

**Зарбулмасал.** Дар зарбулмасалҳо образи предметҳо, ҳодисаю амалиёт ба воситаи тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, маљоз, ташхис ва дигар санъатҳои каломп бадеї ифода мешавад. Бинобар ин дар байни маънои зоҳирї ва дохилї-маљозии онҳо муносибати мантиқї мављуд аст, ки он ҳамчун ҳодисаи поэтикї хусусияти жанрии зарбулмасалро муайян менамояд.

Масалан, зарбулмасалҳои «Сари дарахти мевадор ҳам аст» ё «Санги вазнинро об намебарад»-ро гирем. Пеш аз ҳама, дар ин ду зарбулмасал

предметҳо ва ҳодисаҳои интихобшуда реалї мебошанд, яъне бе маънои маљозй ва киноявиашон ҳам равшан аст, ки сари дарахти меводор хам асту санги вазнинро об намебарад. Дар баробари ин ҳодиса ва хислати монандшаванда, яъне маънои аслии зарбулмасал (маънои маљозї, киноявї) низ реалї буда, ба мо мефаҳмонад, ки одами доною боакл, ки вай хоксор аст ва одами ботамкину бомулоҳ иза, ки рафтори шоёни таҳсин мекунад, аз љиҳати аломату хислатҳо ва вазъияти ҳол ба дарахти меводор ва санги вазнин монандие доранд. Бинобар ин метавон гуфт, ки маънохои зоҳирї ва дохилии зарбулмасалҳо бемуносибат нестанд, онҳо мантиқан ба ҳамдигар алоқамананданд.

**Мақол.** Аммо хусусияти мақол дигархелтар аст. Дар мақол маънои маљозї, киноявї мушохида намешавад. Мақол мақсад ва ғояро бидуни истифодаи монандкунї барин санъатҳои бадеї, ки хоси зарбулмасаланд, ифода мекунад. Дар мақол предмет,ҳодиса, амалиёт ва ғайра дар љои худ, дар маънои худ ошкоро, бепардапушї, бе хаёлоти бадеї ва берун аз параллелизми психологию предметї ва мантикї меояд. Бинобар ин мақол нисбат ба зарбулмасал аз љихати шакл ва мундарича содда, беобу ранги бадеї аст.

Баёни максаду ғоя дар мақол конкрет буда, қариб ҳамеша ба мазмун ва таркиби лексикии нутқ, ва матн пурра мувофиқат мекунад. Чунончї, **«Дар ҳама кор машварат бояд, кори бемашварат накў наояд»; «Дили нохоҳам, узри бисёр»; «Дидї, ки нашуд, мон, ки равад»; «Дили одаткарда балои љон»; «Кори имрўзаро ба фардо магузор»** ва ғайра.

Вале зарбулмасал ва мақол аз љихати образнокии сухан ва санъатҳои бадеї аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, аз лиҳози сохти синтаксисї ва хусусияти мазмунй (пандуҳикматнокї, ахлоқомузї, тарбиявї, фалсафї, ичтимої ваҳоказо) ба ҳам хеле наздиканд ва дар якљоягй як жанри мустақили фолклори точикро ташкпл медиханд. Онҳо инчунин аз нуқтаи назари вазифа низ ба ҳамдигар бисёр монананд, яъне ҳам зарбулмасал ва ҳам мақол, хох дар нутки гуфтугуй бошаду хоҳ дар забони адабї, бештар бо мақсади пурқуввату нишонрас шудани сухан ва беҳтару гуворотар ифода гардидани фикр ба кор бурда мешавад.

Бояд гуфт, ки бисёр зарбулмасалу мақолҳои точикї аз љиҳати маъно ва ғоя ба зарбулмасалу мақолҳои халқҳои дигар ҳамранг мебошанд. Масалан, зарбулмасали тољикї: «Дар хонае, ки офтоб надарояд, табиб медарояд». Зарбулмасали албанї (тарчумаи русиаш): «Куда не входит сонце, туда потом приходит врач», зарбулмасали тољикй: «Ба умеди худо нашаву буттаро дор». Зарбулмасали латыҳо (тарчумаи русиаш): «Бога дожидаясь, с голода умрешь». Зарбулмасали тољиї: «Хар кас дарди худро гуфта менолад». Зарбулмасали русї: «У кого что болит, тот о том и говорит»: Зарбулмасли тољикї: «Дўст гирёнда гап мезанад, душман хандонда». Зарбулмасали узбекї: Дўст ачитиб гапирар, душман кулдириб» ва амсоли инҳо.

Чунин монандї, агар аз як тараф, ба ҳамрангии тараққиёти сохти љамъиятї, шароитҳои умумии ҳаёт ва ягонагии фикрию психологии ин халқҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба робитаҳои мадані, таърихї. сиёсї ва иқтисодии онҳо зич алоқаманд аст.

Зарбулмасал ва мақолҳои точикї таърихї кадимї доранд. Таърихї зарбулмасал бо таърихї ташаккули халқи точик ва забони точикї алокаманд аст. Як миқдор зарбулмасал ва мақолҳое, ки то замони мо махфуз мондаанд, ҳазор сол пеш аз ин ҳам вучуд доштанд. Мављудияти таърихии онҳоро аз руи осори хатї ва эљодиёти классикони адабиёти тољик муайян кардан мумкин аст.

## ЧИСТОН

**Чистон**

Чизи пинҳон дошташуда, ба воситаи ташбеҳ, истиора, киноя, мањоз, муболиға, тасвир мешавад. Сифат, хосият, аломат, нишона, хислат, ҳолат, ҳаракат барин љиҳатҳои барљастатарини љавоби чистон – предмети пинҳондошташуда зикр мешаванд, то ки ёбандаи чистон аз рўи онҳо он предметро тасаввур карда тавонад.

Чистон аз савол ва љавоб иборат аст. Дар қисми савол сурати маљозии ашё ва ҳодисаҳои зиндагӣ тавсиф шуда, дар қисми љавоб маънии аслии ашё ва ё ҳодисаҳо ифода карда мешавад.

Чистонҳо, ки саволи басо нозуку оқилонаро дар замир доранд, барои инкишофи зиракӣ, ақлу заковат, нозукфаҳмӣ, ҳозирљавобӣ ва дигар хислатҳои неки инсонӣ ёрӣ мерасонанд. Чистонҳо аз таљрибаҳои бои халқ ҳосил шудаанд.

Чистонгӯй дар гузашта бештар дар байни деҳқонон ва ҳунармандон одат буд. Одамони меҳнатӣ чистонро шабона — дар вақти истироҳат ва рӯзона ҳангоми дамгирӣ мегуфтанд.

Чистон дар байни бачаҳо низ хеле бисёр истифода мешавад. Ёбанда ва кушояндаи чистон бояд тамоми хосиятҳои предметҳоро донад.

Гоҳо барои ёфтани љавоби чистонҳои нисбатан мураккаб саволҳои иловагӣ талаб карда мешавад. Ёбанда ва гӯяндаи чистон дар хусуси љондору бељон, хурду калон будани ашёи пинҳон дошташуда ва дигар љиҳатҳои ба худ хоси он як қатор саволҳо дода, бо ёрии онҳо аломат ва хусусиятҳои онро равшантар менамояд. Вақте ки љавоби ин саволҳо гирифта шуд, ёбанда фикрашро ба як тараф равона мекунад ва чизи пинҳоншударо пайдо карда метавонад.

Дар чистон баъзан масъалаҳои математикӣ ҳам дода мешаванд. Дар ин гуна чистонҳо ёбанда дар бораи ташбеҳу истиораҳо фикр накарда, бевосита ба муайян намудани ин ё он адади номаълум диққат мекунад.

Чистонҳои халқӣ одатан, аз ду-чор сатр зиёд нестанд. Чистонҳои дар як сатр гуфташуда зоҳиран наср бошанд ҳам, ботинан ба қонунҳои назм тобеъанд.

Дар байни бачаҳо як навъи чистонгӯй ҳаст, ки онро чистон-булбулон мегӯянд. Онро як навъ бозии бачагона гуфтан ҳам мумкин аст.

Рафти ин бозӣ чуни наст:

Саволдиҳанда бошандагони хонаеро интихоб карда, савол медиҳад:

— Чистон, чистон, булбулон хонаи кист?

Бачаҳои дигар мепурсанд:

— Чанд марду чанд зан?

Саволдиҳанда миқдори зану мардҳои хонаи дар назар доштаашро мегӯяд. Дигарон хонаҳои деҳаашонро як-як ба хотир оварда, муайян мекунанд, ки саволдиҳанда кадом хонаро дар назар дорад. Каси љавоби аниқ гуфта навбат мегирад. Агар ёфта натавонад, ба чистонгӯй «таслим шуда»,

қишлоқашро «пешкаш» мекунад, яъне «шаҳрашро медиҳад», яъне бозиро бой медиҳад. Чистонгӯй: «Ман бихӯрам қанду асал, шумо бихӯред ғӯраи талх, ман биафтам рӯи зар, шумо биафтед ба поруи хар», гуфта ҳарифонашро мазаммат мекунад ва пас љавоби чистонро мегӯяд.

Чистон аз љиҳати мавзӯъ ва мундариљаи ғоявӣ ҳамеша ба ҳақиқати зиндагӣ, ҳодиса ва ашёҳо вобаста аст. Чистонҳо, асосан оиди олоту воситаҳои меҳнатӣ, асбобу ашёҳо, табиат ва ҳодисаҳои он, љирмҳои осмонӣ, зироату сабзавот, ҳайвоноту паррандагон, узвҳои одамӣ ва ғайра гуфта шуда, дар онҳо ташбеҳ, киноя, истиора барин воситаҳои тасвири бадей истифода мегарданд.

Як қатор чистонҳое ҳастанд, ки онҳо хусусияти афсонавӣ доранд. Чунин чистонҳоро чистон-афсона мегӯянд.

Ғайр аз чистонҳои хурдакаки кӯтоҳмисраъ боз чистон-шеърҳое низ мављуданд, ки ба тавсифи ин ё он предмет, ҳайвон ё инсон бахшида шудаанд. Ин гуна шеър-чистонҳо бештар дар адабиёти хаттӣ дучор мешаванд ва муаллифи муайян доранд. Онҳо нисбат ба чистонҳои халқӣ калонтар мебошанд. Ба ин чистонҳои Восифӣ «Шоҳмот», «Шафтолу», «Шатранљ», «Офтоб» чистони Лоҳутӣ «Тӯдаи булбулон», чистонҳои Деҳотӣ «Трактор», Латофат Кенљаева «Нилуфар» ва монанди инҳоро дохил кардан мумкин аст.

## БАЙТ, ДУБАЙТЇ ВА РУБОИЁТИ ХАЛҚЇ

***Байт*** аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш хона, хонаи истиқоматї гуфтан аст. Дар шеърият ду мисраъ як байтро ташкил мекунад. Ҳаљми шеърҳоро одатан бо байтҳо ҳисоб мекунанд. Зеро як мисраъ шеъри мукаммал шуда наметавонад.

Чунончи суруди зерини халқӣ аз ду байт иборат аст:

1. Баҳор омад, баҳор омад,
Ба деҳқон вакти кор омад.
2. Ба бӯстон гул қатор омад,
Баҳори нав муборак бод!

**Рубой ва дубайтӣ.** Рубой аз жанрҳои паҳншудатарини адабиёти хаттиву даҳанакии халқи точик мебошад. Он аз калимаи арабии «арбаа», ки маънии луғавиаш чоргона, чор гуфтан аст, сохта шудааст. Рубой жанри мӯъчази лирикӣ аст, ки аз чор мисраъ ё ду байт ташкил меёбад. Аз чиҳати шакл рубой се мисраи ҳамқофия ва як мисраи беқофия (мисраи сеюм) дорад, ки инро дар шакли нааба ифода намудан мумкин аст. Масалан, рубоии зерини халқї низ дар ҳамин шакл қофиябандӣ шудааст.

Ёри манна бин мошинаша мерона, (а)
Рӯймолчаи дастакша меларзона, (а)
Рӯймолчаи дастакша худум духта будум,, (б)
Аз минаи шоферо хуш карда будум. (а)

Вале рубоиҳое ҳам ҳастанд, ки қофиябандиашон дар шакли аааа буда, онҳоро рубоиҳои тарона меноманд.

Мазмуни рубоиҳои халқї гуногун мебошад. Рубоиҳои халқиро ҳангоми мувофиқи мавзўъ бо мавзўъҳои иљтимої ва маишї тақсим намудан мувофиқи мақсад аст. Дар рубоиҳои китобатї низ мазмуни фалсафӣ, ичтимой, ишқӣ, панду ҳикмат ва ғайра ба назар мерасанд. Рубой дар давоми асрҳо қариб дар тамоми эчодиёти шоирони гузаштаамон дида мешавад. Рубой дар назми имрӯза ва эчодиёти даҳанакии халқи точик низ мавқеи калон дорад.

Аз рўи масъалаҳои асосии љамъиятї ва ҳаётї, ки рубоиҳо дахл кардаанд, онҳоро ба якчанд гурўҳ људо кардан мумкин аст, ки ин гурўҳҳо дар навбати худ боз ба як қатор қисматҳои алоҳида људо мешаванд:

1. Рубоиҳои ишқї.
2. Рубоиҳои оид ба никоҳи маљбурї ва камбағалї.
3. Ғарибї.
4. Дар бораи марг.
5. Оид ба тақдир.
6. Оид ба зулми иљтимої.

Қисми зиёди сурудҳои халқӣ дар шакли рубой гуфта шудааст. Зеро ин шакл дар эљодиёти даҳанакии халқ, яъне фолклори тољик хеле қадима буда, бинобар ин ҳам дар мавзўъҳои гуногуни ишқӣ,, оилавӣ фаровон истифода бурда мешавад. Аз ин љихат рубой барои ифода намудани ҳиссу фикри одамон бисёр мувофиқ буда, дар байни халқ хеле васеъ паҳн шудааст. Онро ба осонӣ эљод кардан, ба тезӣ ба хотир гирифтан мумкин аст. Рубоиҳоро ҳама — хурду калон медонанд. Дар љамъомадҳо онро одатан бо дутор, думбура барин асбобҳои (созҳои) мусиқӣ месароянд. Мардум ба воситаи рубоиҳо дар бораи масъалаҳои гуногуни замона ва зиндагӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд.

**Дубайтӣ** ҳам жанри лирикӣ мебошад. Ба мисли рубой дубайтӣ ҳам аз чаҳор мисраъ (ду байт) иборат аст. Аз нуқтаи назари қофиябандӣ ҳам дубайтӣ ба рубой монанд аст. Яъне аксаран сохти қофияи дубайтӣ ҳам ааба мешавад.

Дубайтӣ аз рубой дар масъалаи вазн фарқ мекунад. Мисраъҳои дубайтї ҳамеша бо **мафоилун** сар мешавад. Мисраъхои дубайтӣ ҳеч гоҳ бо ҳичои дароз оғоз намеёбад. Дубайтӣ дар як вазни анъанавӣ навишта мешавад. Ин вазни **ҳазачи мусаддаси мақсур** (ё маҳзуф) мебошад, ки баробари мафоилун // мафоилун// фаўлун (У---//У---//У--) ду бор дар ҳар байт мебошад. Рубой бошад, баръакс асло бо ҳичои кўтоҳ сар намешавад. Одатан рукнҳои аввали мисраъҳои он дар шакли **ахрам ё ахраби баҳри ҳазач** сурат мегирад. Ҳамин тавр, дубайтї ва рубой дар як баҳри шеъри арузй - ҳазач гуфта шаванд ҳам, аммо дар шохаҳои тамоман мухолифи ҳамдигар эчод мешаванд.

Дубайтӣ дар таъсирбахш ифода намудани эҳсосоти қалбию андешаи қаҳрамони лирикӣ хеле мувофиқ аст. Дубайтӣ асосан мазмуни ишқӣ дорад. Вай дар адабиёти мумтози форсу точик низ мавқеи калонро соҳиб буд. Шоири маъруфи асри Х1 Бобо Тоҳири Урён дар ин дубайтӣ ҳиссиёти самимонаи худро дар мавзўи ишқу муҳаббат ин тавр таъсирбахш баён кардааст:

Диле дорам харидори муҳаббат,  
К-аз ў гарм аст бозори муҳаббат.  
Либосе бофтам бар қомати дил  
З-и пуди меҳнату тори муҳаббат.

Ин жанри кўҳна, ки асосаш халқӣ аст, дар лирикаи садаи ХХ-и точик ҳам мавқеи калонро соҳиб буд. Аз шоирони ин давр махсусан Абулқосим Лоҳутй, Аминчон Шукуҳй, Лоиқ Шералй, Гулназар дар ин жанр муваффақият пайдо кардаанд.

Дар давоми асрҳо бисёр шоирони форсу тољик низ дар рубоисарой шўҳрат пайдо кардаанд. Аз љумла, Умари Хайём, Бедил, Аминљон Шукўҳй, Лоиқ ва дигарон бо рубоиёти худ хеле машҳуранд, ки он рубоиҳо имрўз низ вирди забони мардуми шеърдўсти мо мебошанд.

# АФСОНА ВА ХЕЛҲОИ ОН

Афсона яке аз қадимтарин ва маъмултарин намуди эљодиёти даҳанакаии халқ мебошад. Афсонаҳое, ки ҳоло ҳам дар байни мардум ҳастанд, гувоҳй медиҳанд, ки таърихи онҳо ба замонҳои қадим рафта мерасанд. Дар афсонаҳо ҳодисаю воқеаҳои бофтаю хаёлй ва саргузаштҳои аљоибу ғароиб тасвири худро ёфтаанд. Асоси онҳоро боварй ба ғалабаи қувваҳои некй бар бадй, љомаи амал пўшидани орзую умеди мардум, беҳтар шудани зиндагй, тарғиби накўкорй ва инсофу адолат, даъват ба мубориза барои озодии инсон ташкил медиҳанд.

Дар илми фолклоршиносии тољик зимни истилоҳи «афсона» як навъ асарҳо ҳикояҳои эпикии дар шакли наср ва ба таври шифоҳї эљодшудаи халкї, ки маъмулан мазмунҳои рамзию тамсилї, сеҳромезї ва саргузаштию маишї доранд ва сюжети онҳоро ҳодисаҳои бофтаю хаёлї ва тасвирҳои фантастикию ғайриоддї ташкил медиҳанд, дар назар дошта мешаванд. Вале љой доштани ин гуна ҳодисаҳои бофтаю хаёлї ва тасвирҳои ғайриоддию аз ақл берун ҳаргиз маънои онро надорад, ки афсонаҳо аа унсурҳои ҳаётию воқеї маҳруму бебаҳраанд. Баръакс, дар онҳо аз хурдтарин масъалаҳои зиндагї сар карда, то муҳимтарин ҳодисаю руйдодҳои ҳаётї сиёсї, иљтимої, иқтисодї ва фарҳангии инсонҳои давраҳои гуногуни таърихї инъикос ёфтаанд. Халқ дар афсонаҳо дар бораи касбу кор ва талаботу дархостҳои дар пеш гузоштаи худ, инчунин дар хусуси муборизаҳои бар зидди қувваҳои зараровари табиат ва љамъият бурдааш, суханҳо мегўяд. Қариб ҳамаи афсонаҳо бо ғалабаи қувваи некї - бо пирўзии намояндаи халқи заҳматкаш ба охир мерасад, ки ин ифодаи ҳамон орзую ормонҳои аҳли заҳмат дар бораи зиндагии осудаю ором ва ба љои беадолатї пойдору устувор гардидани адлу инсоф мебошад. Гузашта аз ин дар афсонаҳо тарзи зиндагонї, муносибатҳои шахсию љамъиятї ва фаъолиятҳои меҳнатии одамон муфассалтар инъикос ёфта, ҳиссиёт, фикр ва андешаю љаҳонбинии оммаи халқ барљастатар љамъбаст гардидааст.

**Афсонаҳои тољикї дорои навъҳои гуногунанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:** якум афсонаҳои тамсилї ё афсонамасалҳо; дуюм - афсонаҳои сеҳромез; сеюм - афсонаҳои ҳаётї-маишї ва чаҳорум - афсонаҳои ишкї-романтикї. Ин навъи афсонаҳо бо вижагиҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ин тафовут ғолибан дар тарзи инъикоси воқеаҳо, системаи образҳо ва дар истифодаи унсурҳои услубию воситаҳои тасвири бадеии онҳо эҳсос мегардад.

**Афсонаҳои тамсилӣ ё афсонамасалҳо.**

Ин навъи афсонаҳо хеле қадимаанд ва яқинан бо таъсири ақидаҳои тотемистию анимистии одамон ба вуҷуд омадаанд. Онҳо аксаран хусусияти рамзӣ доранд ва ба воситаи маҷоз ва образҳои рамзӣ (дар сурати ҳайвонот, парандагон. ҳашарот, наботот ва ашёҳо) хислатҳои гуногуни инсониро бозтоб менамоянд. Масалан, рубоҳ, ки аз ҷумлаи ҳайвоноти вахшӣ аст, дар афсонаҳо ҳамчун рамзӣ макру фиреб, найрангу риёкорӣ, дуруғгӯӣ, бевафоӣ. ҳарисӣ, чашмгуруснагӣ ва назири инҳо амал мекунад. Гург бошад, ҳамчун рамзӣ гуливу нодонӣ, ҳамокат, кундзеҳнӣ, содалавҳӣ, зудбоварӣ ва ғайра пеши назар меояд. Кӯтохандешӣ, қадрношиносӣ, бераҳмӣ, ҷинояткорӣ ва ҳарисию баднафсӣ низ аз хислатҳои умдаи гурганд.

Дар афсонаҳои тамсилӣ боз як силсила ҳайвоноти аҳлию вахшӣ аз қабили шер, паланг, шағол, хирс, саг, харгӯш, бузғола, мурғ, мурғобӣ, акка, каждум, мӯрча, қурбоққа ва амсоли инҳо ба ҳайси персонажҳои асосӣ ширкат меварзанд, ки ҳар кадоме аз онҳо низ бо рафтор ва кирдори худ ин ё он хислати муайяни одамиро таҷассум менамоянд. Чунончи, дар аксарияти афсонаҳо шеру палангу шағол ҳамчун рамзи бераҳмию хунхорӣ ва ҳарисию чашмгуруснагӣ, хирс ҳамчун рамзи танбалию коргурезӣ ва зӯроварӣ, харгӯш ҳамчун рамзи буздилию тарсуӣ, саг ҳамчун рамзи садоқату вафодорӣ, мурча ҳамчун рамзи заҳматкашиву тифоқӣ, фароштурук ҳамчун рамзи дӯсти одамизод ва каждум, ҳамчун рамзи бадкинӣ намудор мешавад.

Як ҷиҳати қобили мулоҳизаи афсонаҳои тамсилӣ ин аст, ки онҳо аксаран моломоли ғояҳои пандомӯзианд. Хусусан, эҳсоси эҳтирому садоқат нисбат ба онҳое, ки меҳнатдӯстӣ, ростию накӯкорӣ, вафодорӣ, олиҳимматӣ ва дӯстию бародариро пешаи худ қарор додаанд, аз ғояҳои асосии ин навъи афсонаҳо ба ҳисоб мераванд. Дар ин

**Афсонаҳои сеҳромез**. Ба ин силсила афсонаҳое мутааллиқанд, ки дар онҳо тасвири ҳодисаҳои бофтаю хаёлї, лаҳзаҳои ғайритабиї, фавқулодда ва корнамоиҳои аљоибу ғароиб љойгоҳи мумтозе доранд. Дар онҳо аксар вақт љодугарон ва махлуқҳои тахайюлию фавқуттабиа аз қабили дев, аждаҳо, парї, аспи болдор, рубоҳи заррин, мурғи сухангў, симурғ ва як силсила ашёҳои сеҳрнок, монанди гилеми худпар, ойинаи љаҳоннамо, дастархони неъмат, ангуштарин, шамшер, асо, сўзан, мўй ва ғайра амал мекунанд, одамон аз ҳолати одамиашон ба қолаби ҳайвонї дароварда мешаванд, ҳайвонҳо бо забони одамї гап мезананд ва аз худ ҳар гуна муъљизаҳо нишон медиҳанд.

Чунин ҳол, яъне љой доштани тасвирҳои хаёлию бофта ва дар образҳои фантастикї - тахаюлию типҳои мавҳум (абстракт) инъикос намудани ҳодисаҳо љиҳати ба худ хоси афсонаҳои сеҳромез буда, иддаои ба ҳаёти воқеї алоқаи мустаҳкам доштани онҳоро ҳељ гоҳ инкор намекунад.

Азбаски афсонаҳои сеҳромез дар даврони љамъияти ибтидоии бесинфї эљод гардидаанд, зимнан афкор, ақоид ва оламшиносию љаҳонбинии одамони ҳамон давронро ифода менамоянд. Ба сухани дигар, дар афсонаҳои сеҳромез тасаввуроту ақидаҳои қадимии одамон дар бораи некию бадї ва орзую умедҳои оид ба ҳаёти осудаю ором доштаи онҳо, ки ба анимизм, тотемизм, фетишизм, магия ва ғайра алоқамандананд, баён гардидаанд.

Қисми зиёди ин афсонаҳо афсонаҳо хусусияти саргузаштї доранд ва қаҳрамонони онҳо аз паи иљрои вазифаҳои азиму шартҳои муҳим дар шаҳрҳою мамлакатҳои бегона ва дар кўҳу биёбонҳои пурхатару дурдаст

оворагардї мекунанд, бо кўмаки ёрдамчиёни мўъљизакору вафодори худ ба осмон мераванд, ба зери замин медароянд, бар зидди дев. аждар ва кўрбарзангї барин махлуқҳои бадҳайбату фавқуттабиа ва инчунин ба муқобили подшоҳони золиму худсар ва дигар одамони маккору ҳарис мубориза бурда, бар онҳо ғолиб меоянд, асиронро аз зиндонҳо озод мекунанд, ба камбағалон ва хољатмандон ёрї мерасонанд ва ғайра.

Афсонаҳои сеҳромез мавзўъҳои гуногунро аз бар кардаанд. Вале ташкили оила ва пойдору устувор намудани бунёди он аз мавзўъҳои асосї ва хеле доманадори ин навъи жанри афсона аст.

**Афсонаҳои ҳаётї-маишї.** Ин афсонаҳо аз он љиҳат љолибанд, ки дар онҳо фикру андешаҳои иљтимої ва мафҳумҳои ахлоқии одамон равшантар ифода ёфта, масъалаҳои муҳимми шахсию љамъиятї ва муносибатҳои хаёти оилавї бештар ва барљастатар бозтоб мешаванд.

Амалиёт дар ин афсонаҳо на дар ким-кадом мамлакати дурдасти хаёлї ва манзилҳои мавҳум (абстракт), балки дар љойҳои муайяну мушаххас - ҳавлии бой ё мулло, дар хонаи деҳқони камбағал, дар муҳит ва шароитҳои муқаррарї ба миён омада, низ дар ҳамин гуна љойҳо ва муҳиту шароитҳо ба охир мерасад. Ба воситаи симоҳои иљтимої ва образҳои асосноку воқеї нишон додани муносибатҳои шахсию љамъиятии одам он ва ифода намудани ҳиссиёт, љаҳонбинї, орзую умед ва мафҳумҳои ахлоқии табақаҳои гуногуни љомеа низ аз љиҳатҳои хоси ин қабил афсонаҳо аст.

Қаҳрамонони афсонаҳои ҳаётї-майшї, ки аксаран аз табақаҳои поёни љамъиятанд, одамони нисбатан фаъолу ташаббускоранд. Онҳо мушкилиҳои пешомадаро на бо ёрии кувваҳои ғайр ва ашёҳои мўъљизакору сеҳрнок, балки танҳо ба туфайли чусту чолокї ва зиракию ўҳдабароии худ бартараф намуда, ба мақсад мерасанд. Илова бар ин онҳо монанди қаҳрамонони афсонаҳои сеҳромез дар љустуљўи шоҳдухтари зебо ба сафарҳои дуру дарози пурхатар намераванд. ба тољу тахти подшоҳї соҳиб шуда. қасру боғҳои пурҳашамат иамесозанд ва дар роҳи иљрои вазифаҳои азиму шартҳои муҳим бар зидди душманони фантастикї - дев, аждар, мори ҳафтсар ва кўрбарзангї барин махлуқҳои бадҳайбати бадбахтиовар мубориза намебаранд, баръакс мазмуну муҳтавои амалиёт ва вазифаи асосии онҳоро муборизаи зидди душманони реалї-иљтимої ва пойдору устувор гардонидани адлу инсоф дар ҳар љое, ки лозим аст. эҳтиво менамояд.

Қобили ёдоварист. ки дар як қисми калони афсонаҳои ҳаётї-майшї **ҲАЉВ** ва тасвирҳои ҳаљвии ҳодисаҳои зарарноки давраҳои гузашта мавқеи бузург дорад. Дар ҳаљви ин афсонаҳо на танҳо эътироз ва хашму ғазаби халқ нисбат ба ҳама гуна љабру зулми љисмонї ва маънавї баён ёфтааст, балки рўҳи оптимистї -орзую умедҳои он дар бораи ҳаёти хушбахтона низ ифода гардида аст. Ҳаљв ва тамасхўру истеҳзо хусусан дар силсилаи афсонаҳое, ки ба саргузашти машҳуртарин қаҳрамони мусбати ин афсонаҳо -кал алоқамандaнд ва дар онҳо золимї, фиребгарї, хасисї, беадолатї, муфтхўрї, дурўягї, бехирадї, бадахлоқї ва фосиқии намояндагони синфи ҳоким - подшоҳ, бой, қозй, мулло ва амсоли инҳо маҳкуму мазаммат карда мешаванд, басе пуркувват мебошад.

Аммо на ҳамаи афсонаҳои мавриди назар дорои ҳаљви иљтимоианд. Дар байни ин намуди насри шифоҳї асарҳое низ ҳастанд, ки дар оҳанги ҳаљвиёти онҳо ба љои тамасхўру истеҳзои тезу тунд ва писханду кинояҳои нешдор юмор-ҳазлу шўхиҳои нарму сабук падид омада, барои танкид намудани гуливу нодонї, танбалию фориғболї, шитобкорї, зудбоварї ва дуруғгўию буздилї барин нуқсону камбудиҳои намояндагони људогонаи худи халқ, ки ин иллатҳо ва нуқсону камбудиҳо дар айни замон характери умумиинсонї доранд, хизмат мекунад. Вазифа ва ҳадафи ин навъ афсонаҳо, ки як гурўҳи махсусро ташкил медиҳанд ва силсилаи афсонаҳои марбут ба Лаку Пак аз ҳамин қабиланд, маҳз аз ислоҳ намудани нуқсонҳои номбаршудаи халқ иборат асту бас.

**Афсонаҳои ишқї-романтикї.** Ин гурўҳи афсонаҳо низ дар силсилаи асарҳои насрии халқї љойгоҳи намоёнро ишғол менамоянд. Гурўҳи мазкур аз нуқтаи назари мавзўъ, образ ва истифодаи унсурҳои услубї ва воситаҳои тасвири бадеї ба афсонаҳои ҳаётй-маишї шабоҳати зиёд доранд, яъне дар онхо низ тарзи зиндагонї ва муносибатҳои шахсию љамъиятии одамон, ҳиссиёт, љаҳонбинї ва мафҳумҳои ахлоқии табақаҳои гуногуни љомеаи синфї на дар образҳои хаёлию бофта ва типҳои мавҳум, балки дар симоҳои иљтимої ва образҳои асосноку воқеї ба тасвир омадаанд. Асоси мундариљаи ин навъ афсонаҳоро низ мавзўъҳои иљтимої ва масъалаҳои муҳиме, ки дар заминаи ҳаёти воқеии љамъияти феодалї ба миён омадаанд, ташкил медиҳанд. Дар ин қабил афсонаҳо асосан муҳокимаю баррасии мавзўъҳои марбут ба ишқу ошиқї, тараннуми муҳаббати поку самимии инсонї ва талошу љонфидоиҳои дилдодагон дар роҳи ташкили оила ва зиндагонї якљояи заношўї мавқеи

устуворе дорад. Воқеаҳое, ки дар ин гурўҳ афсонаҳо васфу ситоиш меёбанд, яке аз дигаре дилработару ҳаячонбахштаранд. Дар афсонаҳои мазкур изҳори ишқ, дарди дил ва максаду мароми дилдодагони кўи ишқ-ошиқон ва маъшуқаҳои некниҳоду покният аксаран тавассути суруду таронаҳо ва дубайтиҳои дилнишину хотирмон ба зуҳур меоянд. Истифодаи чунин асарҳои ошиқонаи манзум нақли афсонаро ба саҳнаи драмавии шавковар табдил медиҳад ва муҳтавои онро ғанӣ мегардонад.

Афсонаҳои ишқї-романтикї, ки «Тоҳир ва Зўҳро», «Фарҳоду Ширин», «Тошї», «Ориф ва Олим», «Девонаҳусайнї» ва «Девонанаљмон» аз љумлаи онҳоянд, комилан ба бевичдонї, сустиродагї, бадахлоқї, булҳавасї, зудбоварї, бераҳмї, фиребгарї ва маишатпарастї барин ахлоқи вайрону кирдорҳои мопоку нафратовари табақаҳои ҳокими љамъияти феодалї муқобил гузошта шудаанд.

Ва ҳамин тариқ, афсонаҳо дар адабиёти шифоҳии мардуми мо љойгоҳи махсусро ишғол менамоянд ва яке аз кадимтарин ва маъмултарин анвои ин адабиёт ба шумор мераванд. Ин падидаҳои завқию бадеї, ки дар заминаи таљрибаҳои дуру дарози зиндагї, муборизаҳо, талошҳо ва афкори демократии оммаи заҳматкаш дар шароитҳои муайяни сиёсї ва иљтимої бо мазмуну ғояҳои гуногун эљод гардида, дар тамоми давру замонҳо бо хаётї моддї, фарҳангї ва фаъолиятҳои меҳнатии одамон равобити ногусастание пайдо карда омадаанд, аз маънавиёти волои инсонї аа рўҳияи бузурги оптимистї серобу саршоранд. Дар онҳо алалхусус ғояҳои дорои аҳамияти умумиинсонї ва ақидаҳои башардўстона гаштаю баргашта таъкид гардидаанд.

Афсонаҳо ба мо имконият медиҳанд, ки тарзи зиндагонї, расму оинҳо, касбу кор, ақидаҳои сиёсї, рўҳия, ахлоку одоб, фарҳанг ва таърихи бойи халқамонро амиқтар дарк намоем. Беҳуда нест, ки афсонаҳои тољикї кайҳо боз диккати муҳаккиқони риштаҳои гуногуни илм - муаррихон, адабиётшиносон, мардумшиносон ва донишмандони соҳаҳои забон, фолклор, санъат ва ғайраро ба худ љалб карда меоянд. Ба вуљуд омадани асарҳои илмї-тадқиқотии фолклоршиносони тољик дар бораи баъзе навъҳои ин жанри фолклорї ва дар шакли маљмўаҳои хурду калон бо теъдоди зиёд ба забонҳои тољикї, русї ва ғайра чоп шудани намунаҳои афсонаҳо баёнгари он аст, ки жанри мазкур ҳамчун василаи муҳими тарбиявї ва маърифатї аҳамияти махсусро доро аст.

Ҳар гуна афсонае, ки маҳсули эљодиёти даҳанакии халқ аст, қатъи назар аз кй ва чй будани қаҳрамонаш марому мақсад ва орзуву ҳавас, хуллас ақидаҳои халқиро ифода мекунад.

Афсона дар адабиёти хаттй ҳам дида мешавад. Нависандагоне ҳам ҳастанд, ки бо афсонапардозии худ машҳур гардидаанд.

Аз адибони давру замонҳои гуногуни олам Низомии Ганљавй, Салмони Соваљй, Бедил, Пушкин, Лермонтов, Толстой,, бародарон Гримм, Андерсен, Горкий ва дигарон афсонаҳои зиёде навиштаанд. Аз адибони муосири тољик Адаш Истад бо афсонапардозии худ машҳур аст. Дар китоби «Чароғи сеҳрнок» беҳтарин афсонаҳои ин нависандаи самарқандй чоп шудааст.

Гарчанд афсонаҳо бо тасвирҳои муболиғанок гуфта ва ё навишта мешаванд, вале дар замири онҳо ҳақиқати ҳаёт ниҳон аст. Бисёр афсонаҳо дар заминаи умеду орзуҳое, ки халқ дар дил мепарваранд, ба вуљуд омадааст. Аз ин љост, ки дар бораи воқеа ва шахсони таърихй, аз қабили Эраљи тилисмшикан, Шерак, Спи-тамен, Искандар, Ибни Сино, Фирдавсй, Навой, Улуғбек ва дигарон афсонаҳо офарида шудаанд.

**Мавзӯи** | **АБӮАБДУЛЛОИ РӮДАКӢ** | **Маърӯза**

**Модели технологияи машғулоти маърӯзавӣ**

| | |
|---|---|
| *Вақти таълим: 2 соат* | |
| *Сохтори машғулоти таълимӣ / Нақшаи маърӯза.* | 1. Тарҷимаи ҳолӣ Рӯдакӣ ва масъалаҳои баҳсноки он.<br>2. Мероси адабии Рӯдакӣ ва жанрҳои он.<br>3. Мавзӯъҳои асосӣ ва мундаричаи ғоявии осори шоир.<br>4. Таҳлилии ғоявӣ-бадеии қасидаҳои “Васфи Бухоро”, “Шикоят аз пирӣ”, ва “Модари май”.<br>5. Афкори панду ахлоқии шоир. |
| *Мақсади асосии машғулот:* | Принсипҳои таснифоти методҳои анъанавии таълим, маълумоти назарӣ дар бораи мафҳуми метод, шакл ва намудҳои методҳои анъанавии таълим, гурӯҳи методҳои анъанавии таълим, методҳои анъанавии таълим ва мушаххасоти онҳо, мавқеи методҳои анъанавии таълим дар дарсҳои адабиёти точик, роҳ ва усулҳои тадбиқи методҳои анъанавӣ дар чараёни |

| | |
|---|---|
| | таълими таърихи адабиёти точик, афзалият ва нуқсонҳои ин методҳо. |
| *Вазифаҳои педагогӣ:* | *Натичаи фаолияти таълим:* Моҳияти асосии мафҳуми методи анъанавии таълим, таснифоти методҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, фаҳмиши методҳои таълим, методҳои шифоҳии таълим, методҳои мантиқии таълим, методҳои психологӣ ва педагогии таълим, методҳои илюстративӣ, методҳои демонстратсионӣ, аҳамияти методҳои анъанавӣ дар чараёни таълими адабиёти точик, маврид ва тарзу равиши истифодаи методҳои анъанавии таълим, шарҳ ва тафсири хусусиятҳои асосии методҳои анъанавии таълим, маърӯза ва хусусиятҳои муҳимтарини он, афзалият ва нуқсонҳои методҳои анъанавӣ, дарачаи мутобиқати методи анъанавии таълим дар чараёни таълими адабиёти точик ва тамоюлоти асосии он, принсипҳои истифодабарии модели анъанавии таълим ва методҳои асосии он дар чараёни таълими адабиёти точик. |
| *Методҳои таълим:* | Маъруза, мулоқот , ҳучуми ақлӣ, савол у чавоб, мунозира |
| *Шаклҳои ташкил намудани фаолиятихониш:* | Чамоа, бо гурӯҳҳо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърӯза, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, кластер, скелети моҳӣ, чадвали инсерт, диаграмммаҳо. |
| *Методҳои баръакс ва роҳу равиши он, хулосаҳои чамъбастӣ, илмӣ ва мантиқӣ:* | Кластер, саволу чавоби даҳонӣ, мулоқот |

**Харитаи технологии машғулоти таълимӣ**

| *Зинаҳои асосии таълим* | ***Мазмуни фаъолият*** | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал.*<br><br>*Муқаддима ва қисми ташкилӣ.* | 1.1.Мақсад, мааром ва моҳияти асосии мавзӯъ ва натичаҳои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат |

| | | |
|---|---|---|
| *(10 дақиқа)* | | менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосӣ.*<br><br>*(60 дақиқа)* | 2.2. Дар бораи мавзӯи нав нуктаҳои асосӣ, истилоҳоти тоза ва мафҳумҳои муҳимро таъкид менамояд;<br><br>дар бораи омӯзиши мавзӯъ рӯйхати адабиётҳои асосӣ ва иловагӣ эълон карда мешавад;<br><br>дар бораи омӯзиши мавзӯи нав замина муҳайё карда мешавад;<br><br>мазмун, мақсад ва моҳияти мавзӯъ аз чониби муаллим фаҳмонда мешавад;<br><br>мавзӯъ ба як чанд қисми асосӣ тақсим карда мешавад;<br><br>бобати омӯхтани мавзӯъ вазъиятҳои муаммой мавриди муҳокима қарор дода мешавад ва дар бораи роҳҳои ҳаллу фасли онҳо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br><br>Ҳар як қисми мавзӯъ дар асоси пайвандии мантиқӣ бо ҳамдигар дар вобастагӣ ҳаллу фасл карда мешавад, слайдҳое, ки моҳияти мавзӯъро дар худ акс кунонидаанд ташреҳ дода мешавад ва дар ҳамин замина асбобҳои айёнӣ, кластерҳо ва жадвалҳо бамаврид шарҳу эзоҳ дода мешаванд;<br><br>қисматҳои асосӣ ва нуктаҳои мураккаби мавзӯъ такрор ба такрор фаҳмонида мешавад; дар чараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кӯҳна то ба маълумоти наву тоза ботадрич, дар сурати оҳиста зина ба зина мегузарад; дар чараёни маърӯза аз методҳои интерфаъол ва анъанавӣ истифода бурда мешавад;<br><br>дар чараёни маърӯза муносибати баръаксро мунтазам барқарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва чавобҳои имухталиф истифода бурда мешавад;<br><br>дар асоси ҳар як қисмати дарс хулосаи чамъбастӣ ва мантиқӣ бароварда мешавад. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд,ба мулоқот ворид мешаванд, дар бораи масъалаҳои асосии мавзӯъ муносибатҳои шахсии худро баён менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| *Зинаи саввум:*<br><br>*Ниҳой – Чамъбасти натичаҳо.*<br><br>*(10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзўъ хулоса менамояд, ба нуктаҳои муҳимтарини мавзўъ диққати толибилмонро бори дигар чалб менамояд, дар бораи аҳамияти амалии мавзўъ дар фаъолияти касбии толибилмон .<br><br>3.2. Фаъолияти гурўҳ ва ё фаъолияти иштирокчии алоҳида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосаҳо эълон карда мешаванд.<br><br>3.3. Дарачаи ба мақсадҳои муайяни таълимй ноил гардидан ва муҳиммияти мавзўъ дар амал таҳлил карда мешавад, ва арзиш дода мешавад.<br><br>3.4. Дар асоси мавзўъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | Дар ин қисмати дарс худро баҳо додан, санчидани донишҳои худ, бо саволҳо мўрочиат намудан мумкин аст. |

## Тарчимаи ҳоли Рўдакй ва масъалаҳои баҳсноки он

Абўабдулло Чаъфар ибни Муҳаммади Рўдакй соли 858 дар деҳаи Рўдак, ки аз қарияҳои ҳамон вақтаи Самарқанд буда, ҳоло тобеъи ноҳияи Панчакенти Чумҳурияти Точикистон аст, ба дунё меояд. Аз кадом табақаи ичтимои буданаш то алҳол равшан маълум нест. Аз ишораҳои дар шеърҳояш рафта бармеояд, ки вай дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст.

Бино ба маълумоти Авфии Бухорой дар «Лубоб ул - албоб» Чаъфар аз модар нобино таваллуд ёфтааст. Илми адабиётшиносй аз олими асри Х1Х олмон Ҳерман Эте то имрўз оиди ин масъа

Давраи чавонии шоир дар зодгоҳаш мегузарад. Вай аз чавонй бо шеъргўй, сурудхонй ва навохтани асбобҳои мусиқй шўҳрат меёбад. Пас, чунон ки олимон муайян кардаанд, ба Самарқанд омада таҳсили комили илм гирифта ва ҳамчун шоир шинохта мешавад. Ба дарбори Сомониён кашида шудани Рўдакй ҳам маҳз дар Самарқанд воқеъ мегардад. Пас шоир ба Бухоро ба дарбори Амир Насри 11 таклиф мешавад. Рўдакй дар дарбори Сомониён шухрат ва сарвати фаровоне меёбад. Вай ба шоирони зиёди даврааш пуштибонй ва сарварй карда ба унвони "малик уш-шуаро"-и дарбори Сомониён мушарраф мегардад. Зиндагии осудаҳолона ба шоир то охири умраш насиб намекунад. Вай дар ҳолати пирию нотавонй аз дарбор ронда мешавад ва ба ривояте ба чашмонаш мил кашида кўр ҳам мекунанд. Вафоти шоир соли 941 дар қишлоқаш Рўдак содир гаштааст. Муайян сохтани зодгоҳи шоир ва оромгоҳаш, ки муаррихону адабиётшиносони пешин онро дар атрофи Бухоро ё Нафас ва ё Самарқанд мепиндоштанд, ба С.Айнй муяссар гашт.

Рўдакй беҳтарин, хубтарин ва сермаҳмултарин шоири давраащ буд. Маҳсули эчодии ўро баъзе аз олимон дар асоси гуфтаҳои Рашидии Самарқандй як миллиону сесад ҳазор байт ё мисраъ медонанд:

Гар сарй ёбад ба олам кас ба некўшоирй,

Рўдакиро бар сари он шоирон зебад сарй.

Шеъри ўро ман шумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,

Беҳтарин далел гуфтаҳои Асадии Тӯсй аст, ки аз рӯи он маҳсули эчодии шоир дар атрофи 180000 байт аст. Аз ин мероси гаронбаҳои ӯ то ба мо андаке зиёдтар аз 1000 байт боқй мондаасту халос. Вале аз ҳамин ашъори пароканда ҳам бузургии шоир ба хубй эҳсос мешавад. Шеърҳои то ба мо расидаи шоир дар шаклҳои қитъа, қасида, рубой, ғазал ва маснавй эчод шуда, дар онҳо мазмунҳои ишқу ошиқй, панду ахлоқй ва шикояти ичтимоию ҳасби ҳол бо маҳорати баланди шоирй ифода ёфтаанд. Рӯдакй ба чуз он ки «Калила ва Димна»-ро ба риштаи назм кашидаст, «Синбоднома», «Даврони офтоб» барин чанд маснавии дигар ҳам таълиф кардааст.




**Тадқиқотчиёни эчодиёти Рӯдакй нӯҳ маснавй ва достон доштани ӯро қайд кардаанд, ки номи баъзе аз онҳо маълум аст: "Калила ва Димна", "Синдбоднома", "Даврони офтоб", "Ароис ун-нафоис".**

**1. «Калила ва Димна»** - аз арабй ба форси дарй ба назм даровардааст Ин асари машҳур дар мавзўи панду ашлоқ буда, Рўдакй боз ба он иловаҳо карда.

**2. «Синдбодднома»** - аз «Қиссаи Синдбод», аз ҳикояти шаби дуюми шаби чоруми «Алф-ал-лайла ва лайла» оварда шудааст, ба ин маснавй тааллуқ дорад.

**3. «Даврони офтоб»** мебошад, ки мазмуни асосии ин достон ва соли таълифи он маълум нест.

Китоби луғати Рўдакй «Точ-ул-масодир. Фи луғатил-фурс» ном доштааст, ки дар давраи ташаккули забони адабии точикй-дарй тартиб додани луғатро талаб мекард, ки Рўдакй онро навистааст.

Қасидаи мадҳии ў, ки бо номи **«Бўи чўи Мўлиён» ёки «Васфи Бухоро»** машҳур аст, то ба мо ба тариқи нопурра расидааст. Устод С.Айнй қайд мекунанд, ки ин қасида аз беҳтарин ва қасидаҳои мадеҳавй мебошад.

Қасидаи дигари мадеҳавии Рўдакй **«Модари май»** аст. Ин қасидаро дар адабиётшиносй қасидаи ҳамрияи мадҳия низ меноманд. Қасидаи ҳамрия қасидаест, ки ба таърифи май, мачлисҳои базму тараб бахшида шудааст. Аз сабаби он ки дар қисми ташбиби қасида дар 22 байт васфи май ва роҳи тайёр кардани он тасвир ёфтааст, онро ҳамрия меноманд.

Қасидаи дигари Рўдакй бо номи **«Шикоят аз пирй»** шўҳрат дорад. Ин қасида дар айёми пирии шоир, дар айни авчи кашмакашиҳои дарунии давлати Сомониён навишта шудааст. Дар ин қасида Рўдакй лаҳзаҳои муҳимтарини ҳаёти аз сар гузаронидаашро, пастию баландй, шодию ғамҳои худро бо эҳсоси баланд тасвир кардааст. Асоси қасидаро баёни тазоди ҳаёти шоир, гузаштаи ширин ва ҳозираи талхи ин ҳаёти ў ташкил мекунад.

## Панду ҳикмат дар ашъори Рўдакй

Рўдакй қимати амалй ва ҳаётии пандҳои ў дар ин аст, ки аз ҳаёт омўхтанро мероси зиндагии одамон донистааст ва гуфтаи ў дар замони ҳозира қиммати боз ҳам баландтарй кас кард:

Бирав зи тачрибаи рўзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводим туро ба кор ояд.

Рўдакй омўзиши фарҳангро на танҳо барои одами имрўза зарур, балки

дар гузошта ба он эҳтиёҷ доштан ва омӯхтани инсонҳоро низ нисбат кардааст:

> То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
>
> Кас набуд аз роҳи дониш бениёз

Некукорӣ ва дӯстӣ асоси пандҳои хирадмандони шоирест, ки олами ботинии вай беинтиҳост.

> Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
>
> Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигар.
>
> Ҳамчу дарёст, в-аз накӯ корӣ

Як силсила шеърҳои ошиқонаи Рӯдакӣ, ки дар он хаёли бадеӣ ва образнокӣ мақоми баланде дорад, зебоии инсон сароида

> Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу ороро,
>
> Шикаста сунбулу зулфи ту мушку сороро.

Дар ин байтҳо бештар нафосату зебоии шаклу берунӣ-зоҳирии ёр, ки мисли рангҳо ва бӯйҳои хуш дилкашу дилфиреб ва роҳатбахшу ҷонфизо мебошад тасвир ёфтааст. Зебоӣ ҳамчун нафаси баҳор нозук ва дар айни замон беинтиқост. Шоир онро ба баҳр ташбеҳ кардааст, ки дар он тӯфоне, хатаре, ҳамчун офати ҷони ошиқ низ пинҳон аст.

> Рӯят – дарёи ҳусну лаълат-марҷон,
>
> Зулфат-анбар, садаф-даҳон, дурр-дандон.
>
> Абр-пиштиву чини пешонӣ-маву,

Дар боигари [illegible] ан Рӯдакиро “соҳибқирони шои [illegible] номиданд. Ҳамин тавр, шеърҳои Рӯдакӣ аз ҷиҳати зебоӣ, образҳо ва ифодаҳои бадеӣ, вазн ва оҳангнокӣ содда равшан ва равон буда, дар он оҳангнокӣ ва ҳаяҷони ҳиссиёт хеле пурқувват мебошад. Чунин услубро дар гузашта “саҳли мумтанеъ” номиданд.

Абӯабдулло Рӯдакӣ асосгузори **сабки хӯросонӣ** буда намунаи беҳтарини онро эҷод намудааст. Рӯдакӣ бештар дар ду тарзи услуби баён асар эҷод кардааст. **Услуби бадеӣ ва услуби илмӣ.** Ба услуби бадеӣ

шеърҳои лирикӣ ва достонҳо. Ба услуби илмӣ бештар панду ҳикмат ва парчаҳои фалсафӣ кор фармуда шудааст.

Ҳамин тавр Рӯдакӣ баъди истилои араб аввалин шоири бузургест, ки комёбиҳои назми асри 8-9 ро ба пояи баланд бардошта, асоси шеъри нави форсӣ-дариро гузошта, анъанаи хуби онро барқарор кардааст ва барои барқарор шудани забони адабии точик, ки дар мубориза бо ҳукмронии забони араб устувор шудааст, ки дар муборизаи бо ҳукмронии забони араб устувор шудааст, асос гузошт. Вай дар тамоми давраи таърихӣ аз асри X то имрӯз ҳамчун шоири миллӣ ва умумчаҳонӣ аҳамияти бузург дорад.

## Савол *ва супоришот:*

1. ***Тарчумаи ҳол ва ҳаёти шоир.***
2. ***Фаъолияти шоир.***
3. ***Ҳаёти шоир дар дарбори сомониён***
4. ***Маълумот дар бораи қасидаҳои шоир***
5. ***Мавзӯи панду ҳикматҳои Рӯдакӣ.***
6. ***Моҳияти панду ҳикматҳо.***
7. ***Аҳамияти шеърҳои шоир дар замони ҳозира***

| Мавзӯи 8 | **АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ** | Маърӯза |
|---|---|---|

**Модели технологияи машғулоти маърӯзавӣ**

| | |
|---|---|
| *Вақти таълим: 2 соат* | |
| *Сохтори машғулоти таълимӣ / Нақшаи маърӯза.* | 1. Чараёни зиндагии Фирдавсӣ.<br>2. Таълифи “Шоҳнома” ва тақдири он.<br>3. Мазмун ва мундаричаи ғоявии “Шоҳнома”.<br>4. Силсилаи достонҳои “Шоҳнома”. |
| *Мақсади асосии машғулот:* | Принсипҳои таснифоти методҳои анъанавии таълим, маълумоти назарӣ дар бораи мафҳуми метод, шакл ва намудҳои методҳои анъанавии таълим, гурӯҳи методҳои анъанавии таълим, методҳои анъанавии таълим ва мушаххасоти онҳо, мавқеи методҳои анъанавии таълим дар дарсҳои адабиёти точик, роҳ ва усулҳои тадбиқи методҳои анъанавӣ дар чараёни таълими таърихи адабиёти точик, афзалият ва нуқсонҳои ин методҳо. |
| *Вазифаҳои педагогӣ:* | *Натичаи фаолияти таълим:* Моҳияти асосии мафҳуми методи анъанавии таълим, таснифоти методҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, фаҳмиши методҳои таълим, методҳои шифоҳии таълим, методҳои мантиқии таълим, методҳои психологӣ ва педагогии таълим, методҳои илюстративӣ, методҳои демонстратсионӣ, аҳамияти методҳои анъанавӣ дар чараёни таълими адабиёти точик, маврид ва тарзу равиши истифодаи методҳои анъанавии таълим, шарҳ ва тафсири хусусиятҳои асосии методҳои анъанавии таълим, маърӯза ва хусусиятҳои муҳимтарини он, афзалият ва нуқсонҳои методҳои анъанавӣ, дарачаи мутобиқати методи анъанавии таълим дар чараёни таълими адабиёти точик ва тамоюлоти асосии он, принсипҳои истифодабарии модели анъанавии таълим ва методҳои асосии он дар чараёни таълими адабиёти точик. |
| *Методҳои таълим:* | Маъруза, мулоқот , ҳучуми ақлӣ, савол у чавоб, мунозира |
| *Шаклҳои ташкил намудани фаолиятихониш:* | Чамоа, бо гурӯҳҳо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърӯза, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, кластер, скелети моҳӣ, чадвали инсерт, диаграмммаҳо. |

| | |
|---|---|
| *Методҳои баръакс ва роҳу равиши он, хулосаҳои чамъбастӣ, илмӣ ва мантиқӣ:* | Кластер, саволу чавоби даҳонӣ, мулоқот |

**Харитаи технологии машғулоти таълимӣ**

| *Зинаҳои асосии таълим* | ***Мазмуни фаъолият*** | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал.*<br>*Муқаддима ва қисми ташкилӣ.*<br>*(10 дақиқа)* | 1.1.Мақсад, маором ва моҳияти асосии мавзӯъ ва натичаҳои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосӣ.*<br>*(60 дақиқа)* | 2.2. Дар бораи мавзӯи нав нуктаҳои асосӣ, истилоҳоти тоза ва мафҳумҳои муҳимро таъкид менамояд;<br>дар бораи омӯзиши мавзӯъ рӯйхати адабиётҳои асосӣ ва иловагӣ эълон карда мешавад;<br>дар бораи омӯзиши мавзӯи нав замина муҳайё карда мешавад;<br>мазмун, мақсад ва моҳияти мавзӯъ аз чониби муаллим фаҳмонда мешавад;<br>мавзӯъ ба як чанд қисми асосӣ тақсим карда мешавад;<br>бобати омӯхтани мавзӯъ вазъиятҳои муаммой мавриди муҳокима қарор дода мешавад ва дар бораи роҳҳои ҳали онҳо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br>Ҳар як қисми мавзӯъ дар асоси пайвандии мантиқӣ бо ҳамдигар дар вобастагӣ ҳал карда мешавад, слайдҳое, ки моҳияти мавзӯъро дар худ акс кунонидаанд ташреҳ дода мешавад ва дар ҳамин замина асбобҳои айёнӣ, кластерҳо ва жадвалҳо бамаврид шарҳ дода мешаванд;<br>қисматҳои асосӣ ва нуктаҳои мураккаби мавзӯъ такрор ба такрор фаҳмонида мешавад; | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд,ба мулоқот ворид мешаванд, дар бораи масъалаҳои асосии мавзӯъ муносибатҳои шахсии худро баён менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| | дар чараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кӯҳна то ба маълумоти наву тоза ботадрич, дар сурати оҳиста зина ба зина мегузарад; дар чараёни маърӯза аз методҳои интерфаъол ва анъанавӣ истифода бурда мешавад;<br><br>дар чараёни маърӯза муносибати баръаксро мунтазам барқарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва чавобҳои мухталиф истифода бурда мешавад; | |
| *Зинаи саввум:*<br><br>*Ниҳой – Чамъбасти натичаҳо.*<br><br>*(10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзӯъ хулоса менамояд, ба нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ диққати толибилмонро бори дигар чалб менамояд.<br><br>3.2. Фаъолияти гурӯҳ ва ё фаъолияти иштирокчии алоҳида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосаҳо эълон карда мешаванд.<br><br>3.3. Дарачаи ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ноил гардидан ва муҳиммияти мавзӯъ дар амал таҳлил карда ва арзиш дода мешавад.<br><br>3.4. Дар асоси мавзӯъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | Дар ин қисмати дарс худро баҳо додан, санчидани донишҳои худ, бо саволҳо мӯрочиат намудан мумкин аст. |

## Чараёни зиндагии Фирдавсӣ

Номаш Мансур, номи падараш Ҳасан аст. Лақаби фаҳоиаш «Абулқосим» тахаллуси шоиронаш «Фирдавсӣ» мебошад. Фирдавсӣ соли 934 дар деҳаи Бож, Воияи Разон, ноҳияи Табарон, музофоти Тӯси кишвари Хӯросон таваллуд шудааст. Фирдавсӣ соҳиби замину боғ будааст, ки ба ӯ аз падар мерос монда буд, Фаъолияти адабии Фирдавсӣ чӣ навъе дида мешавад, дар асри Х ба вучуд омада, дар ҳамаи аср такомил ёфтааст. Асоси асари човидонаи ӯ «Шоҳнома» низ дар асри Х гузошта шуда буд. Бинобар он осори Фирдавсиро мумкин аст, асосан маҳсули асри Х самараи бедории миллӣ-халқӣ точик ва дигар мардуми Мовароуннахр ва Хӯросон ҳисоб кард.

Соли навиштани «Шоҳнома» маълум нест ва аз рӯи маълумоте, ки дар болои «Шоҳнома» сӣ сол кор кардааст. Фирдавсӣ тахминан дар 58 солагӣ (992) варианти аввали назми «Шоҳнома» ро ба анчом расонидааст ва умед кардааст, ки ин нома ёдгории абадӣ аз ӯ хоҳад монд. Ин солҳо айёми замони задухӯрдҳои дохилии давлати Сомониён буд. Чӣ тавре ки худи Фирдавсӣ хотирнишон сохтааст, ӯ «Шоҳнома»-ро ба шоҳон пешкаш менамуд. Аммо дар солҳои навадуми асри Х Фирдавсӣ дар тахти амирони Сомонӣ ва кишвари Хӯросон каси арзандаеро намедид, ки ӯ сазовори ин «Шоҳнома» бошад ва мачбур шудааст, ки «Шоҳнома»-ро ба касе носупорида, бист сол сабр кунад, “Шоҳнома”-ро ба Маҳмуд Ғазнавӣ пешниҳод кард ва се бор “Шоҳнома”-ро аз нав кор карда баромад ва ба қасидаи муносиб ба номи Султон Маҳмуд навишт. “Шоҳнома” ба шоҳ ва шоирони маддоҳи дарбораш маъқул нашуд, вале ҳам барои наранчондани шоири куҳансол ва ҳам барои шӯҳрати ӯро боло

набардористан ба ӯ инъоми ночизе – ба қавли тазкиранависон  бист ҳазор дирҳам танга ҳаққи қалам додааст.

## Мероси адабӣ:

Мероси адабии шоири бузург аз достони «Шоҳнома», «Мадҳия ба Султон Маҳмуд» ва қасидаи ҳачвия иборат аст. Микдори байтҳои «Шоҳнома» ро Фирдавсӣ дар ҳачми 60 ҳазор байт – 120 мисраъ муайян  кардааст.

### “Шоҳнома” аз қисматҳои зерин иборат аст:

**«Шоҳнома» аз муқаддима ва се қисми асосӣ иборат аст**. Дар муқаддима ҳамду ситоиш, гуфтор андар хирад, офариниши чаҳон ва мардум, офтор ва моҳ, ситоиши пайғамбарон дохил шудааст.

**Қисми якуми** «Шоҳнома» аз мубориза ду қувваи асосии чаҳон Аҳурамаздо – Ҳурмиз ва Аҳриман.

**Қисми дуюми** «Шоҳнома» аз он сар мешавад, ки Фаридун  абераи худро ба тарбияи Сом, ки аз феодали бузурги Сиистон буд, месупорад.

**Қисми сеюм** давраи таърихӣ аст, ки дар он давраи сулолаи Хоҳаманишиҳо ё ки Каёниён, мағлуб шудани охирин подшоҳи ин сулола Доро ва Эронро забт кардани Искандар тасвир

### Ғояи асосии “Шоҳнома”

**Ғояи асосии «Шоҳнома»** мубориза барои озодӣ, хушбахтӣ ва осудаҳолии инсонҳо, ғалабаи аҳлу дониш бар чаҳолат, истиқлолияти ватан ва халқ, мубориза барои ба вучуд овардан ва нигоҳ доштани давлати ягона аст. Ҳамаи ин дар сар то сари «Шоҳнома» давом мекунад, вале бо мағлубияти онҳо тамом шудааст.

Чӣ Дақиқӣ ва чӣ Фирдавсӣ дар навиштани «Шоҳнома»-и худ аз сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва фолклорӣ фоида бурдаанд.

**Сарчашмаҳои асосии “Шоҳнома”:**

**Мифология ва афсонаҳои қадими халқӣ**

Бештарини онҳо  дар китоби «Авесто» чамъоварӣ карда шудаанд. Масалан, афсонаҳоро дар

## Савол ва супоришот:

1. *Доир ба чараёни зиндагии Фирдавсӣ маълумот диҳед.*
2. *Таълифи “Шоҳнома” ва тақдири он.*
3. *Мазмун ва мундаричаи ғоявии “Шоҳнома”.*
4. *Тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар образҳои мусбии асар.*
5. *Силсилаи достонҳои “Шоҳнома”-ро номбар намоед.*
6. *Аҳамияти «Шоҳнома” дар замони мо.*

**Мавзӯи** | **Тарчимаи ҳол ва мероси адабии Низомӣ** | **Маърӯза**

**Модели технологияи машғулоти маърӯзавӣ**

| *Вақти таълим: 2 соат* | |
|---|---|
| *Сохтори машғулоти таълимӣ / Нақшаи маърўза.* | 1. Чараёни зиндагӣ ва мероси адабии Низомӣ.<br>2. "Ҳамса"-и Низомӣ ва таркиби он.<br>3. Мавзўъ ва мазмуни ғоявии маснавиҳои "Ҳамса"<br>4. Фарқи «Ҳамса»- и Ганчавӣ аз "Ҳамса"-и шоирони дигар. |
| *Мақсади асосии машғулот:* | Маълумоти назарӣ ва амалӣ дар бораи моделҳои нави таълим. Муайян кардани мавқеи модели наву ноанъанавии таълим дар чараёни таълими ҳамагонӣ, мафҳуми дарси ноанъанавӣ ва айнияту тафовутҳои он аз дарси ноанъанавӣ, нишон додани арзиши дарсҳои ноанъанавӣ дар таълими адабиёти точик, таснифи методҳои асосии дарсҳои ноанъанавӣ, афзалият ва нуқсонҳои ин методҳо. |
| *Вазифаҳои педагогӣ:* | *Натичаи чараёни таълим:* Моҳияти асосии мафҳуми методи ноанъанавии таълим, таснифоти методҳои ноанъанавӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, фаҳмиши моделҳои ноанъанавии таълим, методҳои мантиқии ноанъанавии таълим, методҳои психологӣ ва педагогии таълим, методҳои илюстративӣ ва методҳои демонстратсионӣ дар моделҳои нонаъанавии таълим, аҳамияти методҳои ноанъанавӣ дар чараёни таълими адабиёти точик, маврид ва тарзу равиши истифодаи метод ва моделҳои ноанъанавии таълим, шарҳ ва тафсири хусусиятҳои асосии методҳои ноанъанавии таълим афзалият ва нуқсонҳои методҳои ноанъанавӣ, дарачаи мутобиқати методи ноанъанавии таълим дар чараёни таълими адабиёти точик ва тамоюлоти асосии он, принсипҳои истифодабарии модели ноанъанавии таълим ва методҳои асосии он дар чараёни таълими адабиёти точик. |
| *Методҳои таълим:* | Маъруза, мулоқот , ҳучуми ақлӣ, мунозара, сўҳбат, савол у чавоб, мунозира |
| *Шаклҳои ташкил намудани фаолиятихониш:* | Чамоа, бо гурўҳҳо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърўза, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, кластер, скелети моҳӣ, чадвали инсерт, диаграммmaҳо. |

| | |
|---|---|
| *Методҳои баръакс ва роҳу равиши он, хулосаҳои чамъбастӣ, илмӣ ва мантиқӣ:* | Кластер, саволу чавоби даҳонӣ, мулоқот |

**Харитаи технологии машғулоти таълимӣ**

| *Зинаҳои асосии таълим* | ***Мазмуни фаъолият*** | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал.*<br><br>*Муқаддима ва қисми ташкилӣ.*<br><br>*(10 дақиқа)* | 1.1.Мақсад, мааром ва моҳияти асосии мавзӯъ ва натичаҳои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосӣ.*<br><br>*(60 дақиқа)* | 2.2. Дар бораи мавзӯи нав нуктаҳои асосӣ, истилоҳоти тоза ва мафҳумҳои муҳимро таъкид менамояд;<br><br>дар бораи омӯзиши мавзӯъ рӯйхати адабиётҳои асосӣ ва иловагӣ эълон карда мешавад;<br><br>дар бораи омӯзиши мавзӯи нав замина муҳайё карда мешавад;<br><br>мазмун, мақсад ва моҳияти мавзӯъ аз чониби муаллим фаҳмонда мешавад;<br><br>мавзӯъ ба як чанд қисми асосӣ тақсим карда мешавад;<br><br>бобати омӯхтани мавзӯъ вазъиятҳои муаммой мавриди муҳокима қарор дода мешавад ва дар бораи роҳҳои ҳали онҳо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br><br>Ҳар як қисми мавзӯъ дар асоси пайвандии мантиқӣ бо ҳамдигар дар вобастагӣ ҳал карда мешавад, слайдҳое, ки моҳияти мавзӯъро дар худ акс кунонидаанд ташреҳ дода мешавад ва дар ҳамин замина асбобҳои айёнӣ, кластерҳо ва жадвалҳо бамаврид шарҳу эзоҳ дода мешаванд;<br><br>қисматҳои асосӣ ва нуктаҳои мураккаби | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд,ба мулоқот ворид мешаванд, дар бораи масъалаҳои асосии мавзӯъ муносибатҳои шахсии худро баён менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| | мавзўъ такрор ба такрор фаҳмонида мешавад; дар чараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кўҳна то ба маълумоти наву тоза ботадрич, дар сурати оҳиста зина ба зина мегузарад; дар чараёни маърўза аз методҳои интерфаъол ва анъанавй истифода бурда мешавад;<br><br>дар чараёни маърўза муносибати баръаксро мунтазам барқарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва чавобҳои имухталиф истифода бурда мешавад;<br><br>дар асоси ҳар як қисмати дарс хулосаи чамъбастй ва мантиқй бароварда мешавад. | |
| *Зинаи саввум:*<br><br>*Ниҳой – Чамъбасти натичаҳо.*<br><br>*(10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзўъ хулоса менамояд, ба нуктаҳои муҳимтарини мавзўъ диккати толибилмонро бори дигар чалб менамояд.<br><br>3.2. Фаъолияти гурўҳ ва ё фаъолияти иштирокчии алоҳида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосаҳо эълон карда мешаванд.<br><br>3.3. Дарачаи ба мақсадҳои муайяни таълимй ноил гардидан ва муҳиммияти мавзўъ дар амал таҳлил карда мешавад, ва арзиш дода мешавад.<br><br>3.4. Дар асоси мавзўъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | Дар ин қисмати дарс худро баҳо додан, санчидани донишҳои худ, бо саволҳо мўрочиат намудан мумкин аст. |

## *Тарчимаи ҳоли Низомй*

Чалолиддин Илёс бинни Юсуф Низомии Ганчавй аз шоирони номи достонсарои асри XII Эрону Озарбайчон мебошад. Худи ў модарашро мансуб ба халқи курд ба қалам додаст.

Гар модари ман раисаи курд,

Модарсифатона пеши ман мурд.

Дар бораи маҳалли товаллуди ӯ фикрҳо мухталиф аст. Яке шаҳри Гунчаро (Кирабоди ҳозираи Озарбайжон)-ро дигаре, деҳаи Тафраши Кӯҳистони шаҳри Қум (Эрони Шимолӣ)-ро зодгоҳи ӯ донистанд ва ин байтҳоро аз номи ӯ нақл кардааст:

Ақидае ҳаст, ки падару модари ҳ барои зиндагӣ кардан аз Эрони Шимолӣ ба Ганча хичрат кардаанд ва ӯ низ ҳмроҳи онҳо омадааст. Пас, чои таваллуд Тафраш буда, чои зиндагии доимӣ ва дафнаш Ганча аст:

Низомӣ аз хурдӣ аз падар чудо шуда, бори зиндагиро ба сари худ афтода буд. Тарб фарзандонро модараш ба зима гирифтааст ва ин таассурот дар асарҳои Низомӣ нақши муаі дорад. Вай бо ёрии модараш таҳсили мадраса кардааст ва аз илмҳои фалсафаи исл «калом», «риёзиёт» ва фанни Юнон бохабар будааст. Дар баробари ин косиби шоҳибо касби падаристро низ ихтиёр кардааст.

Вай аз шоирони номии замонаш бо Ҳоқонӣ дӯстӣ доштааст. Ӯ ҳамиша дар шаҳри Ганча зиндагӣ карда, ба чуз як бор аз шаҳри худ берун нарафтааст.

Муҳаққиқон дар сини ҳаштоду чорсолагӣ вафот ёфтани ӯро қайд кардаанд. Мақбараи боҳашамати Низомӣ ҳоло зиёратгоҳи оламиён аст.

### ***Мероси адабӣ***

Он чӣ Низомиро машҳури чаҳон гардонидааст, як маснавӣ ва чор достони ӯст, ки «Ҳамса» ном дорад.






**«Махсан-ул-асрор».** Маснавии «хазинаи сирҳо», ки дар худуди 2260 байт буда, ба Фаҳоиддини Баҳромшоҳ (1225) подшоҳи Арзангон, ки тобеи султони Салчуқин Осиёи Хурд Қилич Арслон буд, бахшидааст. Он соли 1274 таълиф шудааст.

Маснавии мазкур аз чиҳати ғоявӣ як навъ тазмин ба асари сӯфии асри XI-XII Саноии Ғазнавӣ "Ҳадиқат ул-ҳақойиқ" аст. Маснавӣ аз бист мақола иборат буда, сюжети ягона надорад ва аз масъалаҳои чугонаи ақидавӣ иборат аст. Ин асар аз қисми муқаддимавӣ анъанавӣ, қисми асосӣ ва хотима иборат.

Дар муқаддима ситоиши худову муночот, се наъти пайғамбар, сифати меъроч, дар бораи сухани манзум ва одоб, шинохтани ҳақ ва чор масъалаи дигари сӯфиёна аз қабили расидон ба пири ҳақиқӣ, мақоми лоҳут (нести) ва ғайра баҳс менамояд.

**Достони «Хисраву Ширин».** Низомӣ ба василаи маснавии «Махзан-ул-асрор» ҳамчун шоири носеҳ, порсо ва хирадман ном баровард. Ҳокими Дарбанд канизеро тӯҳфа фиристод, вале аз вафоти бемаҳали ӯ шоири инсондӯст дар дил хун дошт. Вай ҳиссиёти дӯстдории худро дар достони «Хисраву Ширин» дар тимсоли Офоқ акс кунонд ва дар тимсоли Ширин Офоқи худро тасаввур кунонидааст.

Достони «Хисрав ва Ширин» дар соли 1184 ба номи Атобак Шамсиддин Муҳаммад чаҳонпаҳлавони Элдигиз ба назм даровардааст. Қиссаи «Хисрав ва Ширин» и аз қиссаҳои давраи охирини хонадони подшоҳони сосанӣ буда, дар китоби «Ал-маҳосин ва ал-аздод»-и нависандаи араб, Чоҳиз «Ал-ахбор-ул-мулук-улфурс»-и Саолиой, ва «Шоҳнома» и Фирдавсӣ нақл ёфтааст.

Дар китобҳо Ширин канизаки арманӣ буда, баъд аз занони ҳарамсарои Хисрав зикр ёфтааст. Аммо дар достони Низомӣ шоҳдухтари Арман аст. Миқдори умумии байтҳои достон 6550 аст. Достон дотсони ишқӣ буда, дар бораи ишқи Хисраву Ширин меравад.

**Лайлӣ ва Мачнун.** Дар соли 1188 намояндаи саворaи подшоҳи Шервоншоҳӯ Абдулмуззафар Ахситон ба назди Низомӣ омад ва аз номи ҳокими худ арз кард, ки қиссаи «Лайлӣ ва Мачнун»ро ба назм даровард. Дар мактуб таъкид шудааст, ки шоҳ ба қадрешиносии асари шоир рафтори туркона нахоҳад кард. Аз он сабаб ки ӯ аз насаби баланди аристократияи эронист, ба ӯ сухани баландсанъати баландмазмун бояд гуфт:

Низомӣ қиссаи «Лайлию Мачнун»-ро дар соли 1188 дар муддати камтар аз чор моҳ дар ҳачми 4700 байт анчом расонид. Достон аз муқаддима, сюжети асосӣ ва хотима иборат аст. Сюжети достон аз 57 боб в аду ҳикоя иборат аст. Сюжети асосии достон аз ошиқии Мачнун (Қайс) ба Лайлӣ дар мактаб иборат аст.

Қаҳрамонҳои асосии достон Лайлӣ, Мачнун. Мачнун писари ягонаи Сайид Омирӣ аст. Вай чун як чавони покизаахлоқ, некусифат, якишқа, аз ҳама чиз ишқи худро боло мегузорад. Образи Лайлӣ духтари зоҳиран зебо ва ботинан покест, ки танҳо як ишқро медонад ва дар сидқу вафо устувор аст.

**Достони «Ҳафт пайкар».** Низомӣ дар назми ин достон аз нав дунёи қадим мӯрочиат кардааст. Ӯ асари мазкурро дар соли 1197 ба номи Алоуддин Карн Арслон- подшоҳи Мароға ба анчом расинидааст. Низомӣ ин достонро дар ҳачми 5136 байт хотима додаст. Ин дар таърих ба номи «Баҳромнома» ва «Ҳафт пайкар» низ машҳур аст.

Сюжети «Ҳафт пайкар» аз қиссаҳои давраи асосии буда пеш аз Низомӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст. Аммо Низомӣ онро аз нав пур кард ва бо он лаҳзае, ки пешгузаштаи худ эътибор надода буд, назари ошиқ кард вале хизмати Фирдавсиро фаромуш накардааст.

Во

Қаҳрамони асосии достон танҳо худи Баҳром буда, персонажҳои эпизоди вобаста

ба кушодани ин ё он хислати қаҳрамони асар оварда шудааст. Аз ин рӯ достон аз Баҳроми Гӯр оғоз ёфта, ба ғайб задании ӯ дар ғор анчом меёбад.

**Достони «Искандарнома».** Ин достон дар «Ҳамса»-и Низомӣ чои панчумро ишғол кардааст. «Искандарнома» солҳои 1200-1201 нишон дода шудааст.

Қисми аввали достон, ки «Иқболнома» аст, ба писари Чаҳон Паҳлавони илди Нусратаддин Бешкин бахшида шудааст. Қисми дуюм достон «Шарафнома» аст. Дар ин к номи ҳокими Мусул малик Масъуд зикр шудааст. Дар болои ин асар аз сабаби заъфи пир беморӣ якчанд сол кор кардааст.

Низомӣ барои эчоди асари мазкур вариантҳои гуногунии қисса оид ба Искандарро хондааст, вале онҳоро чамъ карда достони худро аз асарҳои дигари оид ба Искандар афзал дониста, хостааст, ки чунин асаре офарид, ки на ба як гурӯҳи халқ, масал ба аристократия балки ба ҳамаи халқ хизмат кунад.

Сюжети мухтасари «Искандарнома» аз он иборат, ки дар Юнон Македония Файлақус ном шоҳи чавон буд, ки ба шоҳ Дорои Эрон хироч медод, вале вакте, ки Искандар шоҳ меравад саркаши мекунад. Аз он рӯзе, ки Искандар дар даргоҳи падарш Файлақус калон мешавад то давраи камолот тасвир ёфтааст.

Чанги байни Дорову Искандар, ба худ тобеъ кардани давлатҳои Осиёи Миёна, зангири Искандар ба духтари суғдӣ Равшанак инъикос ёфтааст. Образи Сикандар аз хурдӣ бачаи хушёру зирак, ки ба бозиву илмҳои дунё ҳавас дошт, тасвир ёфтааст. Ҳамин тавр, Искандар ба муқобили Доро шоҳи одил, раиятпарвар ва озодиоварандаи қхо маънидод шудааст.

Искандар дар масъалаи эътиқод ба эрониён зулм кард, зеро оташкадаро сӯхт, динашро таъқиб кард, табиист, ки пайравони дини зардӯштиро, ки дини миллӣ, низ таъқиб намуд кушт.

## Савол ва супоришот:

1. ***Чараёни зиндагӣ ва мероси адабии Низомӣ.***
2. ***“Ҳамса”-и Низомӣ ва таркиби он.***
3. ***Мавзӯъ ва мазмуни ғоявии маснавиҳои “Ҳамса”***
4. ***Фарқи «Ҳамса»- и Ганчавӣ аз “Ҳамса”-и шоирони дигар.***

**Мавзӯи 6** | **Низомиддин Убайди Зоконӣ (ваф. 1370)** | **Маърӯза**

### Модели технологияи машғулоти маърӯзавӣ

| *Вақти таълим: 2 соат* | |
|---|---|
| *Сохтори машғулоти таълимӣ* / ***Нақшаи маърӯза.*** | 1. Зиндагӣ ва осори Убайди Зоконӣ.<br>2. Дарачаи омӯхта шудани Убайди Зоконӣ дар адабиётшиносии точик.<br>3. Тарчимаи ҳоли Убайди Зоконӣ.<br>4. Зиндагии ӯ дар Шероз ва Бағдод.<br>5. Рӯзгори бенавоёнаи шоир дар давраи пирӣ.<br>6. Мероси адабии Убайд. Таркиби куллиёти ӯ. |
| *Мақсади асосии машғулот:* | Принсипҳои таснифоти методҳои анъанавии таълим, маълумоти назарӣ дар бораи мафҳуми метод, шакл ва намудҳои методҳои анъанавии таълим, гурӯҳи методҳои анъанавии таълим, методҳои анъанавии таълим ва мушаххасоти онҳо, мавқеи методҳои анъанавии таълим дар дарсҳои адабиёти точик, роҳ ва усулҳои тадбиқи методҳои анъанавӣ дар чараёни таълими таърихи адабиёти точик, афзалият ва нуқсонҳои ин методҳо. |
| *Вазифаҳои педагогӣ:* | *Натичаи фаолияти таълим:* Моҳияти асосии мафҳуми методи анъанавии таълим, таснифоти методҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, фаҳмиши методҳои таълим, методҳои шифоҳии таълим, методҳои мантиқии таълим, методҳои психологӣ ва педагогии таълим, методҳои илюстративӣ, методҳои демонстратсионӣ, аҳамияти методҳои анъанавӣ дар чараёни таълими адабиёти точик, маврид ва тарзу равиши истифодаи методҳои |

| | |
|---|---|
| | анъанавии таълим, шарҳ ва тафсири хусусиятҳои асосии методҳои анъанавии таълим, маърӯза ва хусусиятҳои муҳимтарини он, афзалият ва нуқсонҳои методҳои анъанавӣ, дарачаи мутобиқати методи анъанавии таълим дар чараёни таълими адабиёти точик ва тамоюлоти асосии он, принсипҳои истифодабарии модели анъанавии таълим ва методҳои асосии он дар чараёни таълими адабиёти точик. |
| *Методҳои таълим:* | Маъруза, мулоқот , ҳучуми ақлӣ, савол у чавоб, мунозира |
| *Шаклҳои ташкил намудани фаолияти хониш:* | Чамоа, бо гурӯҳҳо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърӯза, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, кластер, скелети моҳӣ, чадвали инсерт, диаграмммаҳо. |
| *Методҳои баръакс ва роҳу равиши он, хулосаҳои чамъбастӣ, илмӣ ва мантиқӣ:* | Кластер, саволу чавоби даҳонӣ, мулоқот |

**Харитаи технологии машғулоти таълимӣ**

| *Зинаҳои асосии таълим* | ***Мазмуни фаъолият*** | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал.*<br>*Муқаддима ва қисми ташкилӣ.*<br>*(10 дақиқа)* | 1.1.Мақсад ва моҳияти асосии мавзӯъ ва натичаҳои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосӣ.*<br>*(60 дақиқа)* | 2.2. Дар бораи мавзӯи нав нуктаҳои асосӣ, истилоҳоти тоза ва мафҳумҳои муҳимро таъкид менамояд;<br>дар бораи омӯзиши мавзӯъ рӯйхати адабиётҳои асосӣ ва иловагӣ эълон карда мешавад;<br>дар бораи омӯзиши мавзӯи нав замина муҳайё | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯрочиат менамоянд,ба мулоқот ворид мешаванд, дар бораи |

| | | |
|---|---|---|
| | карда мешавад;<br><br>мазмун, мақсад ва моҳияти мавзӯъ аз чониби муаллим фаҳмонда мешавад;<br><br>мавзӯъ ба як чанд қисми асосӣ тақсим карда мешавад;<br><br>бобати омӯхтани мавзӯъ вазъиятҳои муаммой мавриди муҳокима қарор дода мешавад ва дар бораи роҳҳои ҳали онҳо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br><br>Ҳар як қисми мавзӯъ дар асоси пайвандии мантиқӣ бо ҳамдигар дар вобастагӣ ҳаллу фасл карда мешавад, слайдҳое, ки моҳияти мавзӯъро дар худ акс кунонидаанд ташреҳ дода мешавад ва дар ҳамин замина асбобҳои айёнӣ, кластерҳо ва жадвалҳо бамаврид шарҳу эзоҳ дода мешаванд;<br><br>қисматҳои асосӣ ва нуктаҳои мураккаби мавзӯъ такрор ба такрор фаҳмонида мешавад; дар чараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кӯҳна то ба маълумоти наву тоза ботадрич, дар сурати оҳиста зина ба зина мегузарад; дар чараёни маърӯза аз методҳои интерфаъол ва анъанавӣ истифода бурда мешавад;<br><br>дар чараёни маърӯза муносибати баръаксро мунтазам барқарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва чавобҳои имухталиф истифода бурда мешавад;<br><br>дар асоси ҳар як қисмати дарс хулосаи чамъбастӣ ва мантиқӣ баровarда мешавад. | масъалаҳои асосии мавзӯъ муносибатҳои шахсии худро баён менамоянд. |
| *Зинаи саввум:*<br><br>*Ниҳой – Чамъбасти натичаҳо.*<br><br>*(10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзӯъ хулоса менамояд, ба нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ диққати толибилмонро бори дигар чалб менамояд .<br><br>3.2. Фаъолияти гурӯҳ ва ё фаъолияти иштирокчии алоҳида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосаҳо эълон карда мешаванд.<br><br>3.3. Дарачаи ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ноил гардидан ва муҳиммияти мавзӯъ дар амал | Дар ин қисмати дарс худро баҳо додан, санчидани донишҳои худ, бо саволҳо мӯрочиат намудан |

| | | |
|---|---|---|
| | таҳлил карда ва арзиш дода мешавад.<br>3.4. Дар асоси мавзўъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | мумкин аст. |

## Фикрҳои муқаддимавй

Убайди Зоконї дар дењаи Зокони атрофи Ќазвин, дар оилаи вазири собиќ таваллуд шудааст. Тањсили ибтидоиро дар Зокон, олї-мадрасагиро дар Баѓдод гирифтааст. Баъди хатми мадраса ба мансаби ќозигї таъин мешавад. Инро як шеъраш, ки дар он аз њар гўшаву канори мулк ба вай расидани пешкашу инъомњо ишора шудааст, ба восита гўё тасдиќ тасдиќ мекунад. Аммо ба сабаби ба мо номаълум аз мансаб озод шуда, муддате бисёр ќашшоќона зистааст.

Нест дар дастам кунун аз хушку тар,
З-он чї ваќте дар шуморо омадї
Ѓайри ман дар хонам чизе намонд,
Њам намондї гир ба коре омадї.

Убайди Зоконї соли 1329 дар мавзўи панду њикмат ба забони арабї бо номи «Наводир-ул-амсол» навишта, ба дарбори Султон Абўсаиди Элхонї (1315-1335) бурд, вале он ќабул нашуд. Убайд донист, ки њокимони давр барои кайфу сафо, айшу ишрат, ба масхарабозњо, хонандаву навозандаву раќќосњо бештар ниёз доранд, на ба донишмандон:

Эй хоља, макун то битавонї талаби илм,
К-андар талаби ротиби њаррўза биминї.
Рав масхарагї пеша куну Мутрибї омўз,
То диди худ аз мењтару кењтар бистонї.

Убайд соли 1341 аз Боѓдод ба Шероз омада, ба хидмати дарбори Хоља Абўисњоќи Инљуй (1340-1354) даромад. Ў дар дарбор бештар ба навиштани ќасидањои мадњия машѓул шуд. Муњити дарбор фаъолияти эљодии њаљвии ўро мањдуд карда буд. Солњои хидмат дар доираи адабии Хоља Абўисњоќ ва Шоњшуљоъ солњои нисбатан осудаи њаёти Убайд буданд.

Аммо соли 1353 њокими вилояти Кирмон Муборизиддин ибни Муњаммад Шерозро гирифт. Абўисњоќ гурехт. Муборизиддин амири золим, мутаассиб буда, бо маслињати рўњониёни иртиљої кор мебурд. Вай доираи адабии Шерозро пароканда кард. Њаёти одамони озодфикру поквиљдон зери хавф монд. Убайд барои худро аз хавфи њуљум ва таъќиби љањолатпарастон омон дида «ќасидаи узрхоњї ва авфи гуноњ» ба номи Муборизиддин навишта, аз њолати танг, ѓарибї, орзуи ёру диёр ва сахтии зиндагиаш шикоят карда, марњамат хостааст. Вале маъзарат ва аљзу ниёзи Убайд фоидае надод, охир маљбур Шерозро тарк кунад.

Роњи Боѓдодро, ки нисбатан осоишта буд, пеш гирифт. Ў соли 1356 аз Шероз дилу бедилон, пешомадро надониста бод или кашол ба Шероз ба сафар баромад. Пораи шеъри зерин далели рўњияи онрўзаи шоир аст:

Рафтам аз хиттан Шерозу ба љон дар хатарам,
Ваз к-аз ин рафтани ночор чї ояд ба сарам?!
Меравам дастзанон бар сару по андар гил,
З-ин сафар то чї шавад њолу чї ояд ба сарам?

Убайд дар Боѓдод ба доираи адабии дарбори султон Увайси Љалоирї (1354-1373) мурољиат кард ва бинобар ин баъзе ќасидањои мадњияаш ба номи ўст. Дар Боѓдод ањли дарбори султон Убайдро наѓз напазируфтанд, зеро аз як тараф бо доираи адабии Шероз раќобат доштанд ва аз тарафи дигар аз њаљвњои љон гудозаш ранљидахотир буданд ва метарсиданд. Салмони Соваљї, ки малик-уш-шуарои доираи адабии ин дарбор буд ва эътибори калон дошт. Убайдро дар ќитъае њаљв кард:

Љањоннамию њиљогў Убайди Зоконї,
Муќаррар аст ба бедавлатию бединї.
Агарчи нест зи Ќазвину рустазод аст,
Валек мешавад андар њадис Ќазвинї.

Убайдро, ки бе даъват ба Боѓдод омада буд, аз рўи таъна «гадои Боѓдод», «сару по бараҳнаи Шероз» меномиданд. Худи Убайд њам ба ин ишорате дорад:

З-ин касе будем, имрўз дар ин кишвар,
Мо љумраи[22] Боѓдодем, мо биграви[23] Шерозем.

Њамсўњбатии одамони доираи адабии Боѓдод ба Убайд њам маъќул наафтод. Вай ин љо худро бегона њис мекард ва ёру диёрашро бо њасрат ба ёд меовард:

Гузида сўњбати бегонагон, ногањон,
Зи ќавми кишвару ањли табори худ.

Илова бар инњо султон Увайс ба Убайд ягон кўмак нарасонд.

Дар ин ваќт дар Шероз табаддулоти давлатї рўй дод: соли 1359 писари Муборизиддин – Шоњшуљоъ падарашро аз салтанат барафканда, ба тахт нишаст. Дар Шероз ањвол андаке бењтар шуд. Убайд аз Баѓдод боз ба Шероз омад ва дар дарбори Шоњшуљоъ худ оромї ёфт. Дар ашъори Њофиз ва Убайд Шоњшуљоъ ба сифатњои хуб ситоиш шудааст. Дар ин муддат муносибати Шоњшуљоъ бо бародараш Шоњмањмуд вайрон шуда, Шоњмањмуд бо ёрии асарони муѓул ба Шероз њуљум карда, Шоњшуљоъро аз шањр танг карда баровардааст. Убайд ба муносибати ин мењмонњои нохонда шеъре навишта, аскарони муѓул ва Шоњмањмудро сарзаниш кардааст:

---

[22] Љумра – гадо.
[23] Биграв – табоњ, вазоеъ.

Ин кист, ки боз пеши мо меояд?
Чун мо-ш нахондем, чаро меояд?
Ин тўдаи вањшат зи куљо мељунбад?
В-ин вазъи мукаррар зи куљо меояд?

Шоњшуљоъ маљбуран чанд ваќт ба вилояти Кирмон рафт ва Убайдро низ њамроњ бурд. Шоњшуљоъ соли 1367 дубора фатњ кард ва Убайд боз ба Шероз баргашт.

Солњои охири умри Убайд чандин равшан нест, вале аз ќасидае, ки ба муносибати Исфањонро фатњ кардани Шоњшуљоъ навиштааст, соли 1367 дар ќайди њаёт будани ў маълум мешавад.

Убайд умри зиёд дида, пири фартуту беморї шудааст. Барои боз њам равшантар шудани охири умри Убайд њуљљати зерин љолиби диќќат аст. Убайд 21 моњи муњаррами соли 768 њ (28-январ 1366 м) «Ашљор ва асмор» ном китоби дар илми тиб навиштаи Алишоњи Хоразмиро рўйнавис кардааст ва ин сана дар китоб бо ќалаби худи ў ќайд шудааст. Ѓайр аз ин дар санаи 772 (1370) Исњоќ ном писари Убайд ба ў мерос расидани китоби мазкурро ќайд кардааст. Аз ин масъалаи мерос, ки бевоситаи баъди вафоти шахс рўй медињад, соли 1370 ё андак пештар дар Шероз фавтидани Убайдро метавон тахмин кард. Аз рўи ин њисоб 91 ё ин ки 101 сол умр дидааст.

Мероси адабии Убайд ба шакли «Куллиёт» боќї мондааст, ки аз асарњои зерин иборат аст: рисолаи «Ахлоќ-ул-ашроф», «Садпанд», «Дањ фасл», «Дилкушо», «Ришнома», достони «Ушшоќнома», «Мушу гурба», «Фолномаи буруљ», «Фолномаи вуњуш ва туюр» (номатбўъ ва њоло ба даст надаромадааст), ќасидањо, ѓазалњо, ќитъањо ва рубоињо, ки дар њаљми як девонанд. «Наводир-ул-амсол» низ номатбўъ ва њоло ба даст надаромадааст.

Аз нависандагон ва шоирони мумтоз бештар асарњои Убайди Зоконї дар жанр ва шаклњои гуногун эљод шудаанд. Њарчанд ки ў дар боби панд, ишќ ва њаљв равияи хоссаи эљодиёти ўст. Аз ин рў Убайди Зоконї дар таърихи адабиёт мисли Фирдавсй, Низомй, Саъдй, Хофиз сохиби равияи хоссаи адабй мебошад.

Асарњои ў ба шакли насру назм навишта шудаанд. Аммо насри вай хусусияти хоссае дорад. Дар асарњои њаљвии ў тарзи баёни бадеї, илмї-муњокамавї, публисистї мушоњида мешавад.

### *Савол ва супоришот:*

1. *Дар кадом асос Убайдро нависандаи ҳачнигор мегўем?*
2. *Дар ҳачвнигорӣ сабаби ба наср мурочиат кардани Убайд дар чист?*
3. *Ҳачвиёти Убайт аз ҳачвиёти шоирони гузашта чӣ фарқ дорад?*
4. *Ҳачви ичтимоии Убайдро чӣ хел мефаҳмед?*

**Мавзўи 6** **Низомиддин Убайди Зоконй (ваф. 1370)** **Маърўза**

### Модели технологияи машғулоти маърўзавй

| Вақти таълим: 2 соат | |
|---|---|
| *Сохтори машғулоти таълимй / **Нақшаи маърўза.*** | 7. Зиндагй ва осори Убайди Зоконй.<br>8. Дарачаи омўхта шудани Убайди Зоконй дар адабиётшиносии точик.<br>9. Тарчимаи ҳоли Убайди Зоконй.<br>10. Зиндагии ў дар Шероз ва Бағдод.<br>11. Рўзгори бенавоёнаи шоир дар давраи пирй.<br>12. Мероси адабии Убайд. Таркиби куллиёти ў. |
| *Мақсади асосии машғулот:* | Принсипҳои таснифоти методҳои анъанавии таълим, маълумоти назарй дар бораи мафҳуми метод, шакл ва намудҳои методҳои анъанавии таълим, гурўҳи методҳои анъанавии таълим, методҳои анъанавии таълим ва мушаххасоти онҳо, мавқеи методҳои анъанавии таълим дар дарсҳои адабиёти точик, роҳ ва усулҳои тадбиқи методҳои анъанавй дар чараёни таълими таърихи адабиёти точик, афзалият ва нуқсонҳои ин методҳо. |
| *Вазифаҳои педагогй:* | *Натичаи фаолияти таълим:* Моҳияти асосии мафҳуми методи анъанавии таълим, таснифоти методҳои анъанавй ва хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, фаҳмиши методҳои таълим, методҳои шифоҳии таълим, методҳои мантиқии таълим, методҳои психологй ва педагогии таълим, методҳои илюстративй, методҳои демонстратсионй, аҳамияти методҳои анъанавй дар чараёни таълими адабиёти точик, маврид ва тарзу равиши истифодаи методҳои анъанавии таълим, шарҳ ва тафсири хусусиятҳои асосии методҳои анъанавии таълим, маърўза ва хусусиятҳои муҳимтарини он, афзалият ва нуқсонҳои методҳои анъанавй, дарачаи мутобиқати методи анъанавии таълим дар чараёни таълими адабиёти точик ва тамоюлоти асосии он, принсипҳои истифодабарии модели анъанавии таълим ва методҳои асосии он дар чараёни таълими адабиёти точик. |
| *Методҳои таълим:* | Маъруза, мулоқот , ҳучуми ақлй, савол у чавоб, мунозира |

| | |
|---|---|
| *Шаклҳои ташкил намудани фаолияти хониш:* | Ҷамоа, бо гурӯҳҳо кор кардан |
| *Васоити таълим:* | Матни маърӯза, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, кластер, скелети моҳӣ, ҷадвали инсерт, диаграмммаҳо. |
| *Методҳои баръакс ва роҳу равиши он, хулосаҳои ҷамъбастӣ, илмӣ ва мантиқӣ:* | Кластер, саволу ҷавоби даҳонӣ, мулоқот |

**Харитаи технологии машғулоти таълимӣ**

| *Зинаҳои асосии таълим* | ***Мазмуни фаъолият*** | |
|---|---|---|
| | ***Муаллим*** | ***Толибилм*** |
| *Зинаи аввал.*<br>*Муқаддима ва қисми ташкилӣ.*<br>*(10 дақиқа)* | 1.1.Мақсад ва моҳияти асосии мавзӯъ ва натиҷаҳои чашмдоштро эълон менамояд. | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯроҷиат менамоянд. |
| *Зинаи дуввум: Асосӣ.*<br>*(60 дақиқа)* | 2.2. Дар бораи мавзӯи нав нуктаҳои асосӣ, истилоҳоти тоза ва мафҳумҳои муҳимро таъкид менамояд;<br>дар бораи омӯзиши мавзӯъ рӯйхати адабиётҳои асосӣ ва иловагӣ эълон карда мешавад;<br>дар бораи омӯзиши мавзӯи нав замина муҳайё карда мешавад;<br>мазмун, мақсад ва моҳияти мавзӯъ аз ҷониби муаллим фаҳмонда мешавад;<br>мавзӯъ ба як чанд қисми асосӣ тақсим карда мешавад;<br>бобати омӯхтани мавзӯъ вазъиятҳои муаммой мавриди муҳокима қарор дода мешавад ва дар бораи роҳҳои ҳали онҳо тамоюлоти муайян ба миён гузошта мешавад;<br>Ҳар як қисми мавзӯъ дар асоси пайвандии | Мешунаванд, муайян мекунанд, бо саволҳо мӯроҷиат менамоянд,ба мулоқот ворид мешаванд, дар бораи масъалаҳои асосии мавзӯъ муносибатҳои шахсии худро баён менамоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| | мантиқӣ бо ҳамдигар дар вобастагӣ ҳаллу фасл карда мешавад, слайдҳое, ки моҳияти мавзӯъро дар худ акс кунонидаанд ташреҳ дода мешавад ва дар ҳамин замина асбобҳои айёнӣ, кластерҳо ва жадвалҳо бамаврид шарҳу эзоҳ дода мешаванд;<br><br>қисматҳои асосӣ ва нуктаҳои мураккаби мавзӯъ такрор ба такрор фаҳмонида мешавад; дар чараёни дарс аз маълумоти маълум то ба маълумоти номаълум ва ё аз маълумоти кӯҳна то ба маълумоти наву тоза ботадрич, дар сурати оҳиста зина ба зина мегузарад; дар чараёни маърӯза аз методҳои интерфаъол ва анъанавӣ истифода бурда мешавад;<br><br>дар чараёни маърӯза муносибати баръаксро мунтазам барқарор намуда барои таъмини самаранокии дарс тавассути савол ва чавобҳои имухталиф истифода бурда мешавад;<br><br>дар асоси ҳар як қисмати дарс хулосаи чамъбастӣ ва мантиқӣ бароварда мешавад. | |
| *Зинаи саввум:*<br><br>*Ниҳой – Чамъбасти натичаҳо.*<br><br>*(10 мин)* | 3.1. Дар асоси мавзӯъ хулоса менамояд, ба нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ диққати толибилмонро бори дигар чалб менамояд .<br><br>3.2. Фаъолияти гурӯҳ ва ё фаъолияти иштирокчии алоҳида арзиш дода мешавад, дар ин хусус хулосаҳо эълон карда мешаванд.<br><br>3.3. Дарачаи ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ноил гардидан ва муҳиммияти мавзӯъ дар амал таҳлил карда ва арзиш дода мешавад.<br><br>3.4. Дар асоси мавзӯъ вазифа ва супоришот дода мешавад. | Дар ин қисмати дарс худро баҳо додан, санчидани донишҳои худ, бо саволҳо мӯрочиат намудан мумкин аст. |

## Фикрҳои муқаддимавӣ

Убайди Зоконї дар дењаи Зокони атрофи Ќазвин, дар оилаи вазири собиќ таваллуд шудааст. Тањсили ибтидоиро дар Зокон, олї-мадрасагиро дар Баѓдод гирифтааст. Баъди хатми мадраса ба мансаби ќозигї таъин мешавад. Инро як шеъраш, ки дар он аз њар гўшаву канори мулк ба вай расидани пешкашу инъомњо ишора шудааст, ба восита гўё тасдиќ тасдиќ мекунад. Аммо ба сабаби ба мо номаълум аз мансаб озод шуда, муддате бисёр ќашшоќона зистааст.

Нест дар дастам кунун аз хушку тар,
З-он чї ваќте дар шуморо омадї
Ѓайри ман дар хонам чизе намонд,
Њам намондї гир ба коре омадї.

Убайди Зоконї соли 1329 дар мавзўи панду њикмат ба забони арабї бо номи «Наводир-ул-амсол» навишта, ба дарбори Султон Абўсаиди Элхонї (1315-1335) бурд, вале он ќабул нашуд. Убайд донист, ки њокимони давр барои кайфу сафо, айшу ишрат, ба масхарабозњо, хонандаву навозандаву раќќосњо бештар ниёз доранд, на ба донишмандон:

Эй хоља, макун то битавонї талаби илм,
К-андар талаби ротиби њаррўза биминї.
Рав масхарагї пеша куну Мутрибї омўз,
То диди худ аз мењтару кењтар бистонї.

Убайд соли 1341 аз Боѓдод ба Шероз омада, ба хидмати дарбори Хоља Абўисњоќи Инљуй (1340-1354) даромад. Ў дар дарбор бештар ба навиштани ќасидањои мадњия машѓул шуд. Муњити дарбор фаъолияти эљодии њаљвии ўро мањдуд карда буд. Солњои хидмат дар доираи адабии Хоља Абўисњоќ ва Шоњшуљоъ солњои нисбатан осудаи њаёти Убайд буданд.

Аммо соли 1353 њокими вилояти Кирмон Муборизиддин ибни Муњаммад Шерозро гирифт. Абўисњоќ гурехт. Муборизиддин амири золим, мутаассиб буда, бо маслињати рўњониёни иртиљої кор мебурд. Вай доираи адабии Шерозро пароканда кард. Њаёти одамони озодфикру поквиљдон зери хавф монд. Убайд барои худро аз хавфи њуљум ва таъќиби љањолатпарастон омон дида «ќасидаи узрхоњї ва авфи гуноњ» ба номи Муборизиддин навишта, аз њолати танг, ѓарибї, орзуи ёру диёр ва сахтии зиндагиаш шикоят карда, марњамат хостааст. Вале маъзарат ва аљзу ниёзи Убайд фоидае надод, охир маљбур Шерозро тарк кунад. Роњи Боѓдодро, ки нисбатан осоишта буд, пеш гирифт. Ў соли 1356 аз Шероз дилу бедилон, пешомадро надониста бод или кашол ба Шероз ба сафар баромад. Пораи шеъри зерин далели рўњияи онрўзаи шоир аст:

Рафтам аз хиттан Шерозу ба љон дар хатарам,
Ваз к-аз ин рафтани ночор чї ояд ба сарам?!
Меравам дастзанон бар сару по андар гил,
З-ин сафар то чї шавад њолу чї ояд ба сарам?

Убайд дар Боѓдод ба доираи адабии дарбори султон Увайси Љалоирї (1354-1373) мурољиат кард ва бинобар ин баъзе ќасидањои мадњияаш ба номи ўст. Дар Боѓдод ањли дарбори султон Убайдро наѓз напазируфтанд, зеро аз як тараф бо

доираи адабии Шероз раќобат доштанд ва аз тарафи дигар аз њаљвњои љон гудозаш ранљидахотир буданд ва метарсиданд. Салмони Соваљї, ки малик-уш-шуарои доираи адабии ин дарбор буд ва эътибори калон дошт. Убайдро дар ќитъае њаљв кард:

Љањоннамию њиљогў Убайди Зоконї,
Муќаррар аст ба бедавлатию бединї.
Агарчи нест зи Ќазвину рустазод аст,
Валек мешавад андар њадис Ќазвинї.

Убайдро, ки бе даъват ба Боѓдод омада буд, аз рўи таъна «гадои Боѓдод», «сару по барањнаи Шероз» меномиданд. Худи Убайд њам ба ин ишорате дорад:

З-ин касе будем, имрўз дар ин кишвар,
Мо љумраи[24] Боѓдодем, мо биграви[25] Шерозем.

Њамсўњбатии одамони доираи адабии Боѓдод ба Убайд њам маъќул наафтод. Вай ин љо худро бегона њис мекард ва ёру диёрашро бо њасрат ба ёд меовард:

Гузида сўњбати бегонагон, ногањон,
Зи ќавми кишвару ањли табори худ.

Илова бар инњо султон Увайс ба Убайд ягон кўмак нарасонд.

Дар ин ваќт дар Шероз табаддулоти давлатї рўй дод: соли 1359 писари Муборизиддин – Шоњшуљоъ падарашро аз салтанат барафканда, ба тахт нишаст. Дар Шероз ањвол андаке бењтар шуд. Убайд аз Баѓдод боз ба Шероз омад ва дар дарбори Шоњшуљоъ худ оромї ёфт. Дар ашъори Њофиз ва Убайд Шоњшуљоъ ба сифатњои хуб ситоиш шудааст. Дар ин муддат муносибати Шоњшуљоъ бо бародараш Шоњмањмуд вайрон шуда, Шоњмањмуд бо ёрии асарони муѓул ба Шероз њуљум карда, Шоњшуљоъро аз шањр танг карда баровардааст. Убайд ба муносибати ин мењмонњои нохонда шеъре навишта, аскарони муѓул ва Шоњмањмудро сарзаниш кардааст:

Ин кист, ки боз пеши мо меояд?
Чун мо-ш нахондем, чаро меояд?
Ин тўдаи вањшат зи куљо мељунбад?
В-ин вазъи мукаррар зи куљо меояд?

Шоњшуљоъ маљбуран чанд ваќт ба вилояти Кирмон рафт ва Убайдро низ њамроњ бурд. Шоњшуљоъ соли 1367 дубора фатњ кард ва Убайд боз ба Шероз баргашт.

Солњои охири умри Убайд чандин равшан нест, вале аз ќасидае, ки ба муносибати Исфањонро фатњ кардани Шоњшуљоъ навиштааст, соли 1367 дар ќайди њаёт будани ў маълум мешавад.

[24] Љумра – гадо.
[25] Биграв – табоњ, вазоеъ.

Убайд умри зиёд дида, пири фартуту беморї шудааст. Барои боз њам равшантар шудани охири умри Убайд њуљљати зерин љолиби диќќат аст. Убайд 21 моњи муњаррами соли 768 њ (28-январ 1366 м) «Ашљор ва асмор» ном китоби дар илми тиб навиштаи Алишоњи Хоразмиро рўйнавис кардааст ва ин сана дар китоб бо ќалаби худи ў ќайд шудааст. Ѓайр аз ин дар санаи 772 (1370) Исњоќ ном писари Убайд ба ў мерос расидани китоби мазкурро ќайд кардааст. Аз ин масъалаи мерос, ки бевоситаи баъди вафоти шахс рўй медињад, соли 1370 ё андак пештар дар Шероз фавтидани Убайдро метавон тахмин кард. Аз рўи ин њисоб 91 ё ин ки 101 сол умр дидааст.

Мероси адабии Убайд ба шакли «Куллиёт» боќї мондааст, ки аз асарњои зерин иборат аст: рисолаи «Ахлоќ-ул-ашроф», «Садпанд», «Дањ фасл», «Дилкушо», «Ришнома», достони «Ушшоќнома», «Мушу гурба», «Фолномаи буруљ», «Фолномаи вуњуш ва туюр» (номатбўъ ва њоло ба даст надаромадааст), ќасидањо, ѓазалњо, ќитъањо ва рубоињо, ки дар њаљми як девонанд. «Наводир-ул-амсол» низ номатбўъ ва њоло ба даст надаромадааст.

Аз нависандагон ва шоирони мумтоз бештар асарњои Убайди Зоконї дар жанр ва шаклњои гуногун эљод шудаанд. Њарчанд ки ў дар боби панд, ишќ ва њаљв равияи хоссаи эљодиёти ўст. Аз ин рў Убайди Зоконї дар таърихи адабиёт мисли Фирдавсй, Низомй, Саъдй, Хофиз сохиби равияи хоссаи адабй мебошад.

Асарњои ў ба шакли насру назм навишта шудаанд. Аммо насри вай хусусияти хоссае дорад. Дар асарњои њаљвии ў тарзи баёни бадеї, илмї-муњокамавї, публисистї мушоњида мешавад.

### *Савол ва супоришот:*

5. *Дар кадом асос Убайдро нависандаи ҳачнигор мегўем?*
6. *Дар ҳачвнигорй сабаби ба наср мурочиат кардани Убайд дар чист?*
7. *Ҳачвиёти Убайт аз ҳачвиёти шоирони гузашта чй фарқ дорад?*
8. *Ҳачви ичтимоии Убайдро чй хел мефаҳмед?*

## Аминљон Шукўњї

## (таваллуд-1923)

Аминљон Шукўњї аз насли он зумра адибонест, ки солњои пурошўби Љанги Бузурги Ватанї ба арсаи адабиёт омадаанд. Вай моњи июни соли 1923 дар дењаи Рўмони нољияи Хўљанди Љумњурии Тољикистон дар хонаводаи марди дењќон ба дунё омада, таълими ибтидоиро дар мактаби дењааш гирифтааст. Муњаббаташ ба адабиёт ўро ба шеъргўї водор карда, нахустин

намунаҳои шеъраш дар соли 1942 ба чоп расидааст. Маҷмӯаи аввалини ӯ соли 1948 бо номи «Суруди чашмасор» чоп шуд. Шеърҳои ин маҷмӯа дар сатҳи умумии назми он солҳо меистоданд. Шоир ғояи озодӣ ва саодатро васф мекард.

Маҳз шеърҳои дар ҳамин давра эҷодкардаи ӯро ба назар гирифта, устод Айнӣ дар қатори Толис ва Фарҳат ӯро «чизи дигаред» гуфта буд, ки гувоҳи эътирофи ҳунари шоирии ӯст. Айнӣ дар ҳамон мактуби таърихие, ки ба номи Пӯлод Толис навишта буд, ба Шукӯҳӣ фотиҳа ҳам дод.

Соли 1950 китоби дуюми ашъори шоир бо номи «Ватани сулҳ» чоп мешавад. Баъд аз ин маҷмӯаҳои дигари ӯ «Садои дил» (1956), «Нафаси гарм» (1962), «Кӯчабоғи ошиқон» (1962), «Арзи қалам» (1967), «Чормағз» (1973), «Ашъори мунтахаб» дар ду ҷилд (1977-1979), «Мухаммас бар ғазалиёти Саъдӣ ва Сайидои Насафӣ» (1979), «Розҳои обшор» (1979), «Парии ҷазира» (1973), «Печутоби роҳҳо» (1978-1979) паси ҳам чоп мешаванд.

Дар солҳое, ки Аминҷон Шукӯҳӣ ба эҷоди шеър шурӯъ кард, аллакай шеъри Турсунзода дар байни хонандагон шӯҳрат дошт. Ба хусус, «Қиссаи Ҳиндустон»-и шоир ҳамчун кашфиёти бадеӣ эътироф шуда буд. Ҳаминчунин Мирсаид Миршакар бо достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ» ва «Панҷи ноором» шӯҳрат ёфта, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқи Раҳимзода низ дар ҳунари шеъргӯӣ маъруф буданд. Дар ин контекст ашъори Лоҳутӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ низ ҷойгоҳи хос дошт. Аминҷон Шукӯҳӣ дар матни шеъри ҳамин давра бо дарназардошти эҳтиёҷоти маънавии муосиронаш шеър мегуфт ва тадриҷан симои эҷодии худро муайян мекард.

Дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш вай дар мавзӯъҳои гуногун шеър мегуфт. Дар яке аз шеърҳои индавраинааш, ки «Орзу дорам, ки нависам шеърҳои хуб» ном дошт, шоир нияташро аз шеъру шоирӣ чунин баён кардааст:

Ба завќу шавќ мехоњам, ки шеъри хуб бинвисам,

Ба њаќќи дўстону кишвари мањбуб бинвисам,

Зи кору бори худ як сухан њам-роњ бинмуда,

Пас аз он бар рафиќон боз як мактуб бинвисам

Суханро аз чї бояд сар кунам… ин фикр пайдо шуд,

Ба пеши дидаам боѓи тасаввур њам њувайдо шуд,

Нигањ кардам ба тиреза дурахшон моњ метобад,

Ва њар зебо ситора дар назар дањчанд зебо шуд.

Ва бо њамин диди воќеъбин дар мавзўъњои гуногун шеър гуфт, вале шеърњои ошиќонааш бо назари тоза ва тасвирњои воќеї љолибтар буданд. Дар ин гуна шеърњо ба ифодаи Аскар Њаким «эњсосоту таассуроте, ки дар шеърњо суруда мешуданд, људо аз шоир вуљуд доштанд, худро ба олам омехтан, олами мављударо аз рўи таассуроту њиссиёти худ ба ќалам кашидан, зарур буд» (А. Њаким. Дар ќаламрави сухан.-Душанбе: Ирфон; 1982). Дар шеърњои баъдинааш А. Шукўњї тавонист, ки дар шеър шахси худ, таассуроту њиссиёти фардї ва нотакрори худро ифода карда, асрори дил ва андешаи худро кушояд. Ин тарзи худифшої хусусияти аслии ашъори лирикии ўро муайян кард. Дар шеъри «Маро тањњо ту бинмудї фаромўш» ў худро шоир кашф кард. Шеъри мазкур чунин бандњои таъсиргузоре доштанд:

Хатамро хондаю биншастї хомўш,

Дигар њољат набошад бар саволе.

Аљаб не, кардаї пайњо фаромўш,

Маро чун нуктаи хобу хаёле.

Парешаб ман аз он роњe, ки њарду-

Њамерафтем як ваќте, гузаштем.

Ба зери он дарахту он лаби љў,

Туро бар ёд оварда нишастам.

Ба ёдат њаст оё як шаб инљо

Чихо гуфтем мо њар ду нишаста.

Ба рўям мезадї њар гоњ љоно,

Ба шўхї шохи райњонро шикаста.

Ин шеър намунаи шеъри тасвирии воќеист, ки шоир њунармандона гуфта буд. Дар он њиссиёт тару тоза ва нотакрор аст. Эњсости воќеї ва усули тасвир њаќиќист. Шеърро шоир дар чизњои одї кашф кардааст. Муњаќќиќон ин тарзи эљодро «сухани тозае дар шеъри ошиќона» (А. Њаким) таъбир карданд.

Њамин тариќ, дар ибтидои роњи эљодиаш Шукўњї симои худро бештар дар шеърњои ошиќона муайян мекард. Дар ин гуна шеърњои ў таассуроти лирикї аввалу охир дошта, ањволи ќањрамон равшан ба назар мерасад, табиат бо њама зебоињояш дар он умри дубора пайдо мекунад. Вай бештар ба баёни андеша ва таассуроти шахсї такя дошт. Баъдтар таљрибаи эљодиашро такмил дода, ба василаи таассурот ва андешањои фардї афкори умумиятёфтаро ифода мекард. Шоир акнун ба гуфтани лирикаи иљтимої шурўъ кард ва бо ин роњ тадриљан пеш рафт. Дар ин замина шеърњояш дар мавзўъњои кўњна тозагие дошт. Њатто зарбулмасалу маќол дар ин ќабил шеърњои ў маънои тоза ва иљтимої касб карда буданд, ки намунааш ќитъаи зер аст:

Ватан ба роњи ту замон меравад,

Замон сўи бахти љањон меравад.

Зи дил ишќи покат чи сон меравад?

Ба шир омадаст он, ба љон меравад!

Аминљон Шукўњї дар ин солњо саъй кардааст, ки таркиби шеър, образу тасвирњо ва тарзи ифодааш тоза ва пурмаънї бошад. Бинобар ин њам аксари шеърњояшро дар шакли чањорпора мегуфт.

Ба эътирофи мунаќќидон ба майдон омадани силсилаи шеърњои «Муњаббат ва оила», шоирро машњуртар карданд. Ин силсила аз се шеър - «Ба ту ман дил намебандам», «Ба занбури беасал» ва «Њусн» иброат буда, шоир дар онњо мавзўи муњаббатро бо андешањои ахлоќї ба њам пайвастааст. Шоир дар ин шеърњо дар баробари тавсифи муњаббат, масъалањои ахлоќии муносибати инсониро ба миён мегузорад. Зимни њимоя аз ахлоќи нек шоир масъалаи покии ахлоќро аз муњимоти зиндагї мешиносад ва суруди садоќатро дар инкори муњаббат менависад. Меъёри назари ў дар шинохти муњаббат ин аст, ки муњаббати пок ва самимї дар ивази худ фаќат муњаббат, самимият ва ба инсон озодї ва ќувваи парвоз ато мекунад. Ќањарамони лирикии шоир дар ин силсила њарчанд дар ишќварзї аз љињати ахлоќ мањдуд аст, вале иродаи озод ва аќли корсоз дорад.

Дар эљодиёти Шукўњї аз њамин силсила сар карда, оњанги покизагии ахлоќ маќом пайдо мекунад. Ин мазмуну оњанг минбаъд дар достони ў «Кўчабоѓи ошиќон» низ таќвият ёфта, аз масъалаи асосии эљодиёташ мегардад.

Ќањрамони асосии достони «Кўчабоѓи ошиќон» Малоњат рамзи покизагии ахлоќ, равшании хонадон ва садоќату собитќадамии як нафар љинси латиф мебошад. Шоир вазъи ин ќањрамонашро мушкилтар нишон медињад. Агар дар «Муњаббат ва оила» ќањрамони лирикї ба ишќи дувум дучор шуда, аз он канора гирифта бошад, Малоњат ин корро бояд ба ишќи

аввали худ мекард. Вале вай низ ба муњаббати худ содиќ мемонад. Садоќати ў њам ба худаш аст, њам ба хонадонаш.

Достони «Кўчабоѓи ошиќон» дар бораи иштироки писари тољик Содиќ дар Љанги Бузурги Ватанї ва пас аз љанг фидокорона дар колхоз кор кардани ў мебошад. Мавзўи ин достон барои адабиёти солњои шасти тољик анъанавї бошад њам, вале тарзи њалли он тоза буд.

Дар мавзўи љанг шоирон бештар достони ќањрамонї менавиштанд. Ин достон дар мазўи љанг бошад њам, дар он сухан аз ќањрамонї хеле кам аст. Персонажи асосї Содиќ аз љанг на чун ќањрамон, балки дар њоле бар мегардад, ки ба рўњ ва њастии ў зиллати гароне расидааст. Ў њамчун асири љангї дигар майдони ќањрамонї надорад. Барои Содиќе, ки дар дасти душман асир буд ва аз он халосї ёфта, пас аз љанг ба зодгоњаш, ба назди ягона модараш бармегардад, зиндагии навро оѓоз мекунад, вале ба душворї. Вазъи душвори рўњии ў шоирро во доштааст, ки ба кашфи андеша ва хислати инсонии ў пардозад.

Шоир ќањрамонашро дар мушкилтарин лањзањои зиндагї ба тасвир мегирад. Ќањрамон дар баробари таънањои мардум, ки ишора ба асорати ў буд,  мемурду мезист. Шоир ба воситаи гурезњои лирикї, ифодаи андешањои ботинии Содиќ, тасвири рањпоињои модар, симои ахлоќии шахсияти достонашро камол мебахшад.

Достон сужети муайян дошта, драматизми он дар андешањои ќањрамонон нуњуфтааст. Шахсиятњои асар Содиќ, Малоњат ва Санавбар сарнавишт ва андешањои бо њам зид ва пурихтилоф доранд.Сањнањое мисли аз хостгории модари Содиќ ба шўр омадани Санавбар ва бо Содиќ ситеза кардану ўро асир, хоин гўён тањќир кардани ў хеле дарднок ва таъсиргузоранд.

Зиндагии пурмоҷаро Содиқро бо кору меҳнат ва ҷомеа мепайвандад. Дар ниҳояти корд или зебо ва хислатҳои неки инсонии ӯ Санавбарро мафтун мекунад. Малоҳате, ки ишқи аввали Содиқ буд, ҳарчанд ба ҳасрат бошад ҳам, аз муҳаббати ҳардуи онҳо шод гашта, ба худ ва хонадони худ содиқ мемонад. Сарнавишти поку беолоиши Содиқ сабаб мешавад, ки мардум ба ӯ дил банданд.

Агар тавсифи ҷомеъ ва воқеие дар ҳаққи Аминҷон Шукӯҳӣ лозим бошад, метавон гуфт, ки ӯ шоири торҳои муҳаббати поки инсонӣ аст, муҳаббате, ки инсонро бо одамон ва олами ҳастӣ мепайвандад. Олами таассуроти ошиқонаи ӯ равшан ва дилкушост. Ӯ шоире буд, ки комилан аз хушбахтии инсонҳо сухан мегуфт ва хушбахтии насли одамро мехост. Дар ҳикояи лирикии «онҳо ду кас буданд» ҳамин ҳадафи ғоявии нависанда равшан зоҳир шуда буд. Ҳатто тасвири манзараҳои табиат дар ин ҳикоя ҳамсони саодатмандии инсонанд, балки бо хушбахтӣ таносуби комил пайдо мекунанд. Инсон, ишқ ва табиат ба ҳам меомезанд ва аз идомати зиндагӣ пайғом медиҳанд.

Шоир дар сурудани ишқномаҳояш самимӣ ва бетакаллуф аст. Вай танҳо ишқи инсонӣ ва мушкилоти рӯҳиву маънавии онро ба тасвир накашидааст, балки ҳарфи муҳаббати ӯ аз Ватан низ ҳаст. Муҳаббати Ватан дар эҷодиёти шоир содаю самимию табиӣ ва ҳам пурмазмуну таъсирбахш баён шудааст. Вай дар ҳар ашёи бороят ба қадр меҳри Ватанро мебинад. Муҳаббати шахсиятҳои шеъри ӯ бар Ватан қалбӣ, рӯҳӣ ва ҷонӣ буда, зиндагии онҳоро рӯшанӣ мебахшад. Ин муҳаббат, ки поку самимист, фарзандон низ ҳамчунон меросбари онанд.

Назар афканда ба ҳар фарзандам,

Ба рухи Поки Ватан дилбандам.

Дар боби хусусияти шеърї ин шоир Мирзо Турсунзода боре гуфта буд: «Хусусияти ашъори Аминљон Шукўњї ба дарё монанд аст, ки аз миёни дашти васее љорї гардида дар зоњир ором, вале љараёни зери сатњи он хеле пурљўш ва пурѓалаён аст» Ќитъаи зер бо тасвири ботаннї ва пурмаънї дар тасдиќи гуфтањои долост:

Ватанро бењтар аз љон ёд кардам,

Шавад то мушкил осон, ёд кардам,

Агар борон биёяд, дон, ки ман њам

Варо бо чашми гирён ёд кардам.

Ин ќитъа намунаи шеъри дилкаш ва равшани ў дар ин мавзўъ аст. Шоир дар бораи Ватан бо суханњои маъмулї шеър мегўяд.

Њамаи шеърњои ў ба њалќањое монанданд, ки ба њамдигар пайваста, силсилаеро ба вуљуд меоваранд ва аз ин силсила сўњбат, хулоса ва андешањои шоир пурмаънї ба гўш мерасанд. Дар ин замина муњимтарин хусусияти ашъори Шукўњї он аст, ки вай кадом њиссиёт ва таассуротро, ки сарояд, самимона ва ошиќона месарояд.

Шеъри ў навъе монологи ботинии инсон дар бораи худ, дигарњо ва зиндагист. Ин фикрро маљмўаи дубайтињои шоир «Чормаѓз» низ собит мекунад. Њарчанд дубайтињои ин китоб дар њолатњои гуногун гуфта шудаанд, онњо дар якљоягї рўњи љомеъи шоири зиндагидўстро ифода мекунанд. Аз онњо табиат ва ботини инсон, инсоне, ки маќсади муайяни зиндагї ва хислатњои писандида дорад, дарк карда мешавад. Шоир дар ин дубайтињояш низ ба дунё ба чашми ошиќ менигарад. Аз љумла, нигоњи ў дар дубайтии зер ба дунё чунин аст:

Сањаргањ нолаи ошиќ шунида,

Љањон бо чашми булбул дида будам.

Меъёри назар шоир дар бораи муњаббат, одаму одамгарї ва саодатмандии инсонњо ягона ва бетағйир аст. Ватан ва хушбахтии инсонњо меъёри аслии диди ахлоќии ўст. Барои шоир њељ хушбахтие болотар аз саодати Ватан нест. Саодат ва озодию ободии Ватан рамзи хушрўзии инсонњост.

Сафар бар роњњои дур кардам,

Назар бар ќасрњои нур кардам.

Вале аз бахти одам чун сухан рафт,

Ватан, номи ту бо он љўр кардам.

Шукўњи дар тамоми осораш ба љањон, ба зиндагї бо диди ошиќона менигарад. Ин ќувваи зиндагисоз ба шеъраш самимият бахшида, диќќати хонандаро ба худ љалб мекунад ва ў дар шеъри шоир ормонњои инсониашро дармеёбад. Ба ифодаи дигар, самимияти гуфтори шоир хонандаро асир карда, рўњияи ў таъсир мегузорад:

Бароят њастиямро бохтам ман,

Зи худ афсонањое сохтам ман.

Дар оина сањар карда назора,

Худамро дидаву нашнохтам ман.

Ишќ дар тасвири шоир зебоист. Зебої нигањдори љавонї буда, љавониро њифз мекунад. Дар ин маврид шоир ба зебоии зоњирї гирифтор нест, балки зебоии маънавиро асоси њастии инсони саодатманд медонад. Љавонї ва зебої дар тафаккури шоиронаи ў њамдигарро месозанд, бинобар ин њам шоир онњоро ғанимати умр мешиносад ва бо дили пурармон аз он ёд мекунад:

Агар рўзе љавони чун бањорон боз меомад,

Ба мисли об андар љўйборон боз меомад,

Чу марљони гул андар шохсорон боз меомад,

Туро мељустаму меёфтам аз нав,

Ба мўят ќиссањо мебофтам аз нав.

Шоири соњибзавќ дар ин шеър ва бисёре аз шеърњои дигараш бо чашми дил ба љањон менигарад, онро зебо мебинад ва умри љовидонаи зебоиро тараннум мекунад. Њамин хусусият зебопарастї шеъри шоирро хушнаво ва дилчасп карда, боиси ба суруд табдил ёфтани бисёре аз шеърњои ў шудаанд. Њисситёи зебо ва таркибњои хушоњанг омили аслии сурудгуна шудани ашъори шоиранд.

Шукўњи аз оѓоз махсус суруд нанвиштааст. Хусусияти тараннумї ва мазумуни шеърњои шоир диќќати бастакорон ва њофизонро ба худ љалб карда, боиси њамчун суруд шўњрат ёфтани ќисме аз ошъори ў шудаанд. Аз љумла, шеъри «Ман шаб васли туро мекобам» њанўз соли 1947 эљод шуда, њофизони зиёде онро сурудаанд ё њанўз месароянд, ашъори ошиќона ва иљтимоѓ њастанд. Шеърњои «Диламро бурдию манро набурдї», «Мо тарафдори сулњем», «Эй суруди ман», «Мўи тиллорангу чашмони кабуд», «Интизорї», «Насими анбарафшон» ва ѓайра њамчун сурудњои дилчасп њанўз њам шўњрат доранд.

Аминљон Шукўњї дар сурудани шеъри бачагона низ мањорати тамом дошт ва нахустин маљмўањои бачагонаи ў «Баррачаи гурезпо» ва «Ил-18 омад» зуд дар байни хонандагони хурдсол шўњрат ёфт. Ин гуна ашъорашро ў асосан барои хурдтараконии синну соли томактабї навиштааст. Шеърњои бачагонаи шоир, пеш аз њама арзиши ахлоќї доранд, ба хурдсолон дарси одамият меомўзанд.

Мавзўъњои сўњбати шоир бо хурдсолон гуногун аст. Шоир ба воситаи ин гуна шеърњо муњаббати хурдсолонро ба табиат, гиёњу сабзањо, долу

дарахтон, паррандаю њайвонот афзуда, дар онњо рўњияи муносибати солимро ба табиат парвариш медињад. Шеърњои «Баррачаи гурезпо», «Савол ба навнињол», «Мурѓобии ман», «Аккаи думдароз» ва ѓайра бо њамин хусусияти худ миёни наврасон шўњрат доранд.

Аминљон Шукўњї дар давоми фаъолияти эљодиаш дар эљоди наср низ ќувва озмуда, дар ин замина низ муваффаќ шудааст. Дар ибтидо насри ў хусусияти шоирона дошт ва насри лирикї буд. Аввалин њикояњояшро ў ба њамин усул эљод кардааст ва њикояњои лирикии «Тарљумони дил», «Шоњтут», «Номи кўча», «Онњо ду кас буданд», «иншо», «Лолаи аввалин» ва ѓайра аз њамин ќабиланд. Ин гуна њикояњои ў дар маљмўаи «Нияти наѓз» чоп шуда ва дар ваќташ писанди хонандагон шуда буданд. Дар ин гуна њикояњо њиссиёти гуворо ва дилнишин, муњаббати соф ва самимї, њусни ахлоќ, љавонї ва нашъаи муњаббат, покизагию иффат тараннум шудаанд.

Адабиётшинос Аскар Њаким лиризм ва зарофатнокиро аз хусусияти муњими сабки нависандагии Шукўњї дониста, дар ин равиш њикояњои «Шањло» ва «Ѓалабаи бекоршуда»-ро мисол меоварад. Воќеан њам нависанда дар ин гуна осораш бештар ба он кўшидааст, ки ба воситаи ошкор сохтани њиссу њаяљони ќањрамонон сифатњои инсонии онњоро падид оварда, ба ин васила ба хонанда дарси одамшиносї медињад. Њикояи «Шањло»-ро нависанда бо њамќаламии Њилолиён Аскар навишта, баъдтар онро такмил медињад ва бо номи ќиссаи «Шањло ва Шифо» чоп мекунад.

Ќисса аз саргузашти љавононе наќл мекунад, ки муњаббати самимї онњоро то дами марг аз њам људо накардааст. Ќањрамонони асосии ќисса Шањло ва Бањодур њамдигарро самимона дўст медоранд, вале ба њукми таќдир ва ба сабаби бемориаш, ки гузаранда аст, Шањло худро аз Бањодур дур мегирад. Баъди гузашти солњо, пеш аз фавти Шањло, бо хоњиши ў Бањодур дубора ба дидори ў мерасад, вале дер шуда буд.

Дар ин ќисса Шукўњї ба покии дили пурмуњаббати ду љавон ва устуворию собитќадамии онњо таъкид карда, бо тасвири сарнавишти пурмољарои хоњари Шањло Шифо идомаи зиндагии пурмояи «ёри аз даст рафта»-ро дар мисоли Шифо таъкид мекунад. Дар ќисса симои инсонии Шањлову Шифо, маънавиёти олии онњо њунармандона тасвир шудааст.

Шањло ва Шифо тимсоли инсонњое њастанд, ки бори гирифторињои худро бар дўш кашида, дар роњи хидмат ба љомеа поймардї ва фидокорї нишон додаанд. Сарнавишти ќањрамонони асар воќеияти солњои љанг ва ибтидои солњои шасти асри гузаштаро бозгў кунад њам, масъалањои муњими ахлоќие, ки нависанда ба миён гузоштааст, имрўз њам барои љомеаи мо арзишманд аст.

Аминљон Шукўњї бо таълифи повести «Имзои шахсї» ба эљоди осори бадеии реалистї љиддан шурўъ мекунад. Ин повест аз зиндагї ва корномањои истењсолии Ќањрамони Мењнат Саидхоља Ўрунхољаев ва ашхоси дигари таърихї наќл карда, хонандаро бо пастию баландии зиндагии мардуми мењнаткаши даврони Шўравї ошно мекунад. Дар офариниши ин образ нависанда, пеш аз њама, ба падид овардани фаъолияти иљтимоии ќањрамонаш, ки шахси таърихист, эътибор дода, хўю хислат, амалу кирдори ўро дар оинаи воќеияти давр бо камоли даќиќназарї тасвир мекунад. Он чи ки аз сарнавишти ин ќањрамон барои наслњо ва замонњои баъд намунаи ибрат аст, одамият ва фидокорињо дар роњи бењдошти зиндагии моддї ва маънавии мардуми одї ва мењнаткаш мебошад. Баътар нависанда ин асарро такмил дода, њамроњи Њилолиён Аскар романи пурвоќеаи њуљљатии «Печутоби роњњо»-ро таълиф кард, ки њамчун нахустин романи њуљљатии адабиёти навини тољик эътироф шудааст.

Шукўњї баъдтар повестњои «Парии љазира», «Достони Муллолатиф» ва ќиссањои бачагонаи «Асад ва Самад» ва «Об аз куљо меояд»-ро таълиф карда, бо ин маќомашро њамчун нависанда дар адабиёт устувор месозад.

«Парии љазира» асари замонавї буда, дар он масъалањои муносибати наву кўњна, шахс ва љомеа, адолат ва разолат, ростї ва фиреб, муњаббат ва хиёнат, далерї ва буздилї ба миён гузошта шудаанд. Нависанда дар тасвири симои инсонии шахсиятњои асар Ќурбоналиву Зариф, Абдусамаду Азиза, Њидоятхону Рухсатхон, Воњиду Вангу Мирќурбон, Домуллои Љинчароѓу Одил- саркор ва дигарон муваффаќ шуда, хислатњои инсонии онњоро бо камоли мањорат ба тасвир мегирад.

Аскар Њаким барљастатарин хусусияти ин повестро дар «гуманизми амиќ ва фаъол» дида, аз љумла менависад: «Њамаи воќеаю њодиса ва масъалањое, ки ба миён меоянд, аз назари манфиати онњо барои инсон ба андешаю муњокима гирифта шуда, мањз ба хотири хушии ањволи ў њал карда мешаванд. Сабаби зиддияти асосї миёни раиси колхоз Ќурбоналиев ва сарагрономи Зариф њам аз њамин сар мезанад, ки аввалї манфиати љамъиятро то андозае яктарафа мефањмад ва ба хубї њис карда наметавонад, ки ѓамхорї ба њар фард ѓамхорї ба кор ва манфиати љамъият аст» (А. Њакимов. Дар ќаламрави сухан.-Душанбе: «Ирфон», 1982, с. 144-145 ). Ѓояи повест њиссаи фардро барои пешрафти љомеа таъкид карда, њама гуна худхоњї ва манфиатљўиро мањкум мекунад.

Аминљон Шукўњї фарзанди даврони пуровозаи шўравї буд ва дар матни воќеияти њамон замон шеър гуфт, њикояву ќиссаву роман эљод кард. Вале он чи ин шоир ва ин нависанда навишт њељ гоњ бо гузашти замон ва низомњои дигари сиёсї кўњна намешавад. Љавњари инсонпарварона ва ватанхоњонаи осори манзуму мансури ў барои инсон њамеша чун сабаќи коршоями зиндагї ба кор хоњад рафт.

**Пулод Толис - нависандаи тавоно**

Адибоне њастанд, ки осори онњо таќозо мекунад, ки онро ду бор - аввал дар даврони бачагї, сониян дар давраи баркамолї бояд хонд. Зеро ба фањмиши амиќи эљодиёти ин гуна адибон њам боварии наврасї лозим асту њам хирад ва таљрибаи инсони баркамол.

Толис барои насли мо њамин гуна нависанда буд. Бархурди аввалини мо бо эљодиёти у ба солњои шастум рост меояд, ки он ваќт хеле љавон будем ва ба воќеияти адабї нигоњи њарисонаи наврасї доштем. Он ваќтњо мактуби Айнї Толисро - он нависандаи боистеъдодро барои мо муаррафї мекард. Ин мактубро устод Айнї ба Толис замоне навишта буд, ки ў њамагї нуздањ сол дошт. Вале аввалин навиштањояш диќќатангез ва ќобили мулоњиза буданд. Беш аз ин барои мо навиштањои Толис аз он љињат диќќатангез буданд, ки вай гўё сарнавишти насли моро, падару бобоёни моро ќисса мекард. Воќеияти дунёи навро бо рангу равѓани тоза барои мо боз менамуд Дар даврони бачагї ваќте ки инсон аввалин ќадамхояшро ба дунёи пурмољаро ва њайратангез, ки адабиёт ном дорад, мегузорад, филњои асири кишвари орзуву омол, дарду ранљ ва хушбахтиву бадбахтињо мегардад. Ин њама аз сифатњои китоби нависанда ба пеши чашми мо меояд. Мо ин асарњоро хонда, он ваќт бузургии муаллифашонро эњсос намекардем. Аз паи ќањрамони нависанда мерафтем, ба пайронањои кўњиву зиндагї гузар мекардем, аз он чи ба сари ќањрамонон меомад, ба риккат меомадем ва бисёр мехостем, ки ин мољароњо поён надошта бошад. Вале нињоят як рўз дарк кардем, ки айёми наврасиву фањмишњои соддагароёнаи мо низ поён пазируфтааст ва он ваќт яќин кардем, ки барои дарёфти сирри адабиёти асил танњо шавќи наврасї кифоят намекардаст.

Мулоќоти аввалин ва соддагароёнаи мо бо ин нависандаи тозаписанд низ якљоя бо наврасиамон ба анљом расид. Вале ин анљомро оѓози дигар ва бобаракате пеш омад. Вохўрии дуввуми мо бо ин нависанда воќеан драммавї буд. Аввалин эњсосе, ки баъди такроран хондани осори нависанда пайдо шуд, ин њиссиёти ѓайрат ва ѓайри чашмдошт буд. Ба назар чунин расид, ки

ин шахсе, ки мо дўсти хуби даврони бачагї шинота будем, аз оинаи зангхўрдаи эњсосу андешааш, аз чорчўбаи бемористони хаёлњояш пурандўњ ба мо нигариста будааст.  Вай ба ќалами ба хуни орзуњо олуда аз зиндагї ба мо сарнавиштњо сохтааст. Мо тасаввур карда наметавонем, ки ин инсоне, ки нахустин навиштањояш таваљљўњи Айниро ба худ кашидаанд ва устод «ќобилияти баланди Толисро иќрор» кардаанд дар муњити хафакунандае зиста ва эљод кардааст. Ва ин муњит коргардони фољеаи ў будааст. Ин адибе, ки достони муњаббати зиндагиро, «Љавонї» -ро суруда, рангњои пурљило ва хотирмони «Тобистон»-ро падид овардааст, дар муњити хеш танњо будааст. Барои вай, ки умри кўтоње диду ранљи зиёде кашид, ягона воситаи дилхуши эљод будааст.

«Толис худашро овехтааст!» -ин паёми шумро он ваќт чун бењгўшї ба мо расонида, буданд. Ва мо низ дар зењни худ суоли «Чаро?» -ро шарњ медодем. Вале он солњо шарњи ин фољеаро гуфтану шунидан мамнўъ буд. Мутаассифона, имрўз низ савол њамон асту љавобњо гуногун. Вале ягона чизе, ки тағйири шаклу мазмун накардааст ва аз сарнавишти соњиби ѓўрамаргашон ба мо достон мезанад, њамоно хикояву ќиссањои шўрангези ин адиби љоннисори адабиёт аст.

Толис бењтарин асарњояшро дар як муддати кўтоњ офарид. Ин айёмро мо чун умри безаволи адиб таъбир мекунем, ки вай дар фурсати нињоят кўтоњ онро тањия кардааст. Њикояву повестњои ў эљоди як нафасанд, љузъи комили як зиндагианд.

Ў ба адабиёт назари хос дошт. Вуљуди њамин гуна назар буд, ки навиштањояшро аз эљоди муосиронаш тафовут медод. Дар таъризи «Эшмат ва Тошмат» фикри бадеии ў дар боби њикояњои сусту беѓоя хеле равшан акс ёфтааст. Дар ин навишта вай њар чизеро, ки арзиши бадеї ва ѓоявї надорад, таъриз кардааст. Ба пайбурди сањењи адабиётшиноси тољик Атохон Сайфуллоев нависанда дар ин таъриз «њикоятњои каммазмуну бесифат ва ба

њамдигар шабењро сахт танќид мекунад, роњњои нави љустуљўи эљодиро талќин менамояд, нависаандагонро барои эљоди асарњои пурмазмун, олисанъат даъват менамояд. Ќувваи чунин фелетон аз бисёр маќолањои бењунаронаи танќидї бештар ва таъсираш зиёдтар аст»[26].

Аз ин љињат андешањои ў имрўз њам барои адабиёт ва муосирон арзиши фаровон доранд. Толис консепсияи аниќи адабии эстетики худро ба вуљуд оварда буд ва худ ба принсипњои тасдик кардааш то охирин лахзањои зиндагї ва эљодаш содиќ буд. Чунин мурољиати ў ба њамќаламонаш, яъне «навиштаи њар рўз, чоп кардан гоњ-гоњ» аз њадафњои усули нависанда буд. Худи Толис ба чопи асарњояш шитоб намекард, онњоро ба устодону дўстони њамќаламаш мехононд ва пас аз тањриру такмили љиддї ба чоп мерасонид. Яке аз дўстони наздики ў, нависандаи забардасти тољик Фазлиддин Муњаммадиев чунин фазилатњои адибро ба ёд оварда, таъкид мекунад, ки «Толис њар коре, ки мекард, њамаи њушу ёди диќќати худро сафарбар ва сарф карда мекард».

Принсипи дигареро, ки Толис њангоми эљоди асари бадеї ба миён гузошта буд, суоли «чї бояд навишту чї тарз бояд навишт?» матрањ месозад. Аз њамин мавќеъ вай суханбофї ва сохтакориро дар адабиёт намеписандид, балки ин амалро чун хуккабозї таъбир мекард. Зиндагиро сарманшаи андеша ва ѓояи нависандагї мешинохт. Балки њаќиќати зиндагї барояш волотар ва њаќиќати сохта буд. Дар ин замина бадеият низ барои ў арзиши воло дошт. Дар ин хусус ба њамќаламони худ мурољиат карда, боре гуфта буд; «модом ки вазифаи мо нависандагон тасвир кардани њаёт ва моњияти халќ бошад, пас дар њаќиќат бояд дар байни омма гардем, дар деги њаёт биљўшем, њамдами њаёт ва њамнафаси халќ бошем». Ва Толис дар тули умри кўтоњаш ба њамин принсип содиќ монд. Нависанда дар чунин мавќеъ дуруст ќарор, ки дошт, ќањрамононаш низ бо боварии тамом «аз китоб ба њаёт ќадам» мегузоштанд.

[26] Атохон Сайфуллоев. Тафаккур ва образ. Душанбе: «Ирфон», 1968, сањ.154

Њамин гуна принсип роњи эљодии Толисро муайян кард ва бењуда набуд, ки устод Айнї мањорати нависандагии ўро эътироф карда, ба номаш мактуби хос навишт. Баъдтар Толис бо таълифи асари љиддї ва барои адабиёти тољик мухим – «Тобистон» -ро собит кард, ки дар адабиёт шахси тасодуфї набудааст. Ин повестро мунаќќидону адабиётшиносон чун «асари марњилавии адабиёти тољик» (Љ. Баќозода) эътироф карданд, ки бархак аст.

Њанўз пештар аз ин арзёбї Мирзо Турсунзода дар анљумани чоруми нависандагони Тољикистон ба ин асар бањо дода, гуфта буд, ки «ман метавонам «Тобистон» ном асари насрнависи боистеъдоди мо Толисро, ки њоло аз ќаламронии ў камолоташ зоњир мегардад, мисол оварам, дар ин повест тиллорезањои характери инсонї бисёр хуб љамъоварї карда шудаанд, ќањрамонони хурду калонсол ба таври зинда тасвир ёфтаанд… Толис њаќиќатан њам ба суханронї ва тасвиркашї заргар шудааст. Мо њар як сањифаи асари ўро бо халоват хондем».

Баъдтар дар пленуми сеюми Иттифоќи  нависандагони Тољикистон низ Мирзо Турсунзода таъкид кард, ки «ман мехоњам такроран ќайд кунам, ки повести «Тобистон»-и Толис ба адабиёти мо чї чизро ато кардааст. Ба ѓайр аз хубии забон, муайян будани характеристикаи ќањрамонон, мустањкам будани риштаи сужетї ва њаячономезу самимї тањрир ба ѓайр аз инњо Толис ба адабиёти мо аз љињати психологї кушода додани образи ќањрамононро дароварда аст. Диќќат кунед, ки нависанда моро ба њељ чиз маљбур намекунад, моро ташвиќ намекунад, балки ба њамаи чизњо худи мо пурра ќаноат њосил мекунем. Тамоми њаракатњои дил ва фикру орзуњои Њасани хурдсол ва таѓои ханноти вай Абдулатиф ана њамин хел хеле нозук ва даќиќ тасвир ёфтаанд».

Повести Тобистон махсули давраи дуюми эчодиёти адиб аст,  ки муњаќќиќон оѓози онро  ба  соли   1954   нисбат медињанд.  Ва давраи аввали фаъолияти ў аз соли 1946 то ба авали солњои панљоњум аст. Дар давраи

аввали эљодиёташ Толис бештар нобанди сунннатњои адабї ва принсипњои бадеию эстетики адабиёти њамон рўзгор буд. Дар давраи дуюми фаъолияти эљодиаш бештар ў чун нависандаи суннатшикан ва тозаљўю нављў арзи индом мекунад. Муњимтарин љустуљўњои адабии Толис ба њамин давраи фаъолияти эљодиаш рост меояд.

Барои он, ки чењраи комили њунарии ин нависандаро пеши назар орем, иљмолан бояд ќадамњои аввалини ўро дар сањнаи адабиёт арзёбї кунем.

Хикояњои «Бародарон», «Модар», «Кацо», «Падарон ва писарон» аз аввалин навиштањои нависанда аст. Табиист, ки мавзўъњои аксари њикояњои дар ин давра навиштаи адиб - љанг ва оќибатњои он аст. Воќеан, њам Толис ваќте ба майдони адабиёт ќадам нињод (1946), ки халќи шўравї захмњои чангро табобат мекард. Бинобар ин њам, чун дар тамоми адабиёти шўравї ин мавзўъ дар эљодиёти Толис низ нуфуз пайдо кард.

Моњияти њикояњои дар ин давра таълиф кардаи нависандаро тањлилу таќриз карда, мунаќќид Љура Баќозода навишта буд, ки «аксар њикояњои ба мавзўи љанг бахшидаи нависанда аз бозгашти њаяљонангези љанговарон-ќањрамонони майдони љанг бањс мекунад. Табиист, ки дар он офаридањо њанўз осори камтаљрибагї њис мешавад. Онњо аксар аз тасвирњои яктарафа ва пардозњои бемаќсад иборатанд. Бояд гуфт, ки чунин тарзи тасвир хоси адабиёти он давр буд. Маќсад аз ин сатрњо нишон додани мањдудияти имконоти бадеию эстетикї ва љустуљўњои эљодии адабиёти он солњо намебошад. Танњо њаминро таъкид кардан лозим аст, ки дар аксари асарњо наќл љои тасвирро мегирад ва баъзан бунёди асар бар тасодуф асос ёфтааст ва асарњои Толис низ аз ин норасоии бадеї ноистисно нест»[27].

Бештари ин норасоињо мањсули назариянњои барѓалати адабие буданд, ки махсусан солњои баъди љанг дасту пои адибонро баста медоштанд ва иродати онњоро зери таъсири султаи фармонраво нигањ медоштанд. Толис

[27] Љ. Баќозода. Нависанда ва идеали замон. -Душанбе: Адиб, 1987, сањ. 175.

низ аз ин гирдоб берун набуд. Мо дар њикояњои «Писарон», «Падарон ва писарон», «Модар» ва ѓайра саъйи нависандаро танњо дар воќеънигории мањз мебинем. Муњимтарин санад дар њикояи «Писарон» ин аст, ки писари хурди Шариф аз љанг меояд, вале модар аз фарзанди калонї Ханиф хати сиёњ мегирад. Вале њамон шаб Њаниф зиндаву саломат бармегардад. Ин њам воќеияти љанг буд дар њикояи «Падарон ва писарон» низ чунин воќеа рух медињад; писари фавтидаи Бобо Зокир низ зиндаву саломат аз љанг бармегардад.

Дар ин њикояњо тасвирнокї барои нависанда кори муњим нест, балки ў дар падид овардани њолатњои рўњиву ќалбии ќањрамонон низ чандон кўшиш надорад. Танњо муњимтарин воќеаву њодисањо дар њаёти инсонњо нависандаро гирифтор медорад ки аз назари њунаршиносї чандон муњим нест.

Баъзе њикояњои Толис, ки дар ин мавзўъ эљод шудаанд, танњо арзиши иљтимої доранд. Нависанда дар њикояњои «Кацо», «Дар бурон», «Писари ў» ба сабабњои пирўзии халќи шўравї бар фашизм таваљљўњ кардааст.

Замоне, ки нависанда ба эљоди чунин асарњо машѓул буд, замони аз будаш зиёд нишон додани воќеияти сохти сусиалистї буд. Њизбу давлат пардозгарї ва рўњбаландкуниро аз њадафњои асосии дастгоњњои таблиѓии хеш шинохта буданд. Бинобар ин њам дар асарњои индавраинаи Толис эњсоси рўњбаландиву ифтихорї аз будаш зиёд назаррас аст.

Бо вуљуди ин камбудињо асарњои дар ин давра эљод кардаи Толис чун њуљљати адабии таърихї аз воќеияти он рўзгор ба мо ќисса мегўяд. Вале чунон ки фармуданд, ќисса аз бањри дафъи малолат нест. Дар он ќассањо низ њиссае аз сарнавишти таърихии мардум њаст. Аз ин љињат чунин навиштањои адиб барои дарки рўњи бунёдкоронаи замон, корнамої ва мењнати љонсупоронаи мењнаткашон арзиши бадеиву таърихї доранд. Дар

ин замона њикояњои «Љавонони завод», «Ишќи касб», «Устои ман» ва ѓайра љолиби диќќатанд.

Толис аз зумраи нависандагоне буд, ки ба таќозои айём љавоб мегуфт. Яъне њадафњои рўзмарра дар навиштањои ў таъкид мешуд. Дар њамин замина вай консепсияи ахлоќиву иљтимоии хешро муайян мекард. Дар ин равиш њикояњои «Рањмат, додар» ва «Муњаббат ва илм»-ро бояд ёдрас кард. Дар њар ду њикоя њам сухан аз мавќеияти иљтимоии шахс меравад. Алї («Рањмат, додар») рўзи дуввуми аз љанг баргаштан ба кори колхоз мебарояд. Хайрию Нўъмон то хатми институт издивољи хешро мавќуф мегузоранд. Дар нигоњи аввал чунин амал сохтаю содда ва аслан бехадаф аст. Вале ин луќмаро низ ба адабиёт воќеияти равон дод. Ваќт эњсоси хотирљамъиро, ки бар зарари пешрафти љомеа буд, намепарварид. Чунин рўњияи зарарноки холабеѓамї ва хатирљамъї як ќисми љавононро фаро гирифта буд. Адабиёт воситаи таблиѓие дар дасти њизбу давлат буд, ки дар ислоњи ин вазъият ба дастгоњњои ќудратї кумак мекард.

Ќисми дигари њикояњои Толис, ки низ хусусияти таблиѓгарї доранд, дар мавзўи љалби љавонон, хоса духтарон ба касбомўзї навишта шудаанд. Дар ин равиш метавон њикояњои «Студентшавандањо», «Мењри модар», «Муњаббат ба илм» -ро ёд кард. Дар ин њикояњо нависанда кўшидааст, ки аз воќеагароии мањз то њадде халосї ёфта, рўњия ва тазодњои ќалбии персонажњоро падид оварад.

Муњаќќиќони таърихи адабиёт дањ соли баъди љангро дар адабиёти тољик, хоса дар наср давраи бонизоъї таъбир мекарданд. Воќеан њам дар ин давра дар асарњои нависандагон низоъ ва задухўрди љиддї, бархўрди фикру аќидањои мухталиф ќариб мушоњида намешавад. Навиштањои ин давраинаи Толис низ аз ин камбудї холї нестанд. Тањо дар баъзе аз њикояњои ў оиди ин ё он масъала байни ќањрамонон нофањмї рух медињад, ки баробари барњам хўрдани ин зиддияти љузъї мушкилот ба амал омада низ њал

мегардад. Дар њикояњои «Бањор», «Студентњо», «Оташи ѓайрат», «Хеши дур», «Дар лаби дарё» ва «Дар сари роњи калон» мо њамин гуна њолатњоро мушоњида мекунем. Дар ин њикояњо зиддиятњои рўњї, ки заминаи иљтимої дошта бошанд, ба назар намерасанд. Сиёсати давр ба нависандагон имкон њам намедод, ки ба жарфои воќеияти љомеаи сусиалистї сар фуру баранд ва тазодњои маънавии ахлоќии ин муњитро падид оваранд. Толис низ аз чањорчубаи вазъшуда берун буда наметавонист. Камбудињои ин давраи осори ў камбудињои давраи тамоми шуравї буданд.

Бо вуљуди ин њикояњои зикршуда ва баъзе асарњои дигари  дар ин давра таълиф кардаи  нависанда билкул беарзиш нестанд. Онњо ќабл аз њама арзиши ахлоќї дошта, масъалањои маънавиёти љавононро низ њаллу фасл кардаанд. Повестњои «Мањмуд» ва «Љавонї» низ дар њамин давра навишта шуда, аз арзиши зикршудаи эљодиёти адиб берун нестанд.

Повести «Махмуд» дар мавзўи истењсоли - синфи коргар навишта шуда, аз ду ќисм иборат аст. Дар њар ду ќисми асар нависанда асосан ба наќли воќеа машѓул шуда, хонандаро ба мањали кори персонаж, технологияи кори матбаа ва љараёни кор дар дастгоњи хуруфчинї шинос мекунад. Ин повест аз тасвир, бархурдњои њаётї ва ифшои њолати инсон орї мебошад. Ба њамин далел муњаќќиќони адабиёти ин давра ин ќиссаро «мањсули давраи навќаламию шогирдии Толис»[28] донистаанд.

Повести «Љавонї» аз сарнавишти колхозчиёни барќарор, Соњиб-амак ва Ашраф-партизан наќл мекунад. Масъалаи истењсолие, ки адиб пеш мегузорад, обод кардани заминњои навкорам аст. Тамоми низоъњои асар низ дар њамин замина њалу фасл гардидааст. Ин асар низ њам аз љињати мавзўъ ва њам интихоби ќањрамонон дар асоси схемаи дар он замон маъмул таълиф шудааст, ки ин њодисаи нописандидаи адабї ба сиёсати таблиѓотии њизбу давлат дар соњаи адабиёт сахт алоќаманд буд. Толис низ дар навиштањои ин

[28] Ниг.: Љ. Баќозода. Нависанда ва идеали замон. –Душанбе: Адиб, 1987, сањ. 179

давраэш ин гуна сиёсатро дастгирї ва пайравї мекард. Ба таќозои сиёсати њизбиву давлатї дар адабиёти ин давра ду чиз мавќеи хос пайдо кард; аввалин мавзўи истењсолї, махсусан бунёди кархонањо ва ободонии заминњои навкорам, дигар офаридани образњои роњбарони њизбиву давлатї.

Толис ба таќозои њамин равиш дар повести «Љавонї» образи парторги колхоз, маъюби љанг Мањмудро офарид. Мањмуд монанди дањњо ќањрамонони ин гуна адабиёти фармуда фаъолу масулиятшинос аст. Ин повест комилан ба таќозои принсипњои бадеию эстетики адабиёти солњои баъди љанг таълиф шуда, аз љињати бадеият ва масъалагузорињо чандон баќувват нест. Дар асар низои ќобили мулоњиза, ки асоси иљтимоиву сиёсї дошта бошад, низ ба назар намерасад.

Камбудии љиддии адабиёти ин davraро муњаќќиќон дар он дидаанд, ки адибон дар асарњои худ аз инъикоси пањлўњои мураккабу душвори воќеият, характери инсон то андозае худдорї кардаанд. Беш аз ин адабиёт диќќати асосиро ба тасвири бадеии рўњи бунёдкоронаи замон, ба фидокорию корнамоињои мењнатии халќ нигаронида, ба душворию норасоињои мављуда танњо ишора кардаасту бас. Бо вуљуди ин назар ба мушоњидаи адабиётшинос Љ. Баќозода «камбудии асосии асарњои истењсолї дар он аст, ки дар ин гуна офаридањо ќайду шарњи касбию техникї љои тадќиќи бадеии инсонро гирифтааст. Табиист, ки чунин усули баён асарро аз инкишофи мантиќи сужет мањрум кардааст. Аз асарњои истењсолї бозёфтњои эљодї, характери инсонро љустан нашояд. Аз онњо воќеиёти пас аз љангро пеши назар овардан мумкин аст»[29].

Њикояи «Муаллим»-ро (1953) аксари онњое, ки доир ба эљодиёти Толис сухан кардаанд, сањифаи тозаи эљоди ў шинохтаанд, ки дуруст аст. Толис бори аввал дар ин њикоя барои падид овардани њолоти рўњии ќањрамон кўшидааст. Дар ин њикоя мисли навиштањои ќаблии ў наќл љои

[29] Љ. Баќозода, њамон љо, сањ.181

асосиро ишѓол намекунад. Нависанда аз наќли зоњирии воќеаву њодисањо худдорї карда, аз рафтору амалиёти ќањрамононаш маънї берун меоварад. Тамоми унсурњои тасвир барои ошкор сохтани њолати ботинии инсон истифода шудаанд. Ин њикоя заминае буд барои густариши тасвири психологї дар эљодиёти нависанда.

Давраи дуюми фаъолияти эљодии Толис ба дараљае рост омад, ки дар њаёти маънавию иќтисодии халќи шўравї дигаргунињои љиддие рух дод. Ин њодиса ба адабиёт низ бетаъсир намонд. Нависандагон хаддалимкон ба масоили ахлок, маънавиёти инсон, шахсият ва масоили ба он вобаста тавањљўњ карданд. Ин таѓирот ба адабиёти тољики ин давра нињоят таъсири мусбат гузошт. Дар ќатори дигар нависандагон назари Толис ба воќеияту, масоили ахлоќи муосирон, муњити маънавї дигар шуд.

Муњаќќиќон дигаргунињои куллиро дар њунари нависандагии Толис баъди таълифи њикояи «Духтар» ва повести «Тобистон» ба мушоњида гирифтанд.

Дар њикояи «Духтар» нависанда сарнавишти занеро ба тасвир гирифтааст, ки њаёти каммояе дорад. Унсурхои тасвири психологй дар ин хикоя мавкеи мухим дорад. Барои амик бурдани тасвири психологй нависанда дар хикоя ду типии аз чихати маънавият ва ахлок хилофи хамро офаридааст. Симои маънавию ахлокии Саломатро ба воситаи ба амал водоштани Гавхар комилан мекушояд. Баъди мунозираи ин ду хонанда ба хулоса меояд, ки Саломатро вокеан хам на ёди падари фавтида, балки кимкадом нияти нопок ба деха овардааст. Ботинии чехраи Саломат низ маънии хастии инсонй ва ахлокии уро хеле дакик ифода мекунад. Аз ин чихат образи чупон аз хикояи «Лолачинй» низ чолиби диккат буда, ин образро адабиётшиносон «яке аз характерхои ачиби адабиёти точик дар нимаи солхои панчохум» ба шумор овардаанд.

Повести толис «Тобистон» соли 1959 ба чоп расид ва чун ходисаи мухимми адабй диккати ахли адабро ба худ кашид.

Нависанда дар ин повест вокеахои замони Чанги Бузурги Ватанй диккат духтааст. Яъне тагиротхои ахлокиву маънавии мухити чомеа тавaччухи уро ба худ кашидааст. Вай ба мо дар бораи ашхоси неку баде сухан мегуяд, ки рафтору кирдорашон сазовори тахаммул аст. Мухимтарин ва фаъолтарин шахсияти ин асар Хасан аст. Нависанда аз нигохи у ба мухит ва рафтору кирдори одамон менигарад, ба сарнавишти ахлокй ва инсонии онон бахо медихад. Ин усул ба нависанда имкон додаст, ки дунёи маънавии кахрамонашро хеле амик ва равшан ифшо кунад.

Дар повест вокеахое накл шудаанд, ки хангоми таътили тобистон аз сари Хасан гузаштаанд. Зимни тасвири ин вокеахо нависанда омилхои асосии ташаккули характери кахрамонон ва таъсири он афродеро, ки бо ибрати мусбат ва ё манфии худ чашми Хасанро ба вокеият кушодаанд ва боиси пайдоиши назари хоси у ба вокеият шудаанд, бо тааннй нишон медихад, ки арзиши фаровони бадей доранд.

Нависанда муваффак шудааст, ки хислати Хасанро тадричан дар рафти инкишофи вокеахо ошкор созад. Хасан аз вокеият натича мегирад, аз рафтору кирдори одамон хулоса мебардорад, мазмуни зиндагй ба амали одамон уро ба андеша во медорад. Ин хама дар ташаккули хислати Хасан роли мухиме бозида, уро чун кахрамон таъмимй махбуби хонанда месозад. Хасани сездахсола дили орзуманде дорад. Мехост сарбози Ватан шавад. Вале такдир уро ба тагояш- Абдулатиф рубару месозад. Нависанда симои зохирй ва ботинии шахсияти мураккаби бадеии Абдулатифро бо камоли махорат тасвир кардааст. Хасан харчанд чашми мушохидакор ва акли даррок дошта бошад хам, зуд ба мохияти мехрубонихои тагояш сарфахм намеравад. Мебинад, ки одамони Зарчашма ба тагояш мухаббат надорад, вале сабаби инро дарк карда наметавонад. Нависнад тадричан Хасанро ба

холе меоварад, ки дар натичаи мушохидаю мукоисаву мукобила ба мохияти аъмоли одамон сарфахм мерафтагй мешавад. Дар натичаи киёс у дармеёбад, ки Шокир-тарошаю Косимчону Карим дигаранду тагояш Абдулатиф дигар. Ин шахсиятхо сабаби рахоии Хасан аз бунбасти зиндагй мешаванд.

Дар тасвири образи Шокир-тароша нависанда хам сухан ва хам тасвирро сарфа кардааст. Ин образ хеле мухтасар аст, вале бори зиёди гоявию бадей мекашад. Шокир-тароша шахси фаъолу тавоно ва хакшинос буда, ба сарнавишти инсон бепарво буда наметавонад. Вай худро дар назди такдири хамаи инсонхо масъул мешиносад. Ба Косимчон мохияти рисолати инсонро дар чомеа фахмонда, ба у таъсири мусбат мерасонад, ба у талкин мекунад, ки хубу зишт ва неку бадро аз хам фарк кунад, ба кадри зиндагй бирасад. Шокир – тароша Хасану Косимчонро аз банди Абдулатиф рахй бахшида, ба ин адлу дод одамият ва ахлоки покро химоят мекунад ва ин боиси пирузии вай мегардад. Хасан дар муносибат бо одамони атрофаш дар бораи инсон ва мавкеи вай андешаи хоси худро пайдо мекунад. Бо таъсири ин ашхос чашмаш ба вокеият кушода мешавад. Вай дар симои одамони нек поядорони зиндагиро мебинад ва ба онхо хусни таваччух пайдо карда, озими рохи интихоб кардаи онон мешавад.

Дар анчоми повест нависанда кахрамонашро дар мурофиа бо худашон танхо мегузорад. Ин мурофиаи чиддй хеле устодона дарёб ва тасвир шудааст. Хасан дар фароварди асар хеле амик меандешад; «Бале, хама маътали гапи ман. Ман бояд чавоб дихам. Пул гирифтан ё нагирифтани Косимчон ба хамин чавоби ман вобаста аст.

Аммо на танхо ин. Ман хис мекадам, ки чавобе, ки хозир мегуям, ба худам низ дахл дорад. Мефахмидам, ки гуё дар пеши ду рох истодам; яке рохи Абдулатиф, Одил- магазинчй ва ин Султоналихон, дигаре рохи Шокир –тароша, Косимчон, чураам Карим.

Ман мебоист аз ин ду рох якеро интихоб кунам.

Охиста аз чоям бархестам».

Хонанда нихоят кор Хасанро дар мавкеияте шинохт, ки мехост ва меписандид.

Вокеияти замона ба бисёр чизхо дасти тахрир ворид кард. Танкиди адабй ба такозои дастурхои сиёсиву ахлокии чомеаи сусиолистй меъёрхои ахлокиеро, ки нависанда аз онхо химоят чустааст, тасвир карда, дастовардхои гоявию бадеии адибро хоси мухити маънавии ин чамъияти ба истилох мутараккй таъбир карда буд.

Хушбахтона, бо дигар шудани меъёрхои назар ба адабиёти ин давра мохияти адабиёти асил, минчумла, бехтарин навиштахои Толис дигар намешавад. Бисёр маколаву рисолахое, ки дар боби эљодиёти Толис навишта шудаанд, бояд тањрир кард.  Вале арзишњои ѓоявию бадеї ва ахлоќии осори ин нависанда, ки дар заминаи арзишњои умуминсонї тарњ ёфтаанд, имрўз низ арзиши хешро аз даст надодаанд.

Ќањрамонони Толис дар рољи таљдиди зиндагї њамрољи њамзамонони мо гом мебардоранд. Навиштањои ин нависандаи тавоно оинаи беѓуборест, ки мо дар он њастии хешро, муосиронро дар ќиёси хубу зишт ва баду нек амиќтар мебинем.

## ЉАНБАИ ТАРБИЯВИИ АШЪОРИ ГУЛЧЕЊРА

Мавзўъ ва мўњтавои кулли осори бадеии Гулчењра Сулаймониро дар маљмўъ масъалаи тарбияи инсони асилу комил, босаводу соњибмаърифат, ватандўсту худогоњу башарпарвар, нотарсу далер ва адолатпарвару њаќталош ташкил додааст. Шоира тавассути шеърњояш инсони кўчаки хешро дар муњити кўдакистону мактаб, дар кўча ва муњити оила, дар

муносибат бо волидайн, бобову бибї, хоњару бародар, дўстону пайвандон ва дар љомеа, дар муносибат ба муњити атроф, ба олами набототу њайвонот ва дар оѓўши Ватани хурду бузург тарбият кардан хостааст. Њар кадом аз ин аљзоъ дар тарбияи инсон наќше доранд ва шоира аз ин њама воситаву љузъиёт њаддалимкон истифода кардааст.

Мусаллам аст, ки дар њама давру замонњо барои тамоми халќияту миллатњо бобову бибињои зинда охирин намоянда ва нишона, номбардору идомадињандаи аљдоду авлод, аслу насаб, њифозаткунандаву нигоњдорандаву барандаи анъанаву суннатњо, урфу одатњо, таљассумгари фарњангу тамаддун, интиќолдињандаи њама андўхтаву таљриба, дастовард, хуллас, бењтарин намунаи нишон додани ибрати шахсї дар рафтору кирдори нек, офарандагию бунёдкорї, фидокорию накўкорї, мењрубонию навозиш ва роњбару рањнамо, устоду муаллим, маслињатдењи беминнат буданду мемонанд. Ва бидуни машварату маслињат ва фотињаву рањнамоии онњо барои оѓози ягон навъи кору кирдор ва фаъолият иќдоме нахоњад шуд ва њар амале, ки бо фотињаи онњо сурат гирифтааст, ба хубї анљом ёфтааст. Инро таљрибаи зиндагии мардум борњо собит кардааст.

Дар ашъори Гулчењра, ки дар ситоиши бобову бибињо гуфта шудаанд, њамин сифат, њамин рисолати онњо бо мењру самимияти тамом зикру баён ва ташвиќу тарѓиб шудааст. Гулчењра нахустин шоираи тољикест, ки дар сифати бобо силсилаи шеърњо навиштааст («Бобоям омад», «Хонаи бобом», «Њадя ба рањгузар», «Ман писари бобом», «Бобои нуктагирам», «Бобоям хоб надорад», «Турна омад»). Ин бобоњо бењтарин сифатњои инсонї дошта, рисолаташон дар зиндагї њалолу пок кор кардану обод намудан ва њамеша номбардору барандаи бењтарин сифатњои аљдодони худ будан аст. Бояд гуфт, ки бењтарин шеърњои адабиёти атфоли тољик дар васфи бобо («Хонаи бобом») ва бибї («Бибиљонам меояд») мањз ба ќалами ин суханвари њунарманд тааллуќ дорад.

Дар шеъри «Ман писари бобоям» ќањрамони кўчаки шоира боифтихор хештанро фарзанди бобо ва љадди бузургашро роњбару рањнамои худ донистааст:

**Ман писари бобоям,**
**Бобоям-рањнамоям.**
**Ман њам мисли бобоям,**
**Кори бисёре дорам.**
**Ба хона чун бобоям,**
**Файзу баракат орам.**
**Њоло набзи заминро,**

**Чун бобоям санљидам.**
**Бо чашмони бобоям**
**Фардои онро дидам.**
**Бобоям марди њунар,**
**Хока гирад, гардад зар.**

Дар шеъри дигар («Сафар») ин ќањрамони хурдсол мехоњад, ки дар кору зиндагї њамеша пайрави бобояш бошад:

**Њар гањ бароям**
**Сайру тамошо,**
**Мањкам гирифта**
**Аз дасти бобо…**
**Бо ифтихоре**
**Ќадам мемонам,**
**Ќадам чун бобо**
**Бардам мемонам.**

Дар шеъри «Бобо-Назар» бобои њунарманду мењнатдўсте васф шудааст, ки дар дењ якто буда, њар панљааш пур аз њунар ва гулдасти бењамтост. Агар ба боѓи бунёдкардаи ў мењмон шавед, аз аќли даррок ва мањсули дасти бунёдкори ў, бешубња, њайрон мешавед:

**Дар боѓи колхозии мо**
**Боре агар мењмон шавед,**
**Дар њар нињол дасти варо**
**Чун дида, њайрон мешавед,**
**Толорњои ангураш**
**Чашми шуморо мебарад.**
**Ноку анору олуро**
**Бобо аљаб мепарварад.**
**Оянд бањри маслињат**
**Аз дуру наздик одамон,**
**Оянд мактаббачањо,**
**Оянд, њатто, олимон!**

Чунонки мебинем, дар шеърњои шоира образи бобоњои мењрубону љонсўз ва мењнатдўсту њунарманд мавќеи муњим дорад. Шоира бењтарин сифатњои характери инсониро бо маќсади таъсири маънавї расонидан ба кўдакон ва тарбияи маънавии онњо тасвир мекунад. Серѓайратї, мењнатдўстї ва њунармандї барин хислатњои неку баргузидаи бобоњо, ки дар шеърњои фавќуззикр бо рангу бори расои бадеї тасвир ёфтааст, аз як тараф, мењру муњаббати кўдаконро нисбат ба бобоњои хеш ќувват дињад, аз љониби

дигар, њусни таваљљўњи онњоро ба мењнат ва њунари дасти инсон афзун мегардонад.

Аз дидгоњи эстетикии Гулчењра мањз бобову бибињо охирин нишонаи зиндаи аљдоданд, ки бо рафтору кирдору гуфтори нек ва амалњои шоиста ба кўдакону наврасон намунаи ибрату пайравї њастанд ва њама корњои наљиб, њама ибтикороту пирўзињо намунаю нишона ва њосили аќлу фаросат ва таљрибаи ѓании зиндагии онњост. Бо ин роњ Гулчењра ба ќањрамононаш гуфтан мехоњад, ки «Бе пир марав ту дар амонї, Њарчанд Сикандари замонї» ва њамеша аз пирони кор, пирони ботадбир бояд омўхт, ба гуфтаашон бояд гўш доду тибќи гуфтору насињаташон амал кард.

Дар шеъри манзаравии «Борон», ќањрамони марказї Бобо рањнамову насињатгару маслињатдењи наберааш Наргис аст, ки боридани борони пайдарпаю зиёд ба табъаш нафорида, зидди ин њодисаи табиї нафрате пайдо кардааст, тасвир шудааст. Бобо ба саволњои бењисоби набера («Кай бас мекунад борон?», «Кай мешавад тобистон?», «Офтоб кай мебарояд?», «Кай замин хушк мешавад?», «Кай кўча мебароям, Пеши дугонањоям?») чунин љавоби оќилонаю пурњикмат дода, нафъу ањамияти боронро барои инсону табиат бозгў кардааст:

**Оѓўш гирифта бобо,**
**Наргиси хурдакакро.**
**Гуфто, ки ин борона,**
**Њар донааш дурдона.**
**Мон, ки биборад борон,**
**Дар фасли навбањорон!**
**Агар наборад борон,**
**Хафа мешавад дењќон.**
**Намешавад тобистон,**
**Ин ќадар њам мењрубон.**
**Намешавад тирамоњ,**
**Зебо мешавад атроф!**
**Кўчањои шањрамон,**
**Оина барин рахшон.**
**Баъди борон кўњу дашт,**
**Шавад боби сайргашт.**
**Сабза расад то миён,**
**Он гањ, бубин, Наргисљон.**
**Бозии гўсоларо,**
**Барраву бузѓоларо.**

**Њама хушу њама шод,**
**Ин ќадар хуб аст њаёт!**
**Пур аз мева, дону коњ,**
**Њама хушку њама зард.**
**Њама пур аз чангу гард,**
**Гулзор-бе гул, љў-бе об,**
**Анњоли замин хароб.**
**Медонї, баъди борон,**
**Ана, он навнињолон.**
**Пањн карда шоху бар,**
**Калон мешавад зудтар.**
**Њаво беѓубору соф.**
**Мурѓон серу молњо сер,**
**Фаровон ширу панир.**
**Мон, ки андар бањорон,**
**Наѓзакак борад борон!**

Бояд гуфт, ки мавзўи борон дар шеъри дигари шоира-«Борони найсон» идома ёфта, муаллиф дар ин суруда аз нигоњи эстетикии хеш зарурати ин њодисаи табииро равшану возењ шарњу эзоњ дода ва бад-ин минвол љанбаи маърифатии шеърро таќвият бахшидааст.

Образи пирони рўзгордида ва, умуман, шахсони калонсол аѓлаби ашъори Гулчењра равшан ба назар мерасад. Чунончи, дар шеъри «Хазинаи Мадина», ки бо услуби анъанавии «Давидему давидем» оѓоз гардидааст, момое тасвир шудааст, ки ба хазинадорї машњур асту кўдакон барои дидани ин хазина рафта, вале ба хазинаи бузурги маънавии ў рў ба рў шудаанд ва ин маъхази бебањо ганљинаест, ки бибии Мадина «тамоми умр» љамъ кардааст: «Љамъ кардаму зам кардам, Аз момоям гирифтам, Аз бобоям гирифтам, Аз шиносу ношинос, Бо њазорон илтимос, Гирифтаму зам кардам, Тўдаву ѓарам кардам, Њамаро як љо кардам, Машњури дунё кардам». Мадина – ин момои афсонасаро бо хоњишу талаби кўдакони маъсум ба гуфтани афсонањо, ки дурри ягонаанд, оѓоз кардааст:

**Ин чї афсонае буд,**
**Дурри ягонае буд!**
**Љавононаш пањлавон,**
**Мисли Рустами достон,**
**Духтаронаш нозанин,**
**Кўдаконаш гул барин,**
**Хурду калонаш шоир**

**Сурудашон беохир...**
**Момо афсона мегуфт,**
**Њар љо тарона мегуфт.**
**Њикмату маќол мегуфт,**
**Барои мисол мегуфт.**
**Байту таронањо гуфт.**
**Ќиссањои худро гуфт.**
**Аз паи баъзеи он**
**Мерафтем то Њиндустон…**

Ин момо, воќеан, кони афсонаю њикмату панду андарз буд ва таассурот аз њамнишинию унсият бо ин бибии хирадманд чунин аст: «Чењраи хуррами ў, Садои форами ў, Забони ширини ў, Баёни рангини ў, Гуфтањои зебояш, Суханњои тиллояш, Њикматњои аълояш, Њар панди бебањояш, Моро моту њайрон кард, Њайрону безабон кард».

Ин Мадина – тимсоли хазинабону хазинадори фарњанги Бухорои Шариф аст, ки њам Гулчењра, њам падари бузургвораш ва дигар нобиѓањои моро тарбия кардаву сабаќи маънавию ахлоќї, дарси саводу маърифат ва одаму одамгариро омўзондаанд. Шоира тавассути чунин асарњои маърифатї аќлу хирад ва маънавияти халќро ба кўдакон нишон додан ва ба онњо омўзонидан хостааст.

Мусаллам аст, ки пас аз бобову бибиву волидайн ва ањли байт наздиктарину азизтарин шахс барои кўдак мураббию муаллим-устод аст. Бењуда нагуфтаанд, ки «Љабри устод бењ зи мењри падар аст» (Саъдї) ва «Њаќќи устод аз падар пеш аст, В-аз падар устод дар пеш аст» (Биної). Мавлоно Абдуррањмони Љомї низ чунин андеша дорад:

**Агар дар љањон набвад омўзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рўзгор.**

Ин бинишу афкори классикони адабиёти тољик дар шеъри Гулчењра «Муаллима» равшан баён шудааст. Шоира дар симои ќањрамони хеш, дар нигоњи ин духтари баобрўи дењотї дурахшидани «аќлу одобу вафо» -ро эњсос намуда, таъкид сохтааст, ки мардуми ќишлоќ барои сифатњои наљиб, аќлу заковату мењрубонї ва зањматкашињову ѓамхорињояш дар њаќќи кўдакон–шогирдонаш ўро азизи худ медонанд:

**Аз калон то хурд дар ќишлоќи мо**
**Дўст медоранд, њурмат мекунанд.**
**Ман шунидам ин ки шогирдони ту**
**Орзу доранд монандат шаванд.**
**Орзу доранд монандат шаванд**

**Хоксору тезфаҳму нуктадон.**
**Боирода, босадоқат, ростгӯ,**
**Меҳрубон устод баҳри бачагон.**

Ин зани заҳматкаши деҳотї ба хотири ба шогирдонаш додани саводу маърифати бештаре то ними шаб ва баъзан то субҳ дар паси мизи корї нишаста, ба ҳар дарсаш омода мешавад, аз китобҳо худ меомӯзаду ба шогирдон меомӯзонад, таълиму тарбияи инсони асил медиҳад. Ин муаллимаи заҳматкашу меҳрубону масъулиятшинос ҳар ҳарфу ҳиљои ёдгирифтаву навиштаи шогирдонашро бодиққат санљидаву натиљагирї карда, бо фараҳу шодї «панљ»-у «чор» баҳогузорї мекунад. Шабу рӯз, шому саҳар мехоҳад шогирдонаш «наслҳои лоиқи даврони мо» шаванд. Ба ин мақсаду нияту ҳадафҳои наљиб ба мактаби азизаш ҳар саҳар ҳамроҳи худ меоварад:

**Фикри нав, маънии нав, эљоди нав,**
**Нақши нав, роҳҳои нав ба нав...**

Аз диди эстетикии Гулчеҳра на танҳо муаллим, балки дигар кормандони мактаб низ мӯнису меҳрубону ғамхори кӯдакон ҳастанд ва яке аз чунин ашхос мураббї (сарвожатий) Содиқ аст, ки симои дилкашу нуронї ва достони қаҳрамониаш дар шеъри ҳамноми «Содиқ» хеле самимї ва бо меҳру муҳаббати бепоён тасвир шудааст:

**Қади болову чашмони дурахшон,**
**Нигоҳи шӯхи хандонаш,**
**Љилои ҳалқаи мӯяш,**
**Ва тарҳи дилкаши рӯяш,**
**Сурудаш, нағмаи тораш –**
**Ҳама меҳру садоқат буд,**
**Ба ҳар кас дарси ибрат буд...**
**Чї хуш Содиқ рафиқу сарвари мо буд...**
**Ба дилҳо меҳри ӯ љо буд,**
**Чї хуш дунёи зебо буд.**
**Бирафту бурд бо худ љамъи дилҳоро,**
**Ҳама ҳуши парешон гаштаи моро...**
**Ба мисли марди майдон рафт...**
**Миёни дуду оташ, сели тӯпу тир,**
**Ҳуљуму ҳамлаи шабгир,**
**Даруни хандақ, андар сӯҳбати ёрон**
**Ба вақти бастани паймон...**
**Ба љанги вопасин андар талоши хунини пуркин,**

**Бишуд ќурбон чу марди номвар Содиќ...**
**Ва дар њар хонаи мо зинда Содиќ,**
**Зинда номи ў, мароми ў, маќоми ў...**
**Ба ёди кўдакї, ёди висоли ў,**
**Ба ёди орзуњову хаёли ў,**
**Ба наздаш сар фуруд орем –**
**Чун бар машъали љовид!**

Аз тасвири шоира чунин бармеояд, ки ашхоси поку наљиб, нотарсу далер, зањматкашу мењрубон ва ба кор содиќ мисли Содиќ дар њама кору фаъолият намунаи ибратанд. Љамъияти инсонї мањз бо кору кирдор ва рафтору амалњои шоёни онњо пойдору барќарор хоњад буд.

Дар манзумаи «Боғи умед» аз Дашти Боло ном дењаи ободе сухан рафтааст, ки мардумаш ањли њунаранду хока гиранд, зар мегардад ва дар байни ањли дењ боз мўйсафеде низ кору зиндагї мекунад, ки ба хотири зањматкашиву ободгариву бунёдкориаш ва ба сабаби эътиќоду имонаш ба њамяроќони дар љанг ќурбоншуда мардуми дењ пеши пояш сари таъзим фуруд меоранд. Ин мўйсафед њар дарахти ин боғро ба хотири њамяроќонаш шинонида, гўё њар рўз аз субњ то шом бо ин њайкалњо сўњбат мекунад ва хотираашонро дар дилу дидааш зинда нигоњ медорад:

**Бобои мо**
**Умри худро**
**Сарфи боғ мекунад,**
**Аз сањарї ёронашро**
**Гўё суроғ мекунад.**
**Баъди салом,**
**Бо њар кадом**
**Ин боғи дилоро**
**Мекунад ў пурсуљў**
**Бо «полки» худ**
**Мекунад ў гуфтугў.**
**Боз аз паи хотирањо**
**Меравад ў то куљо!**

Дарахтон рамзи њайкалњои аскарони дар љанги Гермон њалокшуда њастанд ва ин мавзеъ њоло ба боғи шањидон табдил ёфта, зиёратгоњи пиру љавон ва хурду калони дења ва мањалњои дигар гаштааст. Гўё њар яке аз ин дарахтони Боғи Боло бо чашми гирён ва дилњои пур аз дарду армон мегўянд:

**Бо мардумони љањон,**
**Бо њама хурду калон:**

**Аз нори љанг,**
**Тиру туфанг**
**Алњазар, эй одамон!**
**Бањоратон**
**Бодо њаме бехазон!**

Аз мазмуну мўњтаво ва ѓояи ин манзума чунин бармеояд, ки маќсаду ният ва њадафи ягона–њимояи Ватану таъмини оромию осоиши ањли башар намояндагони халќњои мухталифро бо њам чунон дўсту бародар гардонида буд, ки пас аз маргашон низ аз ёду хотирањои зиндагон, аз љумла ин Бобо фаромўш намешавад ва ў њар рўз, њар шому сањар ба њар дарахти боѓоташ назар кардаву сўњбат ороста, «полк»-ашро ба ёд меорад. Њамин тавр, мењру муњаббати њамяроќон як гўшаи ноободи ватанро обод кардааст ва мардуми дења ба бунёди он санову ањсант гуфтаанд. Ба андешаи мо, чунин тарзи арљгузории хотираи њамяроќон, дўстону пайвандони ќурбоншуда, ки дар ин асар баён шудааст, дар адабиёти мо сухан ё андешаи нав аст.

Асри XV яке аз дурахшонтарин давраҳои таърихи адабиёти форсу точик мебошад. Ин ба фаъолияти адабии хеле сермаҳсули ду намояндаи барчастаи адабиётҳоямон – Абдурҳмон Чомӣ ва Алишер Навой руҳ додааст. Дар ин давр ба туфайли ҳимоят ва дастгирии онҳо натанҳо дар назм, балки дар соҳаҳои дигари санъат-мусиқӣ, наққошӣ, меъморӣ асарҳои шоиста офарида, ба тараққиёти баланд ноил шуданд. Инчунин асарҳои илмӣ – таърихии зиёде ба майдон омад.

Алишер Навой дар баробари он хизмати бузурге, ки дар асоси гузоштан ба назми олии ӯзбек дорад, дар тарғибу ташвиқи осори адибони пеш аз вай гузаштаи форс – точик низ хизматҳои шоистае кардааст. Ӯ шоирони форсӣ-точикигӯи замони худро ҳимоя ва дастгирӣ намуда, ба пешрафти маҳорати бадеии онҳо устодона ғамхорӣ кардааст. Навой дар инкишофи тақрибан ҳамаи соҳаҳои маданияти халқи точик, хоса дар инкишофи адабиёти бадей, илмҳои адабиётшиносӣ ва таърихшиносӣ хизматҳои шоистаи таҳсин кардааст. Камолиддин Беҳзод, Ғиёсиддин Хондамир, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ барин даҳҳо олимону адибон ва санъаткорони точик маҳз ба туфайли ғамхориҳои падаронаи Навой ба камол расидаанд ва асарҳои пурбаҳо навиштаанд.

Навой дар асарҳои машҳури худ «Насоим – ул - муҳаббат» ва «Маҳбуб – ул-қулуб» дар хусуси намояндагони барчастаи соҳаи илм ва адабиёти форс – точик бо муҳаббати фаровоне сухан ронда, ба осори онҳо баҳои баланде медиҳад. Дар тазкираи бисёр пурарзиши худ «Мачолис – ун - нафоис» бисёр шоирони форсӣ – точикгӯи замони худро ёд карда аз осори онҳо намунаҳое меоварад, ки аксари он адиб ва шоирон гумном шуда, осорашон аз байн рафтааст ва мо фақат ба шарофати ҳамин ёддоштҳои ин ҳомии қавии адабиёт дар бораи вучуд доштан ва кӣ будани онҳо тасаввуроте пайдо карда метавонем.

Дар асри XV Ҳирот маркази ҳақиқии илму адабиёт буд. Дар маҳфилҳои адабии он ба назми форсии ҳиндустонӣ, хоса ба эчодиёти намояндаи барчастаи он Хусрави Деҳлавӣ эҳтироми баланд зоҳир мегашт. Дар ин шаҳри илму адабпарвар чамъ омадани тақрибан ҳама намояндагони барчастаи назми форс точики он аср ва дар он чо аз тарафи Навой гузошта шудани таҳкурсии бинои азимӣ адабиёти ўзбек дар ин давра чи қадар аҳамият пайдо кардани алоқаҳои маънавии халқҳои ин қисми қитъаи Осиёро нишон медиҳад.

Ду ҳомии қавии адабиёт – Чомӣ ва Навой кўшиш мекарданд, ки каломи ҳар шоири чавону навқаламро шунида, ба навиштаҳои онҳо баҳо диҳанд. Асарҳои хуб таъриф ва тақдир карда шуда, асарҳои аз чиҳати мазмун ва шакл суст коҳиш карда мешуданд. Дар ин мачлисҳо шоирон бо ҳисси масъулият рафтор мекарданд.

Ба ҳамин тариқ як муҳити дўстӣ, ҳамкорӣ ва робитаи амалан муфиде ба вучуд оварда шуда буд, ки амсоли онро таърихи адабиёти гузаштаи мо кам қайт кардааст.

Дар ду забон – дар забони ўзбекӣ ва форсӣ – точикӣ асарҳои бисёр зебо ва олӣ офаридани Навой, ки дар таърихи адабиёти Шарқ, сазоворона ба унвони бисёр пурифтихори шоири зуллисонайн мушарраф гардидааст, дар адабиёти халқҳои ўзбек ва точик анъанаи дар ду забон шеър гуфтан – дузабонагиро ба вучуд овард. Бо пайравӣ ба ин машъали дурахшони назм бештари шоирони доираи адабии Ҳирот дар ду забон асар офарида, маҳсули эҳсосот ва тафаккури бадеии худро ба хонандагони ҳар ду забон дастрас гардонидаанд, ки оғозкунандаи ин анъанаи начиб Алишер Навой мебошад ва тақрибан тамоми шоирони бузурги баъдина ба вай пайравӣ кардаанд. Ин дар

мустаҳкам шудани муносибат ва алоқаи адабии халқҳои ўзбеку точик яке аз омилҳои муҳим мебошад.

Амир Низомиддин Шайх Аҳмад, ки тахаллуси адабиаш **Суҳайлӣ** аст, аз шоирони боиқтидори асри XV мебошад. Сарчашмаҳои адабӣ маълумот медиҳанд, ки ў ба ду забон-точикию ўзбекӣ эчод кардааст. Суҳайлӣ ҳанўз ҳангоми ҳаёт буданаш девони ашъори худро тартиб додааст. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Мачмаъ–ул-фусаҳо» ном асари худ чунин менависад: «Амир Низомиддин Аҳмад… ду девон: ба туркӣ ва форсӣ тамом карда ва тахаллус аз Шайх Озари Тўсӣ дошта ва маснавии «Лайлӣ ва Мачнун» наз тамом намуда».

Адабиётшинос Р. Воҳидов маълум мекунад, ки ду нусхаи девони ашъори точикию форсии шоирдастрас шудааст. Яке аз онҳо дар ганчинаи

шўъбаи шарқшиносӣ ва осори адабии А Ф Точикистон ва нусхаи дигараш дар захираи дастхатҳои Китобхонаидавлатии Санкт Петербург, ба номи Салтыков- Щедрин маҳфуз аст. Аз мероси ўзбекии Шайхам Суҳайлӣ бошад, то кунун ҳамагӣ се байт маълум асту бас («Ҳақиқати Ўзбекистон», 1970, 27 январ).

Дар ин хусус адабиётшинос А. Афсаҳзод низ фикри чолиби диққате дорад, ки чонибдорӣ мехоҳад: «Дар аксари манбаъҳои адабӣ ва таърихӣ Амир Шайхам Суҳайлӣ чун шоири зуллисонайн номбар мешавад, ки худаш дар замони зиндагӣ девонашро мураттаб карда будааст. Вале Навоӣ ба шеъри туркӣ аҳёнан майл кардани ўро хотирнишон менамояд. Давлатшоҳи Самарқандӣ менависад: «Ва ҳоло ин амири кабири фозил соҳиби ду девон аст, Яке ҳотамаш музайяни девони туркии султони азам аст ва яке қаламаш муҳаррири девони ашъор, ки сафинаи баҳри ҳақоиқ ва ганчинаи рамузи дақоиқ аст, байт:

Ҳотамаш кори чаҳоне ба даме рост кунад,

Қаламаш ганчи маъонӣ ба даме афшонад».

Тазкиранависони минбаъда аксар шояд дар асоси ҳамин гуфтаи Давлатшоҳ бошад, дар туркӣ ва форсӣ ду девон тамом кардани Суҳайлиро зикр мекунанд, вале баъзеҳо танҳо девони туркӣ доштани ўро ном мебаранду бас. Ба ҳар ҳол ашъори туркӣ доштани ў рост буда, аз осори туркии вай то имрўз танҳо 12 байт дастраси мо гардида, гумон меравад (дар ососи гуфтаи

Навой), ки шояд ӯ бо вучуди гоҳ-гоҳешеъри туркӣ гуфтан аслан девони туркӣ надошта бошад:»

Аз мероси ўзбекии Шайхим Суҳайлӣ бошад, то кунад ҳамагӣ се байт маълум асту бас («Ҳақиқати Ўзбекистон», 1970, 27 январ)

Гуфтан лозим аст, ки нусхаи китобхонаи ба номи Салтыков- Щедрин бо бисёрии адади байтҳо, бой буданаш аз маълумотҳои тоза доир ба тарчимаи ҳоли шоир чолиби диққат аст. Дар оғози девон маснавие оварда мешавад, ки оиди зиндагии шоир баъзе маълумотҳо дода метавонад. Чунончи:

К – аз таку пўям сипеҳри баланд,

Чониби Шайх Озарӣ афганд.

Он сухансанч пири соҳибҳуш,

Дошт бар гавҳари ҳадисам гўш…

Чун шуд аз васфи шеърам суда,

Кардамаш илтимоси нобуда.

Битфол мучаллиде бикшод,

Ба Суҳайлӣ башоратам дардод.

Салом аз ёздаҳ набуд фузун

Ки мулаққаб шудам бад–ин мазмун.

Баъди соле аз ин сухан ё кам,

Ачоибҳо намуд афлокам.

Шоҳ Бобур хидеви арсаи даҳр,

К- аз ақолими сабъа будаш баҳр.

Ҳар чи дар муддати ҳаёт андўхт,

Ба газе дар ду газ замин бифрўхт.

Аз ин порчаи шеърӣ маълум мегардад, ки ҳангоме вай бо маслиҳати шоири маъруфӣ асри XV Шайх Ориф Озарӣ тахаллуси Сухайлиро интихоб мекунад, синнаш ба ёздаҳ расида будааст. Аз тарафи дигар, пас аз як соли ин

воқеа шоҳ Бобур, яъне Абулқосим Бобур, ки писари Бойсунғур Мирзо буд, аз олам чашм мепӯшад. Таърих маълум мекунад, ки шоҳ Бобур моҳи марти соли 1457 аз олам гузаштааст. Аз ин фаҳмида мешавад, ки агар Суҳайлӣ дар ин сол дувоздаҳсола бошад, пас ӯ дар соли 1444-1445 таваллуд ёфтааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранависон Шайхим Суҳайлӣ солҳои дароз дар даргоҳи Султон Абӯсаид Мирзо, пас дар дарбори Султон Ҳусайн Бойқаро мулозимӣ кардааст. Ӯ бо вучуди аз аҳли дарбор будан мисли Навой, ки низ аз вазирони Ҳусайн Бойқаро буд, каси ахлоқаш ҳамида ва шоиру адабпарвар буда, аксари вақти худро дар сӯҳбати аҳли камол, хидмати олимон ва адибон мегузарондааст ва бо Чомиву Новой, Хусайн Воизи Кошифӣ, Осафӣ, Беҳзод ва дигарон дӯсту ҳамнишин будааст. Инчунин мутахассисон таъкид мекунанд, ки Суҳайлӣ ҳамеша дар маркази воқеаву ҳодисаҳои адабии замонаш меистодааст ва дар муҳокимаю баҳсҳои адабӣ мавқею манзалати хосе доштааст. Вай монанди Чомиву Навой “Ҳамса”ро чавоб гуфтааст ва дар пайравии қасидаи “Дарёи аброр”-и Хисрави Деҳлавӣ, ки ба он чандин шоирони асри XV, аз он чумла Чомӣ ва Навой назира навиштаанд, қасидае эчод кардааст. Суҳайлӣ чор писар доштааст, ки паси ҳам аз олам чашм мепӯшанд ва шоири аз ғаму андӯҳи фарзандонаш фартутгардида дар синни 56-57 солагӣ вафот кардааст.

Хулоса бо вучуди ин адабиёти ин давраи халқҳоямон рангу бӯи хоса дорад. Аз ин рӯ ҳақ ба чониби устоди насри точик Сотим Улуғзода аст, ки чунин менависад: «Санъату адабиёти ӯзбекҳо ва точикҳо бо вучуди ҳамреша ва ҳамранг будан боз ҳар кадом «таъм» - и хоси худро дорад. Инҳо ба масал ду бародаре мебошанд, ки бо вучуди монандии шаклу шамоил боз ҳар кадоме овози хос, тобишҳои рӯҳиёт ва маънавиёти хос, шахсияти хосе доранд. Гули садбарги сурх ва сафед ҳар ду гуланд, аммо нашъаи ҳар кадомашон боз дигар аст. Гулистон агар танҳо аз гули сурх ё танҳо аз гули сафед иборат мебуд, чандон диловез намеафтод. Зебой ва деловезии гулистони маданияти Ватани мо ба рангорангии он аст. Оё ҳусн ва таровати баҳор рангу бӯҳои мухталифи он нест? Омоли мо, маром ва маслаки мо як аст, ҳамаи мо зебоиро ба як андоза мепарастем, вале зебоиҳоро бо обу рангҳои хос ва нигориши хоси миллии худ меофарем. Ба масал, хати настаълиқ (агар моддаи ташбеҳро аз ҳунари хушнависии алифбои собиқамон бигирем) якест, вале боз ҳар хушнавис хоси худро дорад».

Асосгузори адабиёти ӯзбек, мутафаккири бузург Алишери Навой бо мероси бои худ – панч достони «Хамса», чор девони ашъор, даҳҳо асарҳои

илмӣ ба худ дар дили халқ мучассамаи бузург гузоштааст. Ин аст, ки беш аз панч аср боз чароғи умру мероси ӯ забона мезанад, дар дилу дидаи мардум меҳру сафо меёбад.

Ин суханвари мумтоз ва боистеъдод, ки дар майдони адабиёт ҳамеша роҳи навро чустучӯ мекард, бо адабиёти халқҳои ҳамсоя, аз чумла бо адабиёти бою куҳани точик наздикӣ ва ҳамдастии адабии ибратангезе дошт.

Адабиёти бои точик дар ташаккул ва такомули маҳорати шоирӣ ва олимии Алишер Навой роли чудогонае бозидааст. Навой асарҳои бадеии суханварони точику форсро суботкорона меомӯхт. Аз сюжету образҳо, ғояву мавзӯъҳо, жанру тарзи нигориши адабиёти точику форс баҳраманд гашта, адабиёти туркизабонро сайқал медод. Ин буд, ки минбаъд Навой дар таъсири «Хамса»-и Низомӣ «Хамса»-и худро эчод мекунад. Аз 2600 ғазали худ қариб 600 тоашро зери таъсири фараҳбахши Ҳофиз ба забонҳои точикӣ ва ўзбекӣ суруда, мақому мартабаи Ҳофизи Шерозиро дар жанри ғазал такрор ба такрор қадршиносона ба қалам мегирад. Чи тавре ки олими муаррих Хондамир ёдоварӣ мекунад. Навой дар солҳои охири ҳаёти худ, баъди таълифи тақрибан ҳамаи асарҳои барчастааш, чун шогирд ба дарсҳои олими адабиётшиноси точик Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ иштирок кардааст. Баъди гӯш кардани дарсҳои Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ асарҳои «Мачолис-ун-нафоис», «Муҳокамат-ул-луғатайн», «Мизон-ул-авзон»-ро аз нав таҳриру такмил додааст.

Президент И.А.Каримов дар китоби нави худ «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир» дар бораи ин суханвари хирадманд – Алишер Навої, ки ба ташаккули олами маънавии халқамон таъсири ниҳоят пурзӯр ва самаранок расонидааст, бо фахр сухан гуфтаанд. Сарвари давлатамон ба ин зоти бузург, ки дар таърихи шуури тафаккур ва маданияти бадеии халқи мо як давраи томро ташкил додааст, чун ба авлиёи авлиёҳо, мутафаккири мутафаккирҳо, султони шоирон таъриф додаанд.

Адабиёти бои точик дар ташаккул ва такомули маҳорати шоирӣ ва олимии Алишер Навой роли чудогонае бозидааст. Навой асарҳои бадеии суханварони точику форсро суботкорона меомӯхт. Аз сюжету образҳо, ғояву мавзӯъҳо, жанру тарзи нигориши адабиёти точику форс баҳраманд гашта, адабиёти туркизабонро сайқал медод. Ин буд, ки минбаъд Навой дар таъсири «Хамса»-и Низомӣ «Хамса»-и худро эчод мекунад. Аз 2600 ғазали худ қариб 600 тоашро зери таъсири фараҳбахши Ҳофиз ба забонҳои точикӣ ва ўзбекӣ суруда, мақому мартабаи Ҳофизи Шерозиро дар жанри ғазал такрор ба

такрор қадршиносона ба қалам мегирад. Чи тавре ки олими муаррих Хондамир ёдоварӣ мекунад. Навой дар солҳои охири ҳаёти худ, баъди таълифи тақрибан ҳамаи асарҳои барчастааш, чун шогирд ба дарсҳои олими адабиётшиноси точик Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ иштирок кардааст. Баъди гӯш кардани дарсҳои Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ асарҳои «Мачолис-ун-нафоис», «Муҳокамат-ул-луғатайн», «Мизон-ул-авзон»-ро аз нав таҳриру такмил додааст.

Алишери Навой дар достони «Ҳайрат-ул-аброр» боифтихор қайд менамояд, ки дар майдони адабиёт ӯро Низомии Ганчавӣ, Хисрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Чомӣ барин суханварони бузург мададгоранд:

Чун ниҳодам бар раҳи матлаб қадам,
Дорам уммеде агар гирам қалам,
Кошкї бошад Низомӣ раҳбалад,
Даррасад аз Хисраву Чомӣ мадад.

Ё ин дар достони «Фарҳод ва Ширин» дар бораи бузургӣ ва маҳорати баланди шоирии ин намояндагони адабиёти точик чунин менависад:

Ду пил бошад агар Хисрав, Низомӣ,
Бувад сад пил, бал аз он беш Чомӣ.
Худашро як чаҳони бекарон дон,
Чу худ рушду камолаш як чаҳон дон.

Алишер Навой на танҳо аз мактаби адабии точику форс баҳра бардошт, балки дар рушду камоли он низ саҳми муносиб мегузошт. Вай ҳамчун вазир ва арбоби барчастаи давлат ба илму фан, санъату адабиёти асри ХУ сарпарастӣ мекард, ба бисёр чавонон, аз чумла ба шоири боистеъдоди точик Аҳлии Шерозӣ, Хондамири муаррих, Камолиддин Беҳзоди наққош маслиҳатгару ҳимоятгар буд. Ба ғайр аз ин Навой як қисмати фаъолияти илмию шеърияти худро ба назми точику форс бахшидааст. Дар ин бобат алалхусус «Муҳокамат-ул-луғатайн», ки дар он забонҳои ӯзбекию точикӣ қиёсан омӯхта шуда, хазинаи ин ду забон тадқиқ карда мешавад, ё худ «Мачолис-ун-нафоис», ки дар бораи шоирони асри ХУ-и точик маълумоти бебаҳо медиҳад, мақоми хосе доранд. Навой бо ашъори точикии худ, ки дар «Девони Фонӣ» гирд оварда шудаанд, ба ривочи шеъри точикӣ-форсӣ саҳми муносиб мегузорад. ғазалҳои точикии ӯ ҳамчун дурдонаҳо хазинаи назми точикро зеб медиҳанд.

Ҳангоме ки сухан аз дӯстии халқҳои аслан бародари точику ӯзбек меравад, албатта, номи фарзандони асили ин ду халқ - Чомӣ ва Навой бо эҳтиром ба забон гирифта мешавад. Зеро дӯстии Алишер Навой ва Абдураҳмони Чомӣ дар китоби ибратангези ин халқҳо саҳифаи дурахшон ва босафо ҳисоб меёбад.

Дӯстии сафобахши Чомию Навой дар масъалаҳои гуногун, дар шаклҳои рангоранг ба назар мерасад. Тачассуми ин дӯстии ибратангезро ҳам дар масъалаҳои оддии зиндагии шахсӣ, ҳам дар масъалаҳои муҳими сиёсию ичтимоӣ, ҳам дар соҳаи эчоди бадей, ҳам дар парваришу маслиҳатгари

адибону олимони чавон будан ва ғайра равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Ин мутафаккирони бузург дар асарҳои худ доир ба ҳамдигар суханони оличаноби самимӣ гуфтаанд, бо маслиҳати ҳамдигар асарҳои илмию адабӣ таълиф намудаанд, ба ҳамдигар асарҳо бахшидаанд, бо маслиҳати ҳамдигар ба корҳои муҳими чамъият камар бастаанд. Ин аст, ки Навой дар «Мачолис-ун-нафоис» зикри устоди худро ин тавр ба қалам мегирад: «То чаҳон боқист хотираи мунаввари эшон аз аҳли чаҳон коста нахоҳад шуд ва то сипеҳри гарданда боқист, дили равшани эшон аз фавоиди халоиқи даврон бардошта нахоҳад шуд…

Ё раб, ҳама дурри маъниро уммоне,
Бар гавҳари фазлу илму дониш коне.
Бар аҳли чаҳон чу кардӣ онро чоне,
Ин чон ба чаҳониён бикун арзонӣ».

Ё ин ки Навой дар «Маҳбуб-ул-қулуб» дар бораи устоди худ Чомӣ бо самимияти хос чунин менависад: «… дар ҳар боби назм беназир буданд, чунки дар маҳорати шеъргўй ба таъриф намеғунчиданд, лекин дар ҳар услуби шеър чаҳонгир буданд. Ва дар назм бо ҳар шеър оташи ишқ ба олам меафканданд. Бо ҳар байти шеър олами дилу аҳли чонро месўхтанд»,

Навой Чомиро дар «Арбаин» ном асараш пири худ, устоди худ, қиблаи худ меномад. Ин эътироф ва эҳтироми бузург аз қаъри дили соф, бо тамоми дилу чон гуфта шудааст. Он шаҳодати садоқат ва самимияти бепоёну бекина ва шогирдонаю дўстона аст:

Бар сафокешҳо покфарчоме,
Покфар чому покфар Чомӣ.
Дар сари ҳар фано дастгир моро,
Қиблаву устоду пир моро.
Ки чаҳонро гирифта таснифаш,
Назмдевону насртаълифаш.

Ҳамин меҳри бепоён, беғашу бекинаи устоду шогирд буд, ки Навой асари устоди худ «Нафаҳот-ул-унс»-ро ба ўзбекӣ тарчима ва мукаммал сохта, бо номи «Насойим-ул-муҳаббат» таҳия мекунад, «Дар васфи эшон (яъне мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Чомӣ - А.С.) забони хома лол ва хомаи забон шикастамақол аст» гўён устоди худро васф мекунад.

Ин дўстии устоду шогирд тарафайн буд. Абдураҳмони Чомӣ шогирди туркизабони худ – Алишери Навоиро бо устодони бузурги сухан Низомӣ, Хисрави Деҳлавӣ баробар қадр карда, асарҳои ўро маҳсули баланди шоирӣ меҳисобад. ¤ дар хотимаи «Хираднома и Исандарӣ» назми гуҳаррези шогирди худро ин тавр қадршиносӣ мекунад:

Ба туркизабон нақше омад ачаб,
Ки чодудамонро бувад мўҳри лаб.
Зи чарх офаринҳо бар он килк бод,
Ки ин нақши матбў аз он килк зод!
Бубахшид бар форсигавҳарон,
Ба назми дарӣ дурри назмоварон.

Ки гар будӣ он ҳам ба лафзи дарӣ,
Намонди мачоли сухангустарӣ.

Оре, дӯстӣ ва ҳамдастии адабии ин ду адиби бузург басо ибратангез аст. Баъди вафоти Чомӣ Навой бо номи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» китобе таълиф менамояд, ки он аз муътамадтарин манбаъҳост дар бораи Абдураҳмони Чомӣ. Ё ин марсияи Навой ба муносибати вафоти Чомӣ аз марсияҳои дилгудозтаринест дар адабиёти классикиамон. Дар он дили ҳассоси Навой аз чудоии устод, аз марги ҳамрози самимӣ ва дӯсти наздики худ реш-реш ба қалам омадааст.

Ҳамин тавр, дӯстӣ ва бародарии ин ду нобиғаи даврон саршори мисолҳои ибратангезанд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки онҳо ҳамкорӣ-ҳамдастии адабии ин ду халқи аслан аз як гил сириштаро қадру шукӯҳи тозае бахшидаанд. Ба халқҳоямон, ки аз қадим дар як сарзамин камол ёфта, асрҳои аср ҳамнафасона умр ба сар мебаранд, дӯстии самимона, беғашу беғуборро мерос гузоштанд.

Бузургтарин шоири мутафаккири ӯзбек Алишер Навої бо мероси бои худ – панљ достони «Хамса», чор девони ашъор, даҳҳо асарҳои илмиаш дар дилу дидаи халқҳо ошён гузоштааст. Ин аст, ки беш аз панљ аср боз чароғи умру мероси ӯ фурӯзон аст, дар дилу дидаи мардум меҳру сафо меёбад.

Президент И.А.Каримов дар китоби нави худ «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир» дар бораи ин суханвари хирадманд – Алишер Навої, ки ба ташаккули олами маънавии халқамон таъсири ниҳоят пурзӯр ва самаранок расонидааст, бо фахр сухан гуфтаанд. Сарвари давлатамон ба ин зоти бузург, ки дар таърихи шуури тафаккур ва маданияти бадеии халқи мо як давраи томро ташкил додааст, чун ба авлиёи авлиёҳо, мутафаккири мутафаккирҳо, султони шоирон таъриф додаанд.

Ин суханвари мумтоз ва хушсалиқа бо сад ҳазор байти эљодкардаи хеш аз љиҳати сифату миқдори ашъор ҳамчун пешқадамтарин шоири асри XV эътироф шудааст. Ӯ аз оғоз ба ду забон асарҳо эљод намудааст. Ин аст, ки аз се як қисми эљодиёташ ба форсї-тољикї мебошад. Ба ин маънї устоду дӯсти бемислаш Абдураҳмони Љомї дар «Баҳористон» менависад: «…вайро ба ҳасби қуввати табиат ва вусъати қобилият ҳар ду навъи шеър – туркї ва форсї муяссар аст».

Дар ташаккул ва таҳаввули маҳорати эљодии Алишер Навої таъсири пурфайзи назми чандинасраи форсї-тољикї ва эљодиёти суханварони барљастаи он ниҳоят калон мебошад. Мегӯянд, ки ӯ ҳанӯз дар сесолагї як ғазали Саидқосими Анворро дар ҳузури меҳмонони шеършиносу шоиртабъи падараш азёд хонда, ҳозиронро қоил карда будааст. Минбаъд муҳити

шеърпарвари оилавї ба вусъати маҳорати форсигўии Алишери хурдсол мусоидат кард. Табъи шоирии ўро сайқал дод, шавқу завқ ва майлу рағбаташро ба шеъри форсї-тољикї зиёда намуд. Ин буд, ки аз синни ҳаштсолагї ба эљодиёти Саъдї, Фаридаддини Аттор дилбастагї пайдо карда, китобҳои «Бўстон» ва «Гулистон», «Мантиқут-тайр»-ро гаштаю баргашта ҳарисона мутолиа намуд, ба сухангустарии муаллифони онҳо меҳри беандоза баст. Кор ба љое расида буд, ки аз таъсири «Мантиқут-тайр» гоҳо худашро гум ҳам мекард. Падари соҳибзавқаш аз ин ҳолат тарсида, китобро руст кард. Аммо Алишербеки ҳаштсола бо матни ёдшудаи ин китоб шабро рўз мекард. Таъсири ин китоб ба ў чунон рўзафзун буд, ки дар поёни умраш онро бо номи «Лисон-ут-тайр» ба ўзбекї тарљума намуд. Минбаъд ашъори гуҳаррези Низомї, Хусрави Деҳлавї, Фирдавсї, Камоли Хуљандї, Ҳофиз, Љомї ва дигарҳоро паи ҳам ёд кард, зина ба зина аз латофату малоҳати онҳо бархурдор гардид. Ба ин маънї дар оғўши шеъри форсї-тољикї зисту дар заминаи он камол ёфт. Ба ин забон бо тахаллуси Фонї ашъори дилкаше офарид, ки рангу бўи хоса дорад.

Ашъори ба забони форсї-тољикї офаридаи Фонї дар «Девони форсї» -аш гирд оварда шудааст. Қисмати зиёди ин ашъор дар тазмину љавоб ва татаббўъи суханварони номдори форсу тољик эљод шудаанд. Шоир дар як қитъаи худ оиди назираву татаббўъоти хеш андеша ронда, бо камоли шикастанафсию хоксории ба худ зебанда ин тавр мегўяд:

Татаббўъ кардани Фонї дар ашъор

На аз даъвию не аз худнамоист,

Чу арбоби сухан соҳибдилонанд,

Муродаш аз дари дилҳо гадоист. [3)]

Дар «Девони форсї  љавобияҳои ў ба Шайх Саъдї, Шайх Камол, Амир Хусрав, Хоља Ҳофиз, Саидқосими Анвор, Маҳдумї (Љомї) дар шакли ғазалиёти рангину хотирнишин љой гирифтаанд. Онҳо гувоҳї медиҳанд, ки Фонї дар асри XV – «асри ғазал» ба забони форсї-тољикї ашъори дилангез эљод карда, дар ин «марвориди сухан» (таъбири Љомї-А.С.) ба тозагуфторию комёбиҳои беназир соҳиб шудааст.

Як љавобияи Фонї ба ғазалиёти Саъдї «Татаббўъи ҳазрати Шайх» унвон гирифтааст. Матлаи он (Чашмам чу бар он рўи чу рашки қамар афтод,

- Аз чашм давид анчуму бар рӯй дарафтод) мавзӯи ишқи заминӣ доштани шеърро ёдрас мекунад. Дар байтҳои минбаъда ин мавзӯъ тасвири љамоли маъшуқа, кайфияти рӯҳонии ошиқ, азоби љонгудози ҳиљрон, меҳнати дурӣ ва монанди инро фаро мегирад. Шоир баёни ваъдахилофии маъшуқа, ғами људоӣ (Шомам, ки зи ҳиљрони ту шуд рӯзи қиёмат, - Чун рӯз шудам, ваъда ба рӯзи дигар афтод), ормонҳои ошиқ (Дар ҳасрати бӯсе, ки ба љонам зи лабат буд, - З-он лаъл чи хунҳо, ки маро дар љигар афтод) ва дигар лаҳзаҳои ишқро бо беҳтарин алфози тарабангез ба қалам мегирад. Дар байти ҳафтум бошад, эҳтирому самимияташро ба ғазалҳои Саъдӣ зоҳир намуда, пайрави ӯ буданашро хоксорона ифода мекунад:

Фонӣ ба раҳи Саъдӣ агар зад қадаме чанд,

Бо ӯ суханаш бин, ки чу ширу шакар афтод.

Байти мақтаъи ғазал ҳусну љамоли оламгири маъшуқаро хотирмон карда, чун санъати раддулматлаъ мазмуни байти аввалро ба тарзи баргардониш пурқувват менамояд. Яъне шоир мегӯяд, ки аз лаҳзаи хурсандибахши дидор, аниқтараш аз партави иксири вуљуди маҳбуба (иксир љавҳари афсонавиест, ки гӯё ба воситаи он мисро ба тилло табдил додан мумкин аст – А.С.), хок ҳам ба зар табдил ёфту замону макон ҳам рангу бӯи дигар гирифт. Ба ин маънӣ, ишқ манбаи ғаму шодӣ, хамирмояи сиришту пайванди ҳастӣ мебошад, мегӯяд шоир:

Не-не, чӣ ҳад он гаҳ, ки дарояд ба муқобил,

К-аз партави иксири вай ин хок зар афтод.

